ИСКАНДАРИ РАҲМОН

ДОҒИ ҚИСМАТ

ДУШАНБЕ
«Ирфон»
2017

https://bikhon.tj/

ББК 84 тоҷик 7 - 4
Р – 46

Китоб бо ибтикор ва ҳимояти Раиси шаҳри Панҷакент, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Ислом Зиёзода ба нашр расидааст.

Р – 46 Доғи қисмат. – Душанбе: «Ирфон», 2017, 154 саҳ.

Ин китоб армугонест ба пешвози 20-умин солгарди Ваҳдати миллӣ, ки дар партави дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба нашр мерасад.

Дар қиссаи «Доғи қисмат» муаллиф кӯшидааст, нобасомониҳо ва воқеияти ҳузновари огози солҳои навадуми асри гузашта, парешониву шикастҳои ҷомеаи ноогоҳ, оқибатҳои фоҷиабори ҷанги шаҳрвандиро дар мисоли як хонавода бо пардози бадеӣ тасвир кунад. Имрӯзиён ва фардоиён бояд аз ангезаҳо ва ҳақиқати пурмоҷарои гузашта огоҳ бошанд, барои хеш сабақ бардоранд ва ба хотири якпорчагии давлату бақои миллат ваҳдату суботу амониро посдорӣ намоянд.

Китоби «Доғи қисмат» аз қиссаҳо, ҳикояҳо ва баёзи андешаҳо иборат аст.

ISBN 978-99975-0-719-8

ББК 84 тоҷик 7 - 4

©Искандари Раҳмон, 2017

https://bikhon.tj/

ҚИССАҲО

ДОҒИ ҚИСМАТ

Вақте ки заҳрпечаки дард ба ниҳоли қоматаш печид, Садбарг ба худ фоле баст, ки дигар сар барнахоҳад дошт. Чеҳрааш ранги зарди моҳ гирифт. Даруни бистари беморӣ дастаи гул хазон мешуд. Бо нафас хирмани оҳ бод мекард.

-Рухсора! -мегуфту мегирист. То он замон Садбарг чӣ будани дардро намедонист.

-Фолбин мегӯяд, ки ба ту ҷоду хӯрондаанд. Вой, рӯякам сиёҳ! Ҷодугирро овардан даркор! -холаи Шакармоҳ гӯё ҷойи нишаст намеёфт, лаънати ҳарду дунёро ба сари бадхоҳону бадандешони духтараш бор мекард.

Шерзод чора надошт. Бо дили нохоҳам роҳи ҳамсоядеҳро зери кафш кашид. Зани ҷодугирро овард. Ҷавонзани чобуку чаққоне будааст. Шерзод аранге дид, ки он зан осемасар таҳи кӯрпаи Садбарг даст хаст. Сипас остин барзада, ду ангушт ба ҳалқи Садбарг андохт. Дили Садбарг беҷо шуд, беихтиёр қай кард.

-Ку, ин сӯ, он сӯйи касалро нигоҳ кунед, ҷоду афтод, ё не!..

Модари содаву зудбовари Садбарг кӯрпаро таҳурӯ карда, чизе ба даст гирифт. Онро дида, ҷодугир:

-Хайрият, хайрият. Ҷоду аз баданат берун шуд. Акнун сиҳат мешавӣ, -мегуфт.

Шерзод аз доми андешаҳо раҳоӣ ёфтан мехост: «Ин занак моро гӯл мезанад, мардумро фанд дода, ду сӯм пул гирифтанаша медонад. Баъди рафтани ӯ бемор мемурад, ё зинда мемонад, барояш фарқе надорад. Охир, беинсофӣ ҳам ҳад доштагист?!»

Гоҳи гусел холаи Шакармоҳ зани ҷодугирро дуои нек мекард.

https://bikhon.tj/

Рӯзи дигар Шерзод Садбаргро ба беморхонаи маркази ноҳия бурд. Аён шуд, ки Садбаргро бемории домана домангир шудааст.

Духтур гуфт, ки дард маътал намешавад.

-Замони шӯравиро об бурд. Ҳозир беморон дорую даворо аз кисаи худ пул дода мехаранд. Дигар илоҷ нест. Шумо ҳам аз пайи пайдо кардани пул шавед, додар!

Шерзод шитоб дошт. Зудтар ба Боғи Баҳор расидан матлабаш буд.

- Аз куҷо пул ёбам? Аз кӣ қарз пурсам? -бори ин ду савол раҳораҳ қомати андешаи Шерзодро шикастан мехост.

Имрӯз Шерзод барин нафароне, ки ҷойи кору даромади аниқ надоранд, хеле зиёданд. Дар аввал гумон дошт, ки мушкилоти давру замон ду-серӯза аст. Вале аҳволи халқ рӯз аз рӯз бадтар гардид. Мардум худро ба чаҳор сӯ мезананд, то ки нони якрӯзаи аҳли байташонро дарёбанд. Як танга пул таҳи сад ман хок,- гуфтаанд. Дар чунин солу замона пул аз куҷо? Камбағалро аз болои уштур саг мегазад, гуфтани халқ низ рост будааст. Садбарги зебову меҳрубон бемори бистарист. Акнун Шерзод бояд барои табобати Садбарг пул пайдо кунад. Шерзод мехост, ба ҷойи Садбарг бемор бошад. Не, не, бемордорӣ сахт ҳоле будааст, бамаротиб мушкилтар будааст аз беморӣ. Агар Шерзод бемор мебуд, аён аст, ки Садбарг ӯро бемордорӣ мекард. Вале Шерзод намехоҳад, ин бори вазнин, ки имрӯз ӯ бар дӯш дорад, рӯйи шонаҳои нозуки Садбарг фарояд.

-Пул аз куҷо ёбам? Қарз аз кӣ пурсам? Балки модаговро фурӯшам?!

Аз куҷое овози Садбарг омад:

-Не, намегузорам, ки говро фурӯшед!

https://bikhon.tj/

-Ҷони ширин, Садбаргҷон, ман говамонро аз ноилоҷӣ мефурӯшам. Мехоҳам бо пули он ту аз чанголи беморӣ амон ёбӣ.

-Отаи Рухсора, худатон медонед, ки зиндагии мардуми кӯҳистон бе гови дӯшоӣ маънӣ надорад. Шукр, ки ҳамин говро харидаему дар ин рӯзҳои сахт ширу ҷурғоташ шикамамонро сер медорад. Нисфи умратро деҳу дӯшоӣ хар, гуфтаанд.

-Вале ман мехоҳам, дӯшоиро диҳаму умри туро харидорӣ кунам…

-Отаи Рухсора, Агар говамонро фурӯшем, радди ширпевоз мешавем. Аз қатор баромадан хуш нест.

Дар деҳаи Боғи Баҳор одате ҳаст, ки занҳои ҳар гузар сапедадам шири говашонро дӯшида, аз рӯйи навбат ба як нафарашон мебаранд. Ин анъанаро ширпевоз ном аст. Агар зане ба шири дӯшидааш об омезаду фош шавад, ҳама ӯро нафрат мекунанд. Покизагии шир як андоза нишони покизагии бонувон шинохта мешавад.

Шерзод бори нахуст худро бечораву нотавону хор ҳис мекард. Агар ғурури мардӣ иҷозат медод, зор-зор мегирист…

* * *

Субҳи рӯзи дигар Шерзод тамоми дорухонаҳоро давр зада, давоҳои фармудаи табибонро харида овард.

-Аз куҷо пул ёфтед? -мепурсид Садбарг.

-Дирӯз хабари бемории туро шунида, раис ба хона омад. Аз ман аҳволи туро пурсид. Вақти рафтанаш ба кисаам маҷбурӣ пул андохт.

-Кадом раис?

-Фузайл, раиси колхоз.

Садбарг шукрона мекард, ки дар ҷамъият одамони нек ҳастанд. Якто чунин одам Фузайл. Ғами халкро мехӯрад, дасти дармондагону бечорагонро мегирад.

Албатта, ҳама кас Фузайлро хуш надорад. Масалан, мудири фермаи колхоз Шодӣ. Вай депутат

https://bikhon.tj/

шудан мехост, вале мардум Фузайлро интихоб карданд. Шодӣ барои мансаби раисӣ талош кард, боз ҳам дигарон Фузайлро арзанда донистанд. Мегӯянд, ки агар ба ҷойи Фузайл каси дигаре раис мешуд, зуд Шодӣ бо ӯ унс мегирифт, ҳамдилу ҳамзабон мегардид. Он гоҳ дукаса нисфи моли фермаро обулой мекарданд. Вале Фузайл дигар аст. Намегузорад, ки Шодӣ аққалан як бузғоларо тӯъмаи гурги нафсаш гардонад. Аз ҳамин сабаб Шодӣ Фузайлро душмани худ меҳисобад. Забонаш ба раис салом медиҳаду дилаш ҳақорат. Агар раёсат ба дасташ меафтод, ситораи Фузайлро аз осмон меканд. Мегӯянд, ки аз сари кинаву адоват сагашро Фузайл ном додааст. Ба ёронаш мегуфтааст, ки як рӯз не, як рӯз навбати аз косаи давр об хӯрдан ба мо мерасад. Ҳа, пайт мепояд Шодӣ, бовар дорад, ки Фузайлро ғофилгир мекунаду аз курсӣ мефарорад. Орзуи раисшавӣ аз дилаш ҳеҷ не, ки равад. Вале ту ҳушёриро аз даст надеҳ, Фузайл! Душмана хасаш бас гуфтаанд. Нокасон барои мансаб аз ҳеҷ пастигарӣ рӯй наметобанд.

* * *

-Оча, чаро гиря кардед?

-Гиря накардаам, духтаракам.

-Пас барои чӣ оби чашматон мерезад?

-Чашмам арақ кард.

Садбарг аз гуфтаи худ завқ бурд: чашмам арақ кард! Заб сухане ёфтӣ! Дурӯғе бигӯ, ки ба рост монанд бошад, аққалан бовари кӯдак ояд.

Вале гиряи Садбарг рост буд. Охир чаро нагиряд, ки ин субҳ тифлакон баҳри табрики Иди Рамазон омадаанду ӯ наметавонад ҳадяе дода дилҳои ононро хурсанд кунад. Хурдсолон халтачаҳо дар даст ҳавлӣ ба ҳавлӣ мераванд, бо як овоз «Ид муборак!» мегӯянд. Соҳибхонаҳо лутфу меҳрубонӣ зоҳир мекунанд, ширинӣ, кулча, пуфак, сақич барин ҳадяҳо медиҳанд. Ҳар кӯдак баъди идгардак бо халтаи пур ба хона

https://bikhon.tj/

бармегардад. Вале имсол Шерзоду Садбарг натавонистанд ҳадяворӣ бихаранд, зеро пул надоранд.

Аслан, ин баҳор, баҳори соли 1992 дастархони тоҷикон файзу баракати камтаре дорад. Дар чашму рӯйи мардум ҳисси хавотирӣ, парешонӣ нақш гузоштааст. Зеро ин баҳор аз осмон фитна меборад. Дар шаҳри Душанбе митинг ҳеҷ не, ки ба поён расад, замин аз зарби пойи издиҳоми пархошҷӯй меларзад. Пиру барно аз хавфи ҷанг бонги изтироб мезананд. Овозаҳои гуногун дар дилҳои мардум тухми воҳима мекорад, чашму гӯши ҳама ба телевизиону радио. Ҳар соати умр бо биму ҳарос паси сар мешавад. Мабод он рӯз, ки барги сабзе ба хок афтад… Мабод…

Шерзоду Садбарг ёфту тофташонро сарф карда, меҳмонхонаро барои калонсолон ороста кардаанд. Идгардаки калонсолон то се рӯз давом мекунад. Онҳо меоянд, дуову фотиҳа мекунанд, рӯҳи гузаштагони манзилу маконро ёдоварӣ менамоянд. Ҳар соҳибхона бояд дар рӯзҳои ид дастархон ороста, меҳмононро интизорӣ бикашад. Падарон ҳар замон такрор мекунанд, ки инсон бояд ҳамеша дасти хайрашро кушода дорад, мурда сер бошад, зинда ҳам сер аст. Ба қавле, худоиву садақа, эҳсону саховат балоҳоро сипарвор рад мекунаду баракати хонадонро зиёда мегардонад.

Рухсора халтачае дар даст аз дар мебаромад, ки Садбарг ӯро нигоҳ дошт:

-Ба кучо меравӣ, духтарам?

-Ҳамроҳи духтаро ҳавлии мардумро давр мезанем.

-Рухсора, имрӯз ҷое нарав! Дафъаи дигар ба идгардак меравӣ…

-Очаҷон, чаро ман идгардак наравам? Дигар бачаҳо ба хонаи мо омаданд-ку?

Булӯри нигоҳи маъсуму бегуноҳи Рухсора бари рӯйи Садбаргро сӯзиш дод. Як лаҳза даврони кӯдакии

https://bikhon.tj/

худро пеши назар овард, дид, ки чӣ гуна бо шодии тифлона ҳадяҳои мардумро қабул мекунад.

-Ҷони оча, бирав, аз идгардак намон…

Аз паси тӯри ашк медид, ки духтаракаш шодона сӯйи кӯча медавад, балки болу пар мезанад…

* * *

-Отаи Рухсора. Бедор шавед, чашмонатонро кушоед!

Шерзод овози Садбаргро бараъло шунид, якбора ҳушёр шуда, давру бар касеро надид. Аввал гумон кард, ки чанде ғанаб кардааст, Вале дарёфт, ки маҳтоб аз сараш рафтаасту сапеда медамад. Аз чанд қадам дурӣ ҳам ришгаи сафеду сиёҳро фарқ кардан мумкин буд. Сояҳо мерамиданд. Оинаи осмон рӯшан мешуд.

-Хобам бурдааст. Дар ғафлат мондаам. Аҷабо, шабҳои пеш то саҳар бедор менишастам. Имшаб чӣ шабе буд? Илоҳо, тинҷӣ бошад…

Хирманҳоро давр зада аз назар гузаронид. Ҳама чиз барҷо буд, пиндорӣ, хасе беҷо нашудааст. Вале дилаш ором намегирифт.

Як моҳ қабл дар колхози ҳамсоя хирмани гандум оташ гирифт. Шамоли сарҳӯй шарораҳои гулханро ба домани хирманҳои дигар афканд. Ҳосили яксола батамом сӯхта хокистар шуд.

Ҳамон рӯз Фузайл Шерзодро ба наздаш хонд. Сари як пиёла чой суҳбат карданд. Раис як бурида нонро аз болои дасторхон бардошта гуфт:

-Ба номаш мурам, тамоми кору пайкори мо барои пайдо кардани ҳамин неъмат аст. Худат шоҳид астӣ, ки ҳоло нони мардум дар оби чашмашон тар, орд камчин. Боз ба сари халқ балои ҷанг омад. Дар оянда ҳоли халқ чӣ мешавад, ба мо маълум нест. Ана, барои ҳамин, ғалларо эҳтиёт кардан даркор. Як сараки гандум ҳам набояд талаф ёбад. Аз ҳамин рӯз сар карда, ту хирманбон мешавӣ…

https://bikhon.tj/

Баъд сарашро наздик оварда, ба гӯши Шерзод гуфт:

-Аз Шодӣ хавотир астам. Барои бадном кардани ман метавонад хирманро оташ занад. Ин корро бо дасти худ накунад ҳам, каси дигареро фармуданаш мумкин.

Шерзод меандешид: «Модоме ки раис сирри дилашро ба ман гуфт, маълум, ки ба ман бовар дорад.»

Изтироби раис бечо нест. Аввали баҳор мардуми зиёде ба ду майдони бузурги пойтахт рехтанд. Аз ноҳияи онҳо низ пиёдаву савора даҳҳо нафар роҳи Душанбешаҳрро пеш гирифтанд. Чунин шуд, ки писарони усто Рабии сандуқсоз - Ҳасан ва Ҳусейн баробари ба пойтахт расидан аз ҳам ҷудо шудаанд, яке худро ба майдони Шаҳидон задааст, дигаре ба майдони Озодӣ. Оҳиста-оҳиста аз ин ду майдон ду лашкар ба вуҷуд омада, муқобили ҳам ба ҷанг шурӯъ карданд. Акнун ду моҳ аст, ки оташи хонумонсӯз хомӯш намешавад.

-Аз ду тараф тоҷик кушта мешавад, -хуни дил мехӯрд Фузайл. -Наход ҳамин ҳақиқати оддиро ақли саркардаҳо нагирад?!

Раис лаҳзае хомӯшӣ ихтиёр карда пурсид:

-Баҳодурро худат мешиносӣ-а, Шерзод?

Дили Шерзод монанди моҳӣ, ки аз каф лағжиданист, ҷастухез дошт:

-Шумо шояд додарарӯси мудирро дар назар доред? Ӯро мешиносам, раис.

-Ана ҳамон Баҳодур се рӯз пеш ба идораи колхоз омад. Худаш танҳо не. Чор тан силоҳбадаст ҳамроҳаш. Мегӯяд, ки ба мо ёрдам бикун, орд бите, равған бите, гову гӯсфанд бите. Пурсидам, ки ту чикорай. Мегӯяд, ки мо сарбозони шариат ҳастем, мо давлати исломӣ месозем. Ҳафтод сол коммунистҳо хуни мардум макиданд, китобҳоямонро сӯзонданд, муллоҳоро ба Сибир бадарға карданд, боми масҷидҳоро канданд, зану духтарҳоро аз раҳу ришта баровардаанд. Гуфтам,

https://bikhon.tj/

ки ту давлати исломӣ месохтагӣ бошӣ, ку, нияти таҳоратро бигӯ. Иқрор шуд, ки намедонад. Гуфтам, ки орду равғану чорвои ба ту медодагӣ надорам, ин чизҳо аз они ман не, ҳамааш аз они давлату ҷамъият, аз они мардуми заҳматкаш. Дӯғ зада, баромада рафт,

-Раис, ман намефаҳмам, ки ҳамин ҷанги бемаънӣ ба кӣ даркор бошад…

-Ту ҳоло ҷавон ҳастӣ, Шерзод. Ҳамааш барои мансаб, барои пулу мол. Дини ислом баҳона. Вале афсӯс, ки дар миён мардуми бегуноҳ кушта мешавад. Бегуноҳӣ кушта мешаваду гуноҳ ғолиб мешавад… Афсӯс…

Фузайл чойи пиёлаашро, ки кайҳо сард шуда буд, ошомид.

-Хайр, маслиҳатам ба ту маъқул аст, Шерзод?

-Ман розӣ.

-Боракалло, ҳоло ба сари хирман рав! Вақти пешин шуд. Баъди намоз ман низ ҳамон тараф меравам.

Ана ҳамин тавр, як моҳ боз Шерзод дар хирманҷо бедорхобӣ мекашад. Аз ваҷҳи хонаву дараш хотирҷамъ аст. Моҳи тобонаш чиҳил рӯз дар беморхона хобида шифо ёфт. Як халта гандумеро, ки раис «аз нӯги хамир фатир»-гӯён дод, Шерзод дар осиёби деҳа орд кард.

-Боз ҳаққи меҳнататро медиҳам,-ваъда дод Фузайл.

-Ҳанӯз офтоб набаромадааст. Як сари қадам ба хона меравам. Садбарг ширро пухтагист. Ба як коса шир нон тар карда мехӯраму бозмегардам,- бо ҳамин андеша Шерзод сӯйи хона равон шуд. Дар роҳ ҳамсинфаш Саодатро дид.

-Шерзод, ба хонаат шир бурдам. Ҳар қадар Садбарг гуфтам, садое набаромад. Аз афташ, куҷое рафтаанд.

Саодат сатили шир дар даст дорад.

Имрӯз навбат ба Садбарг расидааст. Вале Саодат мегӯяд, ки дар хонаатон касе нест. Мабодо Садбарг

https://bikhon.tj/

бемор шуда бошад. Ӯ, ки одати саҳаргоҳон дер аз хоб хестан надорад…

Шерзоду Саодат вақте ки ба хона расиданд, занҳои дигар дами дарвоза беқарорӣ мекашиданд. Садбарг ҳар бомдод ҳавлиро об зада мерӯфт, вале ин субҳ тағйири одат кардааст. Шерзод давида ба хонаи хоб даромад. Рухсора ғарқи хоби ноз, рахти хоби Садбарг тиҳӣ метофт. «Ачабо, Садбарг ин саҳар ҷойгаҳашро нағундоштааст.» Тубаки гул, ки Садбарг бо меҳр нигоҳубин мекард, рӯйи қолин парӯ мехобид. Шамъи нимасӯзе низ аз тиреза ба фарш афтода буд. «Ҳеҷ чиз намефаҳмам.»

Шерзод тарафи меҳмонхона рафт. Дид, ки паси дар попӯшҳои Садбаргу мӯзаҳои ялаққосии Фузайл истодаанд. Дастаи дарро бошаст кашид, вале дар аз дарун қулф буд. Хун ба сараш зад, ба хирмани ҷонаш оташ афтод. Мурғи дилаш бесаброна пар мезад, қафаси синаро пора кардан мехост.

-Садбарг, дарро кушо!

Аз дарун садое наомад. Девонавор ба ҳезумхона расида, табарро чанг зад. Занҳо диданд, ки Шерзод чанд зарбаи корӣ зада, дарро кушод.

-Мекушам! Ҳардуятонро мекушам, ҳаромзодаҳо!

Вале дар меҳмонхона касе набуд. Дар мобайни хона барои ду кас ҷойгаҳ густурда шуда буд. Як сӯ хилъати Садбарг, сӯйи дигар костюми Фузайл. Болотар аз болиштҳо шишаи холии шароб, ду пиёла. Дар як табақча помидору қаламфури реза… Рӯйи мизи пастак ким-кадом матоъи қиматбаҳо дар дохили коғазпечи нимакушода…

Паллаҳои тиреза кушода, пардаҳо канда. Шерзод назди тиреза омада, фарёд зад:

-Садбарг!!!

Овози ӯ дар кӯҳу камар танин андохт. Сангҳои гаронҷони дара, ки ҳазорсолаҳо боз хуфтаанд, наёристанд, сар аз хоб бубардоранд. Дами тиреза

https://bikhon.tj/

ангуштвонаи арӯсии Садбарг, занҷираи баёзи гардани ӯ, ҳалқаҳое, ки дирӯзакак дар гӯш дошт, ба назараш хӯрданд. Хаёле барқосо ба сараш зад: «Беақлӣ кардам. Агар аз пушти тиреза меомадам, онҳоро дарёб мекардам. Гурехтаанд ҳаромзодаҳо… Ҳоло дур нарафтаанд. Бо ин сару сурати лухту луччак куҷо ҳам мераванд?»

-Ана, барои чӣ ту маҳз маро хирманбон хостай!- дару девор меларзид, гӯши занҳои рӯйи ҳавлӣ ҷарангос мезад.-Ман шабона он ҷо хирманбонӣ мекардааму ту ин ҷо хирмани номуси маро бод мекардай…

-Ин чӣ рӯзе буд?! Мардакам гуфта буд, ки агар шаб наоям, хавотир нашав. Ҳушам куҷо буд, як даҳан напурсидаам, ки куҷо меравӣ?!-Амина, ҳамсари Фузайл додгӯён аз ҳавлии Шерзод бадар рафт. Ним соат пас аҳли деҳа аз моҷаро огоҳ шуданд. Шоҳидон мегуфтанд, ки Шерзод чойнику пиёлаҳо, шишаи тирезаҳоро шикастааст. Кӯрпаву болиштҳоро аз алам рӯйи ҳавлӣ партофтааст. Сипас корди ғилофпӯшеро гирифта, аз дарвоза баромадааст. Куҷо рафтааст, касе аниқ намедонист. Ҳадс мезаданд, ки қасдаш Фузайлу Садбаргро дастгир кардан аст.

Гунҷишкакон дар шохаҳо чириқ-чириқ мекарданд. Офтоби навдамида дар ҳиҷоби пораабре рӯй панаҳ кард. Он саҳар духтарак аз хоб бедор шуда, худро аз оғӯши гарми модару дасти навозиши падар маҳрум дарёфт. Аз ҳамон рӯз парастори Рухсора холааш Мағфура шуд.

* * *

-Оча, очаҷон! –Рухсора фиғон кашида аз хоб бедор шуд. Мағфура як қад парид.

-Ҳа, духтаракам, тарсидӣ?-Мағфура пиёла ба даст гирифт. Духтарак ду қулт об нӯшид.

-Очама хоб дидам.

-Бигӯ, ки чӣ хел хоб дидӣ?

https://bikhon.tj/

-Дар лаби дарё ҳамроҳи духтаро бозӣ доштем. Дидам, ки дар миёнаи об як санги калон истодааст. Болои он очаам нишастааст. Дар бағалаш кӯдак дорад. «Оча»-гуфта ҷеғ задам, овозам набаромад. Модарам ҳам маро дид. Гуфт, ки «Рухсора, ман ба пеши ту меравам, ту ин сӯ набиё, ки обат мебарад.»

-Ой, ҳардуи шумо! Чӣ гап-гап доред? Хоби одама ҳаром мекунед!..-шавҳари Мағфура нолишомез ғур-ғур карда паҳлӯ гашт.

-Яке поям лағжиду ба об афтодам…

-Наход модар ба фарзанд ин қадар бераҳмона рафтор кунад?-ҳоли парешони Рухсораро диду дарун-дарун сӯхт Мағфура. Даруни дил бо хоҳараш мунозара дошт:

«Ба ту чӣ намерасид, Садбарг? Хонаву дари обод, шавҳари қобилу ҳунарманд, гул барин духтарча доштӣ. Охир хушбахтии як зан ҳамин қадар мешудагист. Чанд рӯз пеш аз ҳодиса ба ман гуфта будӣ:

-Апаҷон, ҳоло чандон боварам нест, ба шӯям ҳам нагуфтаам, вале ба хаёлам дар қадам фарзанд дорам.

Ҳа, дили Мағфура барои фарзанд доғ аст. Ӯ дар ҳаждаҳсолагӣ шавҳар карда, акнун ёздаҳ соли дигар дар орзуи модар шудан аст. Вақте Садбарг гуфт, ки соҳиби фарзанди дуввум мешавад, шодмонии Мағфура ҳадду ҳисоб надошт.

«Садбарг, рост бигӯ, он ғӯрае, ки дар ниҳоли қоматат шира мебандад, меваи Фузайл аст? Оё он тифлаки ҳанӯз ба дунё наёмада самараи айшу ҳавасбозии туву раис нест?»

Селаи занбӯри андеша даври сари Мағфура парвоз дошт. Зан эҳсос кард, ки ду бари рӯяш месӯзад, гӯё занбӯр неш зада бошад.

«Оҳ, Садбарг! Чӣ коре буд, ки кардӣ? Доғи дили лоларо гирифтиву ба дилҳои мо задӣ. Вақте ки ту ба дунё омадаӣ, падарам ғамгин шудаанд, ки ин дафъа низ писар нарӯид. Зеро ту духтари чорум будӣ. Аммаам

https://bikhon.tj/

Ҳуринисо, ки ҳамон рӯз дар хонаамон будааст, падарамро дилбардорӣ карда гуфтааст:

-Ғам нахӯред, акоҷон, духтаратон аз они ман, келини ман мешавад.

Ба ҳамин минвол солҳо сипарӣ шуданду ту худдонам шудӣ…»

* * *

Дар синни чаҳордаҳсолагӣ Садбарг надониста монд, ки чӣ гуна писари аммааш Ҳуринисо-Баҳодурро дӯст доштааст. Вале хотири шарму ҳаё, ғурури баланди духтарона намегузошт, ки ба ӯ рӯйи хуш диҳад. Чун Баҳодурро медид, рӯй метофт. Мекӯшид, ба ӯ нишон диҳад, ки чӣ андоза бадаш мебинад. Нафрат як рӯйи муҳаббати ӯ буд. Ба қомати муҳаббаташ ҷомаи нафрат мебурид. Садбарг медонист, ки ҳар қадар эҷоди ҷабр мекунад, ҳамон андоза аз ӯ меҳр мебинад. Вале духтарак бисёр чизҳоро дар зиндагӣ намедонист. Аслан, аз як духтараки чаҳордаҳсолаи кӯҳистонӣ чӣ ҷойи гила аст, ки пайи андӯхтану маънидод кардани рамзу рози ин ҷаҳони пурмуаммо ҳазорон ақлҳо ранҷ бурдаанду мунтаҳо хира мондаанд. Мӯйҳо сафед шуда майнаҳо об гаштаанд, вале ҳанӯз ба касе маълум нест, ки чист дунё.

Агар Баҳодур ба наздаш ояд, Садбарг чеҳра тира карда мегуфт:

-Афту андоматро набинам, сиёҳ шав!

Баҳодур хандида чизе нагуфта баромада мерафт.

Ҳуринисо Садбаргро «келинам»-гуфта навозиш мекарду ҳар дам мегуфт:

-Ман ғайри Садбарг дигар касеро келин намекунам.

Ҳар боре ба хонаи бародараш ояд, албатта дастовезе барои Садбарг меовард, ё курта, ё ки дастпона, ё ки гӯшвора. Ба қавли ӯ, Садбаргу Баҳодур гаҳворабахш буданд.

https://bikhon.tj/

* * *

Шерзод паси як моҳ бо сари маст дар деҳа пайдо шуд. Риш нотарошида, ҷисм харобу лоғар. Ҳамдеҳагон намедонистанд, ки ӯ барои мурдан бозомадааст. Дилаш, ки ду моҳ қабл сӯзу созу табу тоб дошт, акнун ба як мушт санги сарди таҳи дарё табдил ёфта буд.

-Ҳама ҷо паю нишони Садбаргу Фузайлро суроғ кардам. Онҳоро гӯё замин кашидааст. Ба милисахона рафтам. Гуфтанд, ки замон замони ҷанг аст, ҳар рӯз садҳо одамонро мекушанд, мардуми зиёде ҷилои ватан карданд, ҳазорон марду зан гумному гумгӯранд. Давлатамон сару сарвар надорад, замона нотинҷ аст. Аз дасти милиса ҳеҷ коре намеояд.

-Ҷони оча, вақти хоб шуд, Акнун хез, ман бароят ҷойгаҳ партоям, -модар осори хастагии зиёдеро дар қиёфаи писар дида, ҷигарреш мешуд.

-Оча, Рухсора куҷост? Наменамояд…

-Чӣ кор мекунӣ зоту зурёти он рӯсиёҳа? Нишонаш дар гӯр! Оши ҳафташа хурам! Туя худам зан диҳаму занат зояд, ана баъд мегӯям, ки ман набера дорам. Ин дафъа худам бароят зан меёбам. Ошиқ шуда зан гирифтӣ, чӣ дидӣ?

Шерзодро ёд омад, ки бори аввал дидори Садбарг чӣ миқдор ӯро шефтаву шайдо карда буд.

Нӯҳ сол пеш ба коре озими деҳаи Офтобрӯ шуд. Дар роҳ духтареро дид, ки ду сатил об дар даст бошитоб ба дарвозаашон даромад. Як гурӯҳ бачаҳои кӯча чилликбозӣ мекарданд. Аз онҳо номи духтаракро пурсид.

-Садбарг!

-Ин дарвозаи кист?

-Абдураҳим – қассоб.

Ба деҳаи Боғи Баҳор баргашт. Ҳамон шаб аз панҷаи бедоди бедорӣ найзори мижагонаш то саҳар нолид. Ҳамгуни мурғи нимбисмил ҷонаш дар тапиш

https://bikhon.tj/

буд. Чеҳраву қаду қомати базеби Садбарг аз пеши назараш дур намешуд.

Субҳе дар хона риш метарошид. Амакаш Муҳаммадзамон аз дар даромад:

-Оҳо, риш баровардаӣ! Мардак шудаӣ. Акнун вақти зангирӣ ҳам расид. Чӣ гуфтӣ?

Шерзод ранг бурду ранг овард.

-Духтари Рӯзибойро мегирӣ? Зарина, аз ту ду сол хурд. Падару модарат таҳи чашм кардаанд.

Аз куҷое ҷуръат ёри Шерзод шуд. Даричаи дилро ба амакаш Муҳаммадзамон кушода гуфт:

-Амакҷон, акнун бо ғалбер об овардан вазифаи Шумо!

* * *

Вақте ки Баҳодурро ба хидмати ҳарбӣ даъват карданд, пеш аз сафар ба дидори маҳбубааш омад. Садбарг дарвозаро руст кард, нагузошт, Баҳодур ба ҳавлӣ дарояд. Дар ҳамин асно аз кӯча садои мошин шунида шуд. Падари Садбарг аз бозори мол гови парворӣ харидааст. Ҳайвонро аз мошин фароварда, пурсид:

-Ҳа, чӣ гап?

Баҳодур гуфт:

-Духтари Шумо маро пеш карда истодааст.

Падар ба ҳарду нигоҳи теғдам афканда, говро ба саҳни оғил бурд.

Садбарг дубора дарвозаро баст. Аз пушти дарвоза садои Баҳодурро шунид:

-Ман ба хонаи шумо нонталабӣ намеоям. Танҳо барои дидани ту меоям.

-Вале ман аз рангу рӯйи ту безорам!

-Дониста мон, Садбарг! Чӣ коре кунӣ, аз ман халосӣ надорӣ. Ҳазор дод гӯӣ, фарёд занӣ, ту оқибат аз они ман мешавӣ! Замин дароӣ -аз гӯшат, осмон бароӣ - аз поят мекашам!

https://bikhon.tj/

Баҳодур намедид, ки паси дарвоза Садбарг аз шунидани ин суханҳо шодмонӣ дорад, намедид, ки духтар гул-гул мешукуфад, меболад ва таҳи дил ниёиш дорад: «Эй кош, гуфтаи ту шавад!»

Он шаб ба муносибати гусели Баҳодур дар хонаашон асбоби зиёфат соз шуд. Ёронаш дар хонаи алоҳида менишастанд. Ба қавле, ҷони чанд шишаро гирифтанд, сарҳо тафсиданд. Ҳар кас сухане мегуфт. Дар охир аз Баҳодур хоҳиш карданд, чизе бигӯяд:

-Аз ҳама як илтимос дорам: То омадани ман Садбаргро эҳтиёт кунед! Ҳеҷ кас ба вай чашм ало нанамояд, даст дароз накунад!

Ҳошим ҳазл кард:

-То омадани ту Садбарг сабр карда мешинад магар?

-Ту ин тавр нагӯ! Ӯро ғайри ман касе гирифта наметавонад!

-Чаро гирифта наметавонад? –боз таҳпурсӣ кард Ҳошим.

-Барои он ки ман кайҳо бари домани Садбаргро боло задаам.

Ҷӯраҳо «воҳ!» гуфтанд. Ҳарчанд маст буданд, ин суханро дар хотир нигоҳ доштанд. Рӯзи дигар Баҳодур ба хидмат рафт, вале лофи ӯ ҳамроҳаш нарафт, балки дар деҳа монд. Касон медонистанд, ки Баҳодур аз паси Садбарг соявор мегардад. Ин буд, ки ба ростии суханаш шубҳа надоштанд.

Лофи ноҷавонмардонаи Баҳодур ба гӯши Садбарг расид. Дунёи равшан ба чашмаш тира шуд. Сараш аз андешаҳои бедод ба дод омад. Ҳатто хоб ба имдодаш намерасид.

-Оҳ, номард! Агар падарам гапи туро фаҳманд, маро мекушанд. Ман аз мурдан наметарсам. Вале инсоф бидеҳ, аққалан дастат ба дастам нарасидааст-ку!

Симои падараш ба ёдаш расид, ки чи гуна пеши дарвоза ба ӯву Баҳодур нигоҳи теғдам афканда буд.

https://bikhon.tj/

Садбарг меандешид, ки агар фардо ба Баҳодур хонадор бишавад, дигарон он даъвои дурӯғинро ҳамчун ҳақиқат қабул хоҳанд кард, яъне хоҳанд гуфт, ки агар Садбарг аз Баҳодур забонкӯтоҳ намебуд, ба ӯ намерасид.

Дар ин ҳол доғи бадномӣ якумр аз номи Садбарг шуста нахоҳад шуд. «Ин чӣ зиндагӣ хоҳад буд, якумр шарманда, якумр сарафканда. Пеши ҳар касу нокас хиҷолатманд.»

* * *

Аввали тирамоҳ аз деҳаи Боғи Баҳор хостгорон омаданд. Ба гуфте, домодшаванда Шерзод ном дошта, моҳи май аз хидмати аскарӣ омадааст. Даҳ панҷааш ҳунар будааст. Як бор аз дур Садбаргро дида, бо сад дил ошиқаш шудааст.

Падари Садбарг ба хостгорон ризоият надод, вале онҳо гуфтанд:

-Мо боз меоем.

Шабона падару модар андешаҳояшонро роҷеъ ба ояндаи духтар радду бадал мекарданд.

-Ту мехоҳӣ, ки мо Садбаргро зудтар бо номи некаш ба шавҳар диҳем. Вале духтар каллапӯш нест, ки ба ҳар сар пӯшонӣ. Боз медонӣ, ки хоҳарам Ҳуринисо аз ҳамон рӯзи аввал ба духтарамон талабгор аст…

-Додош, духтар меваи ҷавпазак. Духтарбонӣ қалъабонӣ гуфтаанд. Кӣ медонад, ки баъди як-ду сол чӣ кору аҳвол пеш меояд. Писари Ҳуринисо ҳоло дар аскарӣ. Сиҳату саломат биёяд, ягон духтари дигарро мегирад. Сар бошад, кулоҳ ёфт мешавад, гуфтаанд. Ба тухми духтар қаҳт наомадааст-ку?!

-Худи Садбарг чӣ мегуфта бошад?

-Мегӯяд, ки шумову падарам маро ба воя расонидед. Ба касе, ки муносиб донед, ихтиёр ба дасти шумо…

Бечора Шакармоҳ, аз ояндаи духтараш тарсу бим дошт. Зеро Садбарг савганд хӯрдааст, ки «Асло зани

https://bikhon.tj/

Баҳодур шудан намехоҳам. Беҳтараш, худро оташ мезанам, ё ба дарё мепартоям. Маро ба касе диҳед, ки боре надида бошам.» Аз ин сабаб Шакармоҳ мехост, ки шавҳараш хостгорони Шерзодро рӯйи хуш диҳад.

-Бачаи Ҳуринисо ба дили худам ҳеҷ хуш намеомад, занак! Ким-чӣ хел мулоимхунук менамояд.

Хабари омадани хостгоронро шунида, модари Баҳодур ба хона омад.

-Ман ин қадар сол интизор шудам. Оё шумо Садбаргро ба дигар кас медиҳед?

-Дар пешонӣ ҳар чӣ навишта шуда бошад, фарзанди одам ҳамонро мебинад. Аз тақдир ҷойи гурез нест, -ҷавоб дод Шакармоҳ.

Ҳуринисо гапҳои пасту баланд зад, Садбаргро дуои бад кард ва бо қаҳр баромада рафт. На худ ба тӯй омад, на шавҳараш, на фарзандонаш.

* * *

Баҳодур номи худу Садбаргро дар танаи сафедорони боғашон бо корд кандакорӣ карда буд. Ду сари сол он сафедорон ҳар субҳу шом ба офтоб салом гуфтанд. Ӯ аз хизмат омад. Ҳарфҳо ҳанӯз хоноянд. Номи Садбарг акнун дар пӯсти сари синаи чапи Баҳодур, яъне наздики дили ӯ ҳам навишта шуда буд. Ин амалро дӯсташ Айк, ки зодаи Арманистон аст, бо неши сӯзан сомон дод.

Дарёчаи деҳа, ки аз Боғи Баҳор меояд, суруди азалияшро месуруд. Вале ҳамроҳи он ба гӯши Баҳодур овози Садбарг меомад, ки сари гоҳвораи Рухсора суруди алла мехонд. Аз ин рӯ, ҷавон хобу қарор гум карда буд. Шабҳо рӯйи боми анбор ҷойгаҳ густурда, то саҳар бо ситорагон дарди дил қисмат мекард. Ҳавои деҳа барояш танг меомад, хаёле нафасгардон мешуд. Ӯ, ки ишқро ба оташ шабоҳат медод, ҳоло миёни кӯрдуд монда буд. Бо алам меандешид, ки дигар Садбарги зебои ӯ ба як зани оддӣ табдил ёфтааст. Замини ҳотаи

https://bikhon.tj/

Шерзодро побел мекунад, юнҷаву гандум медаравад, аз оғилу каҳдон бохабар мешавад, гов медӯшад, таппак мекунад. Ру ба рӯ бо оташи тафсони танӯр мижагону абрӯвонаш мевағғанд, рухсораҳояш месӯзанд.

-Хоҳ-нохоҳ шавҳараш Садбаргро ба дараҷаи ман дӯст дошта наметавонад. Ҳазор ошиқи зор ба ман баробар намешавад. Садбарг аз издивоҷ пушаймон ҳам шудагист. Шояд ин лаҳзаҳо маро ёд меораду аз чашмонаш ҳалқа-ҳалқа об мерезад.

* * *

Тӯйи хонадоршавииашон тирамоҳ барпо шуда буд. Он тирамоҳ моҳи равшан дошт. Он тирамоҳ баҳороғӯш буд. Балки баҳоре буд дар ҳиҷоби пойиз. Дар барчоши рангрези ин фасл баҳоре ғарқида буд. Баҳоре буд ангуштонаш ба хуни тирамоҳ оғушта, магар маъшуқае бо теғи тези қаҳру итоб ошиқашро кушта. Табиат баҳорро дар банд оварида, хунбаҳои тирамоҳ тақозо медошт.

Боғ тиллопираҳан буду барг заррухсора. Боди хазон дар кӯю барзан мегардиду тӯри ғубор мебофид. Барги дарахт мерезид, ба осои тагарги дарахт мерезид. Тунд мегирист боғ, охир барг меафсурду мемурд. Вале резиши барг марги дарахт набуд.

Шерзод ба арӯси орзуҳояш менигаристу дар дилаш ҷавонаҳо шукуфо мешуданд: «То ту бошӣ, боғи ман гул мекунад.»

* * *

Охирҳои июн Баҳодур ба аҳли хонадон эълон кард, ки ба Душанбе меравад, нияти таҳсил дорад. Субҳе ҳуҷҷатҳо дар ҷайбу раҳтӯша дар кӯлвор, бо дуои падару модар рахти сафар баст. Вале баъдҳо хабар омад, ки аз имтиҳоноти қабул баҳоҳои паст гирифтаасту номи донишҷӯиро соҳиб нагардида. Ба деҳа аз андешаи номусу ҳамият омадан намехоҳад.

https://bikhon.tj/

Рӯзе шавҳари Садбарг дар хона набуд. Саидҷалол ном ҷавон ба суроғи Садбарг омад. Ӯ дар Душанбе донишҷуйи кадомин мактаби олӣ будааст ва ба деҳа барои таътил омадааст. Саидҷалол қисса кард, ки дар Душанбе бо Баҳодур ном ҷавоне, зодаи деҳаи Офтобрӯ шиносоӣ пайдо кардааст. Баҳодур дар дӯкони шашликпазии бозори «Баракат» кор мекардааст.

-Баҳодур ҳамсинфи шумо будааст. Ҳар бор ба дӯконаш равам, аз ман дар бораи Шумо пурсишҳои зиёде мекунад. Бепул зиёфатам медиҳад, гӯё меҳмонаш бошам. Ин дафъа хоҳиш кард, ки барояш якто расми шуморо ҳамчун дастовез бубарам.

Ҷавон маътал буд. Вале Садбарг гуфт, ки Баҳодурро намешиносад, расмашро низ ба касе намедиҳад.

Чанде нагузашта ба номи Шерзод аз шаҳри Душанбе нома омад, нома аз Баҳодур. Ҳама ҳайрон шуданд. Модари Шерзод кунҷковӣ дошт:

-Писарам нависандаи хат кист? Ку, бихон, чиҳо навиштааст…

-Очаҷон, як ҳамхизматам маро ба тӯяш даъват кардааст. Зан мегирифтааст.

-Оҳо, аз раҳи дур туро ба тӯй хабар додааст. Одами сара будааст, меҳру оқибатро фаромӯш накардааст, - аҳсан мехонд модар.

Вале Садбарг изтироби ниҳонӣ дошт, нигарон буд. Дилаш ба шӯр омад, чӣ талотумҳое дар андешааш рух дод, чигархун шуд: «Ин худозада дар хаташ чиҳо навишта бошад? Чаро намегузорад, ки ман бо хушӣ зиндагӣ кунам? Аз ман чӣ мехоҳад? Акнун Шерзод чӣ аксуламале нишон медиҳад?»

Шерзод монанди мим хомӯш буд. Ҷавонмардӣ зоҳир кард, ба завҷааш чизе нагуфт. Гоҳе ки Садбарг сари танӯр ҷунбучӯл дошт, Шерзод назди ӯ омада номаро ба оташ афканд.

https://bikhon.tj/

Ҳамин як пора коғаз метавонист далелу бурҳон шавад, то ки Шерзод шӯру ошӯб барпо кунад. Садбарг ба сӯхтани номаи Баҳодур нигариста, онро ба абре қиёс кард, ки дар оташи шафақ месӯзад. Фол бардошт, ки фардо барои дили ӯ рӯзи офтобӣ хоҳад буд.

* * *

-Эҳ Садбарг! Ман намедонам, ки ҳоло ту дар куҷоӣ. Вале яқин медонам, ту ба роҳе рафтӣ, ки поёнаш манзили пушаймонист. Аққалан барои Рухсора дилат насӯхт? Худо ақлро ба мо барои он додааст, ки дар ҳар оғоз анҷомеро дида тавонем. Пас, чаро инсон кореро, ки пушаймонӣ хоҳад овард, бояд бикунад? Ақли ту, ақле, ки танҳо мардони мард доранд, куҷо шуд, Садбарг?

Шерзод пайваста оҳ мекашад. Танҳоияш дар хона намеғунҷад. Ӯ чун одами бесар мегардад ва фаҳмидааст, ки беҳуда завҷаро ҳамсари мард нагуфтаанд. Ирода надорад, уқоби ғурураш паршикаста аст. На панди падарро гирифт, на насиҳати модарро, гову гӯсоларо ба бозор бурд. Мехост, шишаи шароб сипараш бошад, то ки аз тири камони ғаму санги фалахмони ҷафои рӯзгор амон ёбад.

-Оҳ, Садбарг! Чаро ба Фузайл меҳр пайдо кардӣ? Чаро ӯро аз ман беҳтар донистӣ? Чаро чунин шеваро писандидӣ? Чаро? Чаро? Чаро? Оё ман ба чунин подоше сазовор будам? Ҳайфи ман!.. Ҳайфи дили ман!.. Ҳайфи орзуҳоям!..

Шерзод як-як ба ёд овард, ки Фузайл ба кисаи ӯ маҷбурӣ пул меандозад, Фузайл ӯро хирманбон таъйин мекунад, Фузайл аз анбор ба ӯ халтаи гандум медиҳад.

-Пирони рӯзгордида мегӯянд, ки агар занат ба ҷое равад, хавотир нашав. Вале аз марде, ки зуд-зуд ба хонаат меояд, ғофил набош. Намедонистам, ки таҳи косаи Фузайл нимкоса будааст, -ҳасрат мекунад Шерзод.

https://bikhon.tj/

Гоҳо мегуфтанд, ки дӯшина Фузайл ба назди зану фарзандони худ омадааст, шабгир пайдо задаасту пеш аз дамидани субҳ ғайб. Ин гуфтаҳо рост аст ё дурӯғ, ба касе рӯшан набуд. Зеро касе гувоҳӣ намедод, ки Фузайлро бо чашми худ дидааст.

Шерзод аз хоб бедор мешуду шароб менӯшид, шароб менӯшиду мехуфт. Субҳе Шерзод сар аз хоб барнадошт. Мурғи ҷонаш сӯйи само бол кушода буд.

Буданд касоне, ки мегуфтанд, ба Шерзод душманонаш заҳр додаанд. Вале хулосаи аҳли деҳа якто буд: Шерзодро заҳри фироқ кушт, заҳри фироқи Садбарг.

* * *

Солҳо рафтанд. Дар деҳа овоза афтод. Овоза афтод, ки Рухсора ба шаҳри Душанбе рафтааст, нияти ба ягон мактаби олӣ дохил шудан доштааст. Деҳа аз духтари худ дил кандан намехост. Паймони духтари қадрасро ҳар гуна таъбир мекарданд:

-Ин ҳам думи модараша гирифт.

-Ҳа, себ аз дарахташ дур намеафтад.

-Ҷавонӣ-дия. Давраша меронад духтар.

Охири август Рухсора дигарбора аз дари деҳа ворид шуд, бо сари баланду рӯйи сурху дили хурсанд. Ба деҳа расиду фаҳмид, ки дунё дигар шудааст. Осон будааст дигар шудани дунё.

Гоҳе, ки аз роҳ мегузашт, ба санги нигоҳи беваи Амина (дигарон ҳанӯз зани раис мегӯянду Рухсора беваи Амина) пешпо хӯрд. Занак Рухсораро дида, аз кампираки Давлатмоҳ, ки ҳамсояи ӯст, пурсон шуд:

-Холаҷон, кӣ бошад ин духтар?

Кампирак бо як даст миёни хамидаашро рост кардӣ шуд, бо дасти дигар рӯйи чашмони хирааш соя афканд:

-Нашинохтӣ магар? Рухсора аст, духтари Садбарг…

-Аҷаб хушрӯ шудааст. Каллаву кандаи модараш…

https://bikhon.tj/

Духтарак хост, аз роҳ санге бардораду ба даҳони зани раис бикӯбад, чунон бикӯбад, ки дандонҳои заррин ба ҳалқаш фурӯ раванд. Агар соҳиби ин сухан дигаре мебуд, Рухсора заҳри алам намечашид, баръакс аз таърифи ҳуснаш меболид.

«Кошкӣ кӯр мешудӣ бева! Худро ба гӯлӣ зада, «Ин духтари кӣ бошад» мегӯӣ. Ҳар гапи ту дунё-дунё маънӣ дорад. Яъне, гуфтан мехоҳӣ, ки Рухсора ба шаҳр рафта, худаша гум кардааст, гашташа тағйир додааст? Корди таънаву маломатат доимо тез. Дувоздаҳ моҳи сол маро аз дур ҳам бинӣ, саг барин мегазӣ. Гӯё шавҳари гумномат маҳз барои он ки сахттар газида тавонӣ, дандонҳои тиллоят созондааст.»

-Каллаву кандаи модараш,- гуфтани беваи Амина магар киноя нест? Ба гапу кори гузашта, Рухсора чӣ дахле дошта метавонист? Охир вай он замон кӯдаки бесарупое беш набуд.

Мардум фарзандро бо падараш мешиносанд. Вале имрӯз занҳо Рухсораро танҳо ба Садбарг нисбат доданд, нагуфтанд, ки духтари Шерзод аст. Он чӣ ба захми дили духтар мисли намак расид, ҳамин буд. Гӯё ӯ падар надошт, гӯё шахсияти падари варо занҳо намедонанд.

Рухсора дид, ки дар як канори роҳ писаракони хурдсол ҷунбуҷӯл доранд, аз сангу лой хоначаҳо месозанд. Хурдсолон дунёро ба таври худ сохтанӣ буданд. Ғофил аз он ки ин ҳамон хоки дунёи кӯҳна, хоки бобоён аст, бобоёне, ки як замоне дунёи нав сохтан мехостанд.

Тӯли якуним моҳе, ки Рухсора дар деҳа набуд, холаи меҳнатрӯзияш хеле азоб кашидааст. Духтарро дида, аз дур бо фиғон сӯяш омад:

-Духтаракам омад, духтари ягонаам омад. Хола барои ту мурад!

Рухсораро ба оғӯш кашида, мебӯсиду мебӯиду оби дида мерехт.

https://bikhon.tj/

Чизе монанди донаки зардолу гулӯи духтарро банд кард. Даҳ сари сол Мағфура барои ӯ ҳам модар буду ҳам падар. Рухсора гирён шуд, ба ёди падари ҷавонмаргаш гирист, барои модари гумшудааш гирист, ба ҳоли холаи муштипараш, ки қисмат ғами бефарзандиро насибаш кардааст, гиристу гирист. Дилаш каме холӣ шуд. Донист, ки ҷӯйбори ашк аз чашмаи дил меомадааст.

Мағфура Рухсораро сӯйи меҳмонхона кашид. Духтар ба риққат омад:

-Ҳайрон нашав. Ту имрӯз меҳмони азизи ман ҳастӣ. Хола барои ту мурад!

Дар як лаҳза дасторхон густурду пур аз нозу неъмат кард.

-Холаҷон, ин тавр накунед, -хиҷолат мекашиду зора мекард Рухсора.

-Ин тавр нагӯ. Имрӯз ман туро меҳмондорӣ мекунам. Ба ягон кори хона даст назан, ки хафа мешавам. Ту меҳмон.

Калобаи хаёли Рухсора ғелида-ғелида, ба ҳавлии падар рафт.

* * *

Модарашро дид, ки рӯйи ҳавлиро об задаасту шип-шип ҷорӯб мекашад. Падарашро дид, ки баъди субҳона ба пойҳояш пайтоба печонида, мӯза мепӯшад. Худашро дид, ки китоби «Алифбо»-ву дафтар таҳи каш аз дарвоза бармеояд. Хуш рӯзу хуш рӯзгоре доштанд. Баъди мактаб ба хона меомаду арз мекард:

-Очаҷон, гушна мондам.

Модараш дар як зув чой дам мекард, чаппотиву чалпаку таоми гарм меовард.

Падари Рухсора бинокор буд, Бегоҳон хаставу бефараҳ аз кор бозмегашт. Садбарг офтобаву дастмол мебароварда. Қирс-қирс сӯхтани ҳезуми таҳи дег, забонаҳои рақсони оташ, бӯйи хуши таом ба Шерзод ҳаловат мебахшид. Шояд орзу мекард, ки оташдони

https://bikhon.tj/

хонааш тамоми умр ҳамин гуна гарм бимонад. Барои ин меҳнат кардан лозим, меҳнати ҳалол.

Як сол боз ӯ дар хонаи нав маскун аст, хонае, ки бо ранҷу заҳмат ва обилаи даст бино кард. Ва донист, ки дар ҳақиқат иморат ғорат будааст. Боз орзу дорад, писардор бишавад, тӯю тамошо ороят.

Шабе падараш дар сари дасторхон гуфта буд, ки аз пагоҳ сар карда, ӯ ба кор намеравад.

-Бо ягон кас ҷанг кардед магар? Ё ки шуморо аз кор пеш карданд? –чашмони шаҳлои Садбарг ифодаи ҳузну хавотирӣ пайдо карданд.

-Корхона аз кор монд. Ҳамаро ҷавоб доданд.

Садбарг боз ҳам чизе нафаҳмида, ба Шерзод менигарист.

-Худат медонӣ, ки барои иморат хишту бетону чӯбу тахта, боз бисёр чизҳои дигар зарур аст. Ҳозир замони қиматӣ. Давлат дар хазинааш пул надорад, ки иморат кунад.

-Хайр, додои Рухсора, ғам нахӯред. Худое, ки дандон додааст, нон ҳам медиҳад. Ягон илоҷ карда, аробаи зиндагиро пеш мекашем.

Онҳо намедонистанд, ки дар водии фардо чӣ қисмати сангине интизорашон аст.

* * *

Аз омаданаш ду-се рӯз гузашт. Рухсора фаҳмид, ки сабаби харобу лоғар шудани холааш танҳо меҳнати вазнину дасттанҳоӣ набудааст.

-Ту рафтию Амина деҳаро бӯ гиронд. Мегӯяд, ки ман гӯлу гаранг будам, шӯяма Садбарг зада гирифту бехабар мондам. Ҳозир занҳои деҳа ҳушёранд. Шӯяшона аз чашм раҳо намекунанд. Лекин дар шаҳрҳо Фузайл ворӣ мардҳои аҳмақ лак-лак пуранд. Шояд духтари Садбарг ҳам ягон шӯйи бою бадавлат ёфта гирад.

https://bikhon.tj/

Ин суханҳоро шунида, дили Рухсора аз одаму олам монд. Хаёле, хунаш ях баст.

-Духтаракам, аз ин гапҳои зани раис ас зиқ нашав. Бо сари баланд мактабата хон. Агар якта-нимта йигит «мурумтаю хурумта» гӯяд, гӯш накун, дилата бой надеҳ. Ишқу ошиқӣ дар рӯйи ҷаҳон нест. Ин гапҳо ҳамааш афсона, Лайливу Маҷнун гуфтанӣ байту ғазала одамҳои бекор бофта баровардаанд. Кӯшиш кун, ки ҳеҷ кас ному номусата паст назанад. Худата аз бачаҳои серпул дур гир. Ба ту пулу пича зарур шавад, ман ҳастам. Хола барои ту мурад, пул ёфт мешавад, номи нек гавҳари ноёб аст.

Аз шунидани номи пул дили Рухсора таҳ зад: Оё озорҳое, ки падарам кашид, аз ҷабри бепулӣ набуд?!

* * *

Рухсора оҳанги шаҳри Душанбе дошт. Ният кард, ки пеш аз ба роҳ баромадан бо падараш хайрухуш кунад. Фикрашро ба холааш гуфт, Мағфура писандид.

Инак онҳо пойи батаҳорат ба дарича наздик меоянд. Дили духтар бошиддат метапад, пойҳояш меларзанд.

Аз миёни гӯрҳои кӯҳнаву нав боэҳтиёт қадам ниҳода, сангу пораҳои чӯбу алафҳои хушкидаро яксӯ карданд. Рухсора андеша дошт, ки рӯзҳову ҳафтаҳову моҳҳову солҳои рафта таҳи ҳамин пуштаҳои хок хуфтаанд, ин ҷо мазористони дилҳост, мазори дили ошиқ, мазори дили маъшуқа.

Назди марқади Шерзод нишастанд. Мағфура ба қироат пардохт. Баъде ки даст ба рӯй кашиданд, Рухсора ба санги рӯйи гӯр дида давонд. Ҳарфҳо аз нури нигоҳаш об мешуданд, ба қатраҳои сӯзон табдил ёфта, аз мижагон сарозер мефитоданд. Солҳои оғозу анҷоми умри падараш рӯйи санг чунин ҳаккокӣ шудааст: 1963-1992. Яъне, Шерзод танҳо бисту нӯҳ баҳор аз таронаи булбулон илҳом гирифтаасту машоми дил аз накҳати

https://bikhon.tj/

гулҳои чамани орзу муаттар кардааст. Умри ӯ танҳо ҷавонӣ буд, умр не, рӯз буд, рӯзи кӯтоҳтарини сол. Ба духтари зеботарини деҳаи Офтобрӯ дил бохтаву рӯйи таҳкурсии ин дӯстдорӣ оила бино кардааст. Худованд ба онҳо духтарчае лоиқ донистааст, ба нишони зиндагияшон Рухсора ном ниҳодаанд. Баъд замонаи ноҷӯру бенизоме пеш омад. Соли 1992 соли нохушиҳои зиёде, соли таваллуди Марг буд. Деви сиёсат ба чашми хиради ҳамдиёрон мил кашид. Дар талоши маснад ҳамхунон ба хуни ҳам даст шустанд, ҳамзабонон бо забони тиру туфанг гуфтугӯ карданд, ҳамрешагон ба решаи ҳам теша заданд. Сари сабзи ҳазорон навҷавон оғуштаи хоки сияҳ шуд, наварӯсон фиғон аз бевагӣ кашиданд, тифлакони гоҳвора заҳри ятимӣ чашиданд. Чархи фалак пайи даравидани гулҳо доси аҷал тез кард, сипеҳри бемурурват шодишарики беситорагон буд.

Барҳақ, падари Рухсора низ шаҳид аст, шаҳиди шараф, шаҳиди ору номус. Тешаи андешаҳои бедод ниҳоли умри Шерзодро решакан сохт.

Ҳарфҳои рӯйи лавҳ аз резиши борону тобиши офтоб ранг бохтаанд. Санг ҳам дил доштааст, ки ҳасрату ормонҳои Шерзодро дар худ ҷой додааст:

Ҷавонӣ шамъи раҳ кардам, ки ҷӯям зиндагониро,
Наҷустам зиндагонирову гум кардам ҷавониро.

-Падарҷон, ҳаштсола будам, ки аз дидори гарми Шумо маҳрум шудам. Ҳоло ба синни ҳаждаҳ расидаам. Шумо имрӯз чиҳил сол медоштед, агар зиндагӣ вафо мекард. Чиҳилсолагиро камоли мард хондаанд, вале афсӯс, ки тунду бановақт аз бари мо рафтед. Падарҷон, ман мекӯшам, номбардори шумо бошам, мекӯшам, ҷавонии гумкардаи шуморо пайдо созам. Ман давоми зиндагии шумоям.

Мағфура ишорат ба рафтан кард.

https://bikhon.tj/

-Хайр, падарҷон. Ман азми сафар дорам. Дар Донишгоҳ таҳсиламро давом медиҳам.

* * *

Шишаи фонуси осмон аз дуди шӯълаи хуршед оҳиста-оҳиста ба сиёҳӣ ранг иваз мекард. Баъди чанде ин шиша батамом сиёҳ шуду шӯълаяк нопадид. Мағфураю Рухсора дами субҳ ба роҳ баромада буданд, дами шом ба шаҳр расиданд. Аз кӯчаҳои пурпечутоб гузашта, паси дарвозаи кошие қарор гирифтанд. Мағфура бори дигар ба гирду атроф назар партофт, сипас дарвозаро тақ-тақ зад. Баъди захмаи дубораи ӯ дарича кушода шуду онҳо Бахтиёрро шинохтанд. Вай аслан ҳамдеҳаашон аст, вале солҳои донишҷӯӣ дар шаҳри Душанбе бахташро ёфтаву хонаву дар кардааст.

-Ассалому алейкум, акаи Бахтиёр!

Соҳиби хона Мағфураро шинохт:

-Ваалейкум ассалом! Марҳамат, дароед!

Ҳамсари Бахтиёр низ ба пешвоз омад. Рӯйи ҳавлӣ, дар сояи воиши ангур кати зебое гузоштаанд. Баъди нишастан ҳолпурсиҳо карданд.

-Ин вақтҳо ба деҳа намеоӣ? –гила гузошт Мағфура.

-Серкорӣ имкон намедиҳад. Падару модарам нағз ҳастанд?

-Ҳа, салому дуо карданд,

-Илоҳӣ, саломат бошанд! Насиб бошад, хатнасури писарчаи хурдиро ба қарибӣ дар деҳа мегузаронам.

-Нияти нек кардаӣ. Падару модар хурсанд мешаванд,-изҳор кард Мағфура.

Бахтиёр дид, ки Рухсора аз ӯ шарм медорад. Рӯй сӯйи хона садо баланд кард:

-Шамсия!

Духтаре, ки дар қаду қомат ҳамтои Рухсора буд, нӯги тӯғи мӯяш миёни ангуштон аз дари хона берун омад ва ба меҳмонон салом дод. Ӯро дида, дили Рухсора кушода шуд.

https://bikhon.tj/

Ҳамин тавр, Рухсора дар хонаи Бахтиёр мондагор шуд. Ҳар субҳ роҳи Донишгоҳро пеш мегираду нимарӯз бозмеояд. Шамсия дар Донишгоҳи забонҳо таҳсили илм доштааст. Ба ҷуз ӯ боз ду писар дорад Бахтиёр. Духтарон бо ҳам дарс тайёр мекунанд, якҷоя корҳои хонаро ба сомон мерасонанд. Вақт ёбанд, Шамсия кам-кам Рухсораро бо гӯшаҳои назарраси шаҳр ошно мекунад.

Имрӯз, ки дар кӯча паҳлӯи ҳам мерафтанд, Шамсия аз назора ба одамон чашм бардошту ба Рухсора гуфт:

-Нигоҳ кун, одамон чӣ қадар зебоянд.

Рухсора ба атроф менигарист, вале ба умқи зебоӣ нарасид.

Шабона Шамсия ба ҷойхоб дароз кашид. Фурсате нагузашта, хобаш бурд. «Худоё, чаро хоби Шамсия зуд мебараду ба дидагони ман хоб нест?»

Гуфтаи Шамсия дигарбора ба ёдаш расид:

-Нигоҳ кун, одамон чӣ қадар зебоянд.

«Шамсия дар чунин давру замоне, ки аҳли башар ба ҳамдигар таҳқиромезу нописандона менигаранд, ба ин тарз сухан гуфтани ту маро мутаассир кард. Даҳ сари сол дар деҳа ба ман ҳамчун ба нафратзадае нигаристанд. Ба рӯйи одамон сард нигоҳ карданро ман он ҷо омӯхтаам. Аз ин рӯ ман дар одамон ҳеҷ гуна зебоиро дида натавонистам.»

Духтар надонист, ки чӣ гуна хоб омаду дидагони варо баст.

* * *

Дарди дандон як ҳолати ҷонканӣ будааст. Аналгину Димедрол ҳам нафъ набахшид. Рухсора маҷбур шуд, ҳамроҳи Шамсия ба назди духтури стоматолог биравад. Ҷонаш аз дард раҳо ёфт.

Ҳоло онҳо савораи микроавтобус ба хона равонанд. Духтарак бо дудилагӣ меандешад: «Гӯям ё нагӯям?» Обхези эҳсоси ӯ аз соҳили андеша мебаромад: «Агар гӯям, ки духтури дандон Хуршед ном доштааст

https://bikhon.tj/

ва дафъатан номи ману туро ҳам пурсон шуд, бешак, Шамсия хоҳад гуфт:

-Оҳо, ба як ҷавони ношинос ин қадар дар бораи худ лаққидӣ. Магар ту ба назди духтур на барои кандани дандони дардмандат омада будӣ?

Оре, Шамсия, худат шоҳид будӣ, ки се рӯзу се шаб аз дарди дандон азоби ҷонкоҳ доштам. Билохира, розӣ шудам, ки ту маро ба назди духтур бубарӣ. Дарду алами серӯзаро тамоми умр фаромӯш нахоҳам кард, агарчанде ки дандони дардмандам дигар дар ҷояш нест. Ту дар даҳлези дармонгоҳ интизори ман будӣ, вақте ки бо лабу лунҷи карахт аз дар бармеомадам, ба гӯшам гуфтӣ:

-Ин қадар додувой кардӣ. Духтур духтарита гирифт магар?

Албатта ман мефаҳмам, ки ту ҳазл кардӣ. Худат медонӣ, ки шарафи духтарӣ барои ману ту азизу муқаддас аст. Вале Хуршед ба назарам ҷавони покизадил менамояд. Дар бораи ӯ гумони носавоб бурдан хушам намеояд. Шамсия, ту ҳамдарду ҳамрози ман астӣ, аммо ман метарсам, ки дар хусуси Хуршед бо ту гуфтугӯ кунам. Ӯ хоҳиш кард, ки рӯзи якшанбе, соати даҳ ҳамроҳи ту ба боғи фарҳангу фароғат биравам. Вай он ҷо ҳардуи моро интизор мешудааст. Агар хоҳишашро пазируфта, ба боғ биравем, оё ӯ дар бораи ману ту гумони бад нахоҳад бурд? Ману туро аз ҷумлаи духтароне, ки ба як ишора маътал ҳастанд, нахоҳад ҳисобид? Шояд моро озмудан мехоҳад?

Эҳ Рухсора, Рухсора! Магар насиҳатҳои холаатро фаромӯш кардӣ? Аз забони таънаву маломати Аминаву Бахтигул барин занҳои деҳа эҳтиёт шав. Бе ин ҳам номи ту дар даҳонашон сақич…»

Садои ҷавон буни гӯшҳояш такроран садо доданд:

-Номи зебо доштаед. Худатон ҳам паризода ҳастед. Дар ҳаётам бори аввал мебинам, ки духтар ин қадар зебо мешудааст.

https://bikhon.tj/

Ҷоми дили духтар лабрези майи нишот гашт. Ситорае дар уфуқи синааш равшан шуд. Саропояшро шараёни гуворое, ки то имрӯз намедонист, фаро гирифт. Аз чашми Хуршед пинҳон гаштаю баргашта дилаш гум зад.

-Ҳушат куҷо рафт? Мефароем, -ин овози Шамсия буд, ки Рухсораро ба худ овард.

* * *

-Бурҷи Қавс… -матне, ки толеъи ӯро барои ҳафтаи нав пешгӯӣ мекард, ба назараш сафсатаеро мемонд, ҳазёни одами беморро мемонд. –Ман ба ин толеъномаҳо бовар надорам. Фардо чӣ мешавад, танҳо худо медонад. Агар инсон ҳам пешомади қисматашро медонист, ба оянда омода мешуд.

Рухсора шитобзада ба саҳифаҳои рӯзнома дида медавонд. Дар саҳифаи эълон сатрҳои зерин таваҷҷӯҳашро ба худ кашид:

«Қаҳвахонаи «Чаманоро» ба духтарони зебои 18-25 сола, ки ҳамчун пешхизмат кор кардан мехоҳанд, эҳтиёҷманд аст. Маош сад доллари америкоӣ.»

-Шамсия, як дақиқа ин ҷо биё.

Духтар эълони рӯзномаро хонда, аз Рухсора пурсид:

-Хайр, бо ин чӣ гуфтан мехоҳӣ?

-Ба назари ту ман ягон зарра ҳусн дорам? Ту, ки зебоиро хубтар мефаҳмӣ…

-Оҳ, Рухсораҷон, ту чиҳо мегӯӣ?

Ман чи сон оинаи рӯят шавам,
Рӯйи ту оинаи оинаҳост!

-Маро мепазируфта бошанд?

-Бе чуну чаро! Вале ту донишҷӯй ҳастӣ. Таҳсилат чӣ мешавад?

https://bikhon.tj/

-Агар розӣ шаванд, то нисфирӯз мехонам, аз нисфирӯз то бегоҳ кор мекунам.

-Ҷонатро дар азоб мемонӣ, Рухсора!

-Шамсия, маро фаҳм! Ман дигар кӯдак нестам, Барои хароҷоти ҳаррӯза худам бояд пул пайдо кунам. То кай ба умеди холаам мешавам? Охир, пул барги хазон нест, ки холаам аз замин рӯбаду ба ҷувол бардорад.

-Ҳммм, -китф дарҳам кашид Шамсия. – Худат медонӣ. Ба ҳар ҳол як бори дигар фикр карданат зарур аст.

Рӯзи дигар Рухсора бо ангуштони ларзон рақами телефон мечид. Аввал «гуд-гуд» садо омад, сипас:

-Да!

-Ассалом! Қаҳвахонаи «Чаманоро»?

-Да!

-Ман дар рӯзнома эълони шуморо хондам.

-Яъне Шумо ҷойи кор меҷӯед?

-Ҳа.

-Марҳамат биёед. Мебинем, суҳбат мекунем.

* * *

-Зебоӣ аз ин зиёд намешавад! Ба ҳар ҳол ман дар бисту панҷ соли ҳаётам ин хел фотомоделро надидаам. Ҳоҷати дар озмун иштирок карданатон нест, -соҳиби қахвахона Рухсораро бо нигоҳ писандид.

-Шумо бояд назора кунед. Вақте ки мизоҷ ба қаҳвахона даромада нишаст, ба назди мизаш раведу салом диҳед. Вай хӯрок мефармояд. Шумо навишта, зуд талабашро ичро кунед. Вақти рафтан Шуморо чеғ зада, пули хурокҳоро ҳисобӣ мекунад. Бо мизоҷон бо чеҳраи кушод, бо меҳрубонӣ муомила карданро аз хотир набароред.

-Фаҳмидам.

https://bikhon.tj/

-Ҳоло месанҷем, ки аз ӯҳдаи кор мебароед ё не. Тасаввур кунед, ки ман мизоҷи қаҳвахона ҳастам. Ана омадам. Ана нишастам. Шумо корро сар кунед.

Рухсора ҳар чӣ ки ҷавон омӯзонид, бе каму кост иҷро кард. Соҳиби қаҳвахона хурсандона дасташро бардошт:

-Браво! Вале зиёда шармгин ҳастед. Хайр, умед ҳаст, ба кор одат мекунед. Саҳар ба кор оғоз кунед.

-Ташаккур. Вале ман донишҷӯй ҳастам.

Рухсора лаб газид. Хавф дошт, ки соҳиби қаҳвахона аз қавлаш мегардад.

Ҷавон лаҳзае ба хаёл рафт. «Ин чӯҷаи париро аз даст додан ҳеҷ мумкин нест... Бахт бо пойи худ омадааст.»

-Ҳа, ин тавр гӯед. Донишҷӯйи инзамона албатта бояд кор ҳам кунад. Ин тавр бошад, шумо нимаи дуюми рӯз кор мекунед. Мо ҳам нисфи маошро медиҳем.

-Ташаккур!

-Гуфтагӣ барин, номи ман Комрон. Шумо чӣ ном доред?

-Рухсора.

* * *

Ана, ҳамин тавр, Рухсора дар қаҳвахонаи «Чаманоро» кор мекард. Акнун ӯ бегоҳ ба хона меомад. Шабҳо бароҳат мехуфт. Чи навъ гузаштани вақтро намедонист.

Рӯзе дид, ки Хуршед ва як рафиқаш вориди қаҳвахона шуданд. Рухсора наздашон рафта, муаддабона салом дод ва маътали фармоиш шуд.

-Рухсора? Ин Шумоед? –бо таҳайюр нидо кард Хуршед. Аз нав бархоста, барои вохӯрӣ даст дод.

«Оҳ, бахт! Ту дар куҷоӣ? Чаро ин қадр камнамоӣ?» Рухсора мехост, ки Хуршед дасти ӯро дигар ҳаргиз раҳо насозад.

https://bikhon.tj/

Аз ҳамон рӯз сар карда, Хуршед ҳар рӯз ба қаҳвахонаи «Чаманоро» меомад. Тадриҷан, Рухсора донист, ки Хуршед бо Комрон ҳамсинф будааст.

* * *

-Рухсора, чӣ мешавад, ки як лаҳза бо ман нишинед, -Хуршед ба курсии холӣ ишора кард. –Ба Шумо гуфтаниҳои зиёде дорам.

-Мебахшед, ман ҳуқуқ надорам, бо Шумо нишаста, суҳбат кунам. Бифармоед, бароятон чӣ биёрам?

-Ман барои хӯрдан намеоям. Ба дидани Шумо меоям. Аз омадану рафтани ман ягон маънӣ бардоштед ё не?

-Шуморо намефаҳмам. Чӣ гуфтан мехоҳед?

-Ман Шуморо дӯст медорам!

-Ман Шуморо дӯст медорам! Ҳай-ҳай! –аз садои тақлидкоронаи Комрон Хуршеду Рухсора як қад париданд.

-Ин гапҳо кайҳо кӯҳна шуда, аз мода афтоданд, мулло Хуршед! Ҳозир даври бобою бобокалон не, ҳоло замони Интернет. Фаромӯш накун, ту дар асри бисту як зиндагӣ дорӣ. Привет! Чӣ хелӣ? - дасти дӯсташро фишурда, вохӯрӣ кард Комрон.

Рухсора ёрои сухангӯӣ надошт. Пиндорӣ сурма хӯрдааст. Мавзун тоб хӯрда, аз мизе, ки Хуршед нишаста буд, дур шуд. Рухсораҳояш ранги лола гирифт. Симои холааш пеши назараш омад, овози ӯ аз дуриҳои дур ба гӯшаш расид: «Агар якта нимта йигит мурумтаю хурумта гӯяд, гӯш накун, дилата бой надеҳ. Ишқу ошиқӣ дар рӯйи ҷаҳон нест. Ин гапҳо ҳамааш афсона. Лайливу Маҷнун гуфтанӣ байту ғазала одамҳои бекор бофта баровардаанд.»

Хуршед се рӯз ба қаҳвахона наомад. Ин се рӯз дар зеҳни Рухсора се солро мемонд. Рӯзи чаҳорум Рухсора дидори шаҳсавори диёри орзуҳояшро дид. Хуршед як

https://bikhon.tj/

қуттича атр, як даста гул ва табрикномае ба ӯ дода гуфт:

-Зодрӯзатон муборак шавад!

-Зодрӯзи ман? –духтар ҳайрон шуд.

Якбора ба ёд овард, ки имрӯз 25 ноябр. Яъне, Хуршед хато накардааст.

-Ташаккур!

Шабона боз ҳамон саволи дерина Рухсораро азоб медод: «Гӯям ё нагӯям? Агар ба Шамсия гӯям, ки…»

Ниҳоят ба хулоса омад, ки гуфтан беҳтар аст. Ба Шамсия тӯҳфаи Хуршедро намуд. Табрикномаро якчоя хонданд:

«Ҷашни зодрӯзи фархундаи ту, эй беҳтарину ягонатарин орзуи ман, ба дида нуру ба дил шӯри нав эҳдо менамояд. Эҳсоси латифи муҳаббат забони дилро ба гуфтор меорад ва чакомаи муборакбодӣ ба рӯйи сафҳаи чун дили ошиқон сафед фурӯ мерезад: Ҳамеша сабз бошӣ ва роҳат ба диёри гулпаракони ҳарирбол монои субҳи иқбол мунаввар бодо! Маро ҳамин бас аст, ки бидонӣ: Дӯстат медорам, он гуна, ки биёбон боронро! Аҳли ҳар кучо, ки бошӣ, аҳли дили ман астӣ!»

-Ман аз рози дили ту барвақт огоҳ шуда будам.

-Чӣ хел?

-Вақте ки ба хонаи мо омадӣ, духтари камгапу одамгурез будӣ. Ҳоло ба як духтари хушсуҳбату чеҳрахандону хушбахт табдил ёфтаӣ. Як моҳ пеш ту ба хона тубаки гул овардӣ, пайваста ба нигоҳубини он эътибор медиҳӣ. Ҳис кардам, ки дар ниҳоди ту тағйироти ҷиддӣ рӯй додааст.

-Шамсия, Хуршед аз кӣ донистааст, ки имрӯз зодрӯзи ман аст?

-Аз худат. Рӯзе, ки барои кандани дандон ба наздаш рафтӣ, вай ба ту саволҳо дода, маълумотро дар варақа навишта буд. Инро фаромӯш кардӣ?

-Ёфтӣ! Дар ҳақиқат ӯ зодрӯзамро ҳам пурсида буд.

https://bikhon.tj/

-Вале ту нағз накардӣ. Имрӯз рӯзи таваллудат будааст. Чаро пагоҳи мардон инро ба ман нагуфтӣ?

Магар чизе ба ёдаш расид, ки Шамсия тирвор аз дар берун шуд. Лаҳзае пас бозомад.

-Ин тӯҳфаи ман аст. Қабул фармо. Зодрӯзат муборак бошад!

Рухсора қуттичаро гирифта боз кард. Андаруни он ангуштарини зебое ҷило медод.

-Оҳ, Шамсия! Ин тӯҳфа хеле қимат аст.

-Дар дунё аз ҳама қиматтар одам аст, Рухсора! Аз ин рӯ одамон зодрӯзашонро ҷашн мегиранд.

-Ҳазор раҳмат! Сарамро ба осмон расонидӣ, Шамсия!

«Хуршед, дилам халоеро мемонд, ки дар он шамоли дайдуе ҳуввас мезад. Ишқи ту омаду ҳама гӯшаву канори диламро пур кард. Дар дилам як гӯшаяки тиҳӣ ҳам барои эҳсоси бад дидан боқӣ намонд. Эҳ, Рухсора, Рухсора! Ин қадар дил мегӯию дар бораи дил меандешӣ. Бадбахтии дил аст, ки якеро берун аз андоза дӯст медораду дигареро бениҳоят бад мебинад. Дар ҳоле, ки мумкин аст, аввалӣ кирои дӯстдорӣ накунаду сазовори ишқ варзидан дуввумӣ бошад. Дил душмани туст, агар ӯ дӯсти душман бошад, ё ки душмани дӯст. Дил он гоҳ дӯсти ту хоҳад буд, агар дӯсти дӯстат бувад, ё душмани душманат. Бигӯ, эй дили ман, ту кадом ҳастӣ?»

Соати деворӣ занги дигар зад. Рухсора донист, ки соати яки шаб аст. Занги соат гӯё ин як калимаро бо як зарбу наво такрор мекард: «Хуршед…»

* * *

Рухсора нонҳои ширмоли холаро аз дастархон берун оварду аз накҳати он ҳаловат бурд. Ӯ нони холаашро аз бӯяш мешиносад, деҳаро ёд кардааст, сахт пазмон шудааст. Баробари аз дар даромадани холааш худро кӯдаквор ба бағали ӯ зад. Накҳати нон ӯро ба ёди

https://bikhon.tj/

даврони кӯдакӣ, манзараи адиру ҷару сойи деҳа, насими атргардони боғҳояш андохт.

Мағфура як шаб мондагор шуд, рӯзи дигар ба деҳа бозгашт. Духтар омадану рафтани холаашро дидорбинии муқаррарӣ пиндошт. Зеро Мағфура ба Рухсора гирехи дил во накард, нагуфт, ки…

Саргарми каллак кардани саракҳои ҷуворӣ буд. Ногоҳ дид, ки бузҳои Шодии раис танаи ниҳолакони боғро мачрӯҳ карда истодаанд. Мағфура бузҳоро пешандоз карда, ба он тарафи роҳ, ба сӯйи ҳавлии раис бурд. Писари Шодиро дид:

-Додарҷон, илтимос бузҳоро саришта кунед, ба боғамон даромаданд.

Овози Мағфураро шунида, Бахтигул намоён шуд.

-Буз ақл надорад. Ҳайвон –дия. Ту фарзанди одамро саришта карда, ба роҳи дуруст оварда натавонистию аз ман гила мекунӣ.

-Чиҳо мегӯӣ, Бахтигул?

-Офтобро бо доман пӯшида наметавонӣ, Мағфурабону! Хаёлат, агар ту хапу дам гардӣ, ҳеҷ кас гапу калочаи духтари Садбарга намефаҳмад? Хобатро ба об гӯй! Худат зоида натавонистӣ, вале пагоҳ ё фардо мебинӣ, ки момо шудаӣ. Ҳа, ҳа, худат назоида, момо мешавӣ.

-Аввал даҳоната ҳафт бор об гардон, ана баъд Рухсораи мана ном гир!

-Рухсораи ту кайҳо хондана партофта, дар шаҳр ҳайдав шудааст.

Бахтигул бузҳояшро сӯйи дарвағнаи боғаш ронд. Мағфура ба сари ҷуволи ҷуворӣ бозомад, бо дили сӯхтаву дасти сард.

«Бахтигул каси бегона не, духтари аммаам Ҳуринисо аст, апаи Баҳодур аст. Аз ин рӯ, ғараз дорад. Аз дарду алами кӯҳна ҳар чӣ ба даҳонаш ояд, беибо мегӯяд.

https://bikhon.tj/

Баҳодур хоҳарамро дӯст медошт. Аз рӯзе, ки Садбарг шавҳар кард, Бахтигул пӯсти шағол пӯшид. Кӯдакашро рӯйи даст бардошта, беруни дарвозааш рост меистоду баробари маро дидан сурудхонӣ мекард:

-Кӣ дорад ҳамту бача, барорад сари кӯча!

Тири таънааш ба ҷигари сӯхтаам мезад. Шабҳо худро хуспида меангоштам, вале намехуфтам. Ашки ғам меполудам, субҳидам бо чашмони сурхида аз хона мебаромадам. Кинаварӣ шиори зиндагии Бахтигул шуд. Ана, имрӯз…»

-Хола! –овозе аз тарафи дарвоза омад. Чӣ касе ӯро «хола»-гӯён ҷеғ мезанад. Риштаи хаёлоти Мағфура гусаста шуд. «Хола»-гӯии Рухсора ёдаш омад.

-Ассалом, хола! Мебахшӣ, алюмин мефурӯшӣ? Чӣ қадаре, ки бошад, мехарам.

Дами дарвоза писарбачаи тахминан 15-16 сола меистод.

-Не, бачаҷон! Алюмин надорам.

Писарбача рӯй ба сӯйи кӯча ниҳод.

Мағфура ба суханони Бахтигул бовар намекард. Ба Душанбе рафту омад, аммо ба Бахтигул чизе нагуфт. Нагуфт, ки:

-Ҳақиқати ҳолро фаҳмидам. Донистам, ки духтаракам аз хати кашидаам набаромадааст. Дилам таскин ёфт.

«Падарам баъди ҳар намоз дуо мекунанд, ки:

-Худо аз тӯҳмати ногаҳон дур дорад.

Бо Бахтигул баҳс кардан ҷаҳди бесуд аст. Ӯ маро фаҳмидан он тараф истад, гӯш кардан намехоҳад.»

* * *

Рухсора ҳар бегоҳ ба соҳиби қаҳвахона «Хайр, ман меравам» мегуфту аз дар хориҷ мешуд. Ин бегоҳ Комрон лутф кард, зиндадилона ва оҳангдор барояш шеър хонд:

-Қурбони чашми равшанат, ман меравам нагӯй…

https://bikhon.tj/

Ва фармуд:

-Ин ҷо биёед!

Ҳуҷраи шефи қаҳвахона дар қабати дуввум ҷойгир аст. Аз рӯйи қоида пойафзолро паси дар гузошта баъд медаромаданд. Вале Комрон Рухсораро аз ин амал боздошт.

-Бо пойафзол дароед.

-Қолинатон гардолуд мешавад, шеф.

-Боке нест.

Комрон аз сейф пул гирифта, ба дасти духтар дод:

-Ин маоши аввалини Шумо.

-Охир, Шумо гуфта будед, ки ба ман танҳо нисфи маошро медиҳед.

-Рухсора, ин коғазҳо ба як зарра хоки пойи Шумо намеарзад. Ман тайёрам, пеши қадаматон аз пул пойандоз ороям. Агар сари роҳатон кӯҳ бошад, аз пул роҳ месозам, боми хонаатонро бо пул мепӯшонам. Ҳоло ин ҷо биёед.

Комрон аз банди дасти духтар дошта, ба худ ҷазб кардан хост.

Рухсора мақсади ӯро фаҳмида сахт силтав дод.

-Падарлаънат, сар деҳ дастамро!

Тахтапушти Комрон ба сейф бархӯрд. Рухсора пулро ба рӯйи қолини фарш ҳаво дод:

-Гир пулатро!

Зуд худро аз дар берун гирифт:

-Номард! Ҳайвон! Расво! Мурдор!

Комрон ҳаш-ҳаш нафас зада аз дунболаш медавид:

-Рухсора, ман ин корро бо хоҳиши Хуршед кардам. Вай Шуморо ба воситаи ман санҷидан хост. Мехоҳад бидонад, ки ба ӯ вафодор ҳастед ё не?!

-Бар падари ҳардуятон лаънат!

Саропо қатраи ашкро мемонд, ки аз мижгони зинаҳо поин меомад. Сухани охирини Комрон Рухсораро бештар ба қаҳру ғазаб вомедошт. Ин сухан дар сардӣ монои яхоб буд, ки аз ҷӯйбори дили Рухсора

https://bikhon.tj/

гузар карда, ба ниҳоли ишқ мерасид: Хуршед ба ман бовар надоштааст. Ҷавонмардон агар духтаре ба онҳо меҳрубонона табассум кунад, дили варо ба пари коҳе ҳамбаҳо медонанд. Агар аз духтар сангиндилӣ бинанд, чунин меангоранд, ки ин духтар бо онҳо не, бо каси дигаре ҳатман ишқварзӣ дорад.

Хуршед, ту то имрӯз дили маро нафаҳмидӣ, яқин аст, ки дигар асло намефаҳмӣ. То имрӯз маро нашинохтӣ, дигар ҳеҷ гоҳ нахоҳӣ шинохт.»

* * *

Хуршед маҷоли сар боло кардану сухане гуфтан надошт. Падараш аз мавзӯъи душвор сухан мегуфт:

-Зангирӣ савдои умр аст писарам! Карбос харӣ, ба милкаш нигар, духтар гирӣ, ба очаш нигар, гуфтаанд. Духтаре, ки ту таҳи чашми кардаӣ, аслу насабаш ба мо маълум нест. Ҷӯраат Комрон мегӯяд, ки модари он духтар чанд сол пеш бо ким-кадом мардаки пулдор ёр шуда, аз хонаи шавҳараш гурехтааст. Падари духтар аз бадроҳагии занаш ба ғаму кулфат дучор шуда, дар синни ҷавонӣ фано шудааст. Аз қолаби каҷ хишти рост умед доштан хатост. Хок гирӣ, аз теппаи баланд гир. Ҳусну ҷамоли он духтар ошу нонат намедиҳад. Худо ҳуснро ба одам амонат медиҳад. Зебоӣ поянда нест, маҳтоб низ баъди шаби чаҳордаҳум оҳиста-оҳиста завол меёбад.

-Падар, як-ду сол сабр кунед, сонӣ ягон гап мешавад.

-Ту зиндагиро намефаҳмӣ. Мардум маро таъна мезананд, ки Баҳриддини бурут оши тӯйи дигаронро хӯрда, равғани онро ба буруташ молида метавонаду як писарро зан дода наметавонад.

Хуршед вазни ҳар суханро дар тарозуи хирад месанҷид. Мӯйлаби падар, ки замоне сип-сиёҳ буд, тораҳои сафеде пайдо кардааст. Дар симои қиблагоҳаш нишонаҳои пириро дида, маҳзун мешуд.

https://bikhon.tj/

-Ман ҳам офтоби сари кӯҳ. Зудтар бахти туро бинам, мегӯям. Ту то бачадор нашавӣ, ба қадри падару модар намерасӣ. Ман мехоҳам рӯйи набераро бинам. Фарзанд-донак, набера мағзи донак…

* * *

-Рухсора рафт, -Комрон ин суханро бо ваҷҳи ором гуфт, гӯиё аз тӯфони ниҳоди Хуршед бехабар буд.

Дӯсташро муроот карда, ба ошёнаи дуввум, ба ҳучраи худ бурд. Ба пешхизмат Галина худ дастур дод:

-Арақ, кабобу газак…

Ним соат пас Хуршед дилашро пеши Комрон холӣ кард:

-Рухсора духтарест, ки ишқ ҳам ба ӯ ошиқ аст. Гоҳе ки ӯ сухан мегӯяд, дар овозаш тамоми зебоию назокат, ҳусну малоҳат, покизатарин ҳиссиёт мавҷ мезанад. Ман метавонам, бо чашмони баста ӯро бубинам, вақте ки овозашро бишнавам. Ман Рухсораро бехудона дӯст медорам, вале ӯ ба қавлам бовар надорад. Фикр мекунад, ки ман булҳавасам, ниқоби ошиқ ба рӯй кашидаам, ӯро мефиребам.

Комрон аз киса қуттии сигор бароварда пурсид:

-Сигор мехоҳӣ?

-Не, ташаккур!

-Эҳ, Хуршед, Хуршед! Мебинӣ, ин сигор чӣ гуна месӯзад? Оё ману ту ҳоли ин сигорро дида, барояш ғам мехӯрем?

-Не.

-Ту барои Рухсора монанди ана ҳамин сигор месӯзӣ. Вале Рухсора на сӯхтанатро хуш дорад, на дудатро, на худи туро. Дар зиндагӣ сӯхтанҳои беҳуда низ ҳаст. Ман ҳам вақте ки Рухсораро ба кор гирифтам, гумон доштам, ки вай духтари фариштахисол аст. Баъдҳо дидаму донистам, ки хато кардаам. Шинохтам, ки вай тамоман дигар аст. Шинохтан он тараф истад... Хайр, давомашро намегӯям. Аздусар бовар намекунӣ.

https://bikhon.tj/

Зеро чашми ошиқ кӯр аст, гӯши ошиқ кар аст. Ошиқ танҳо рӯйи маъшуқаашро дида метавонад, овозеро ба ҷуз садои маъшуқааш намешунавад.

-Комрон, ҳарчӣ дар бораи Рухсора медонӣ, бигӯ…

-Ба худат эътибор деҳ, Хуршед! Агар ту ҳам сарулибоси қиматбаҳо медоштӣ, Мерседесу Ҷип не, аққалан ГАЗ 31-ат мебуд, шояд Рухсора туро ҳам хуш қабул мекард.

-Бе парда гап зан, Комрон!

-Кори қаҳвахона ҳеҷ душворӣ надошт, маошаш ҳам бад набуд. Вале Рухсора аз баҳри кор баромад. Оё ту медонӣ, ки ҳоло Рухсора чикора аст? Хабар дорӣ, ки вай дирӯз дар куҷо буд? Он буқаҳое, ки Рухсораро ба дараи Варзоб бурданду танги ғуруб бозовардand, чӣ ном доштand.

-Комрон, даҳонатро пӯш.

-Узр, ҷӯра, узр,-Комрон аз пушти тиреза ба берун нигарист. –Куҷое хонда будам, ки қаҳрамони ошиқ ба худ мегуфт: Ва духтаре, ки ман дӯст медорам, шояд фоҳишаи ин шаҳр аст.

-Комрон маро аз ақл бегона мекунӣ!...

-Ҷуръаи талхе, ки фардо бояд бинӯшӣ, имрӯз бинӯш. Ин ҷуръа имрӯз доруст, фардо заҳр. Ман ҳамчун дӯст қарзи худ медонам, ки сухани ҳақро бароят бигӯям.

-Хулоса, ту чӣ гуфтан мехоҳӣ?

-Аз Рухсора даст каш! Вай на он олиҳаест, ки ту тасаввур кардаӣ. Духтарҳои қишлоқро худат медонӣ: ҳамин ки пояшон ба шаҳр расид, сарашонро гум мекунанд.

Дигар ба гӯши Хуршед сухане намедаромад. Дар ду тарафи пешонияш рагҳо таранг шуда, ба кафидан омода буданд. Хун дар шараёнаш намеғунҷид. Саропояш дар обу арақ тар буд…

-Ғам нахӯр Хуршед! Туро бо духтаре шинос мекунам, ки сояаш аз Рухсора даҳчанд зеботар аст. Тӯй

https://bikhon.tj/

дар қаҳвахонаи мо баргузор мешавад. Барои дусад кас даъватнома тайёр намо. Барандаи тӯй худам мешавам.

Комрон аз ҷой хеста тақлидкорона даст меёзонду мехонд:

Домоду арӯс ҷон ба ҷонанд имшаб,
Дар даҳр фақат ду кас ҷавонанд имшаб.
Гар зиндагӣ…

Комрон боз ба курсӣ нишаст. Дуди сигор фазоро тиратар мекард.

* * *

Хуршед дар саҳни Донишгоҳ Рухсораро интизорӣ мекашад. Донишҷӯён аз дари бино гурӯҳ-гурӯҳ баромаданд. Ана, Рухсораи аз дилу ҷону дида азизтари ӯ намоён шуд. Ҳамроҳи духтари хушдимоғе суҳбат карда, бо чеҳраи хандон меояд.

-Ин чала боби дасти ман будааст. Ту аз куҷо сӯм меёбӣ, ки ин хел чизҳо мехарӣ?

Дугонаи Рухсора дасташро пушту рӯ гардонда, ангуштвонаеро тамошо мекард.

-Инро худам нахаридаам. Инро ба ман тӯҳфа карданд.

-Оҳо, тӯҳфа мегӯӣ? Ту ҳам аноӣ не, ту бало! Аз бало ҳам зӯртар. Язнаамон тоҷики нав будагистанд?

Дугонаҳо баробар хандиданд.

«Ангуштарин? –ба шигифт омад Хуршед. –Кӣ онро ба Рухсора тӯҳфа карда бошад?»

Вақте ки ҳардуи онҳо баробари Хуршед расиданд, Рухсора ҷавонро диду надид. Хуршед ӯро шинохту нашинохт.

-Комрон гапи ҳақро гуфта будааст! –саропои Хуршед гӯё каждум газида бошад, оташ гирифт.

* * *

Дилафрӯз рӯйи курсии стоматологӣ боадабона нишаста буд. Бо лутфу адо, бо назокат сухан мегуфт. Хуршед гӯш мекард, ҳусни дилбараш чашм мерабуд.

https://bikhon.tj/

Нигоҳи духтар рӯйи девор лағжида, поин мефаромад, фосилаи ҷиҳози хонаро шино мекард ва боз ба рӯйи ҷавон дақиқ мешуду даруни дили ӯ шӯру ҷунун меангехт. Нигоҳашро ҳар сӯ мебурд, то ки ҷавон аз чашми ӯ бим накарда, ҳуснашро дилсерӣ тамошо кунад. Ҷавон ҳам ин рафтори духтарро пай бурда, дар дил аз ӯ миннатдор буд.

«Комрон, дӯсти дилсӯзам, бародари ҳамдарду ҳамрозам! Маро аз вартаи ноумедӣ раҳо кардӣ. Туро имрӯз боиси хушбахтии худ мешуморам. Охир, орзу ҳам накарда будам, ки замоне бо чунин олиҳа ҳамнишин мешавам. Комрон, зинда бошам, туро барои чунин хидматҳоят сарфароз хоҳам кард.»

Хуршед худро гум мекарду меёфт, меёфту боз гум мекард. Бехабар аз он ки мунтаҳо худро дармеёбад, ё ки бебозгашт гум хоҳад шуд.

* * *

-Рухсора, хоҳари ҷонам, саратро боло кун! Чаро мегирйӣ? Чӣ ғам дорӣ?

Духтарак сар бардошта, ба осмон нигарист. Дар қатраҳое, ки сари мижгони ӯ ҳамоил буданд, моҳи шаби чаҳордаҳ меларзид.

-Ман имрӯз ишқу умедамро гӯр кардам.

-Рухсора, хоҳари ҷонам! Худатро обу адо накун! Ман моҳи осмон бошам, ту моҳи замин ҳастӣ!

-Моҳтоб, бигӯ, ту аз он баландиҳо Хуршедро мебинӣ?

Хуршеду Дилафрӯз дар тарабхонаи «Чаманоро» аз ҳама боло нишастаанд. Шабнами хушҷилои табассум зеби ғунчаи лабҳои домоду арӯс, Ҳозирон ба онҳо бахту саодат мехоҳанд, суруду мусиқӣ мавҷ мезанад, ҷамъе арғушт мераванд. Ҷомҳои булӯрин ба ҳам мехӯранд. Қаҳвахона мамлӯ аз садоҳост, суҳбат, баҳс, талош, ханда, шавқун…

https://bikhon.tj/

Ҷилави дидагони Хуршедро пардаи ҳавр гирифт, лаҳзае тасаввур кард, ки дар паҳлӯяш Рухсора нишастааст.

-Бихез, -арӯс ба паҳлӯи домод бо оринҷ зада, ӯро ба худ овард. Ҳадаҳа аз ҷой бархостанд. Падару модари Хуршед рақсидаву хандида, ба тахти онҳо наздик меоянд. Амаки Баҳриддин ба назар ҷавон шудааст. Охир, чаро наболад, ки ин шом писари кенҷааш ҳам ҷомаи домодӣ ба бар дорад. Дар дили волидайн дигар ормон намонда.

Хуршед ба Дилафрӯз нигарист, сарандозу пироҳани сафед ба ӯ хеле зебида буд.

Фарсаххое дур олиҳаи орзуву умедҳои Хуршед сиришк аз дидагон меборид. Миёни ангуштони Рухсора қалам месӯхт, ҳарфҳо монанди шарар ба сафҳаи дафтар фурӯ мерехтанд: ***«Гоҳе ки нафареро дӯст медорӣ, замоне мебинӣ, ки ӯ худо шудааст ва ба маснади дили ту нишастааст. Ту бошӣ, банда шудай ва дар пеши пойи ӯ ба ниёиш афтодай. Аммо бадтар аз он рӯз кадом аст, ки ин худо бандаашро бифиребад? Биҳишт ваъда дода бошаду ба дӯзахи азоб андозад. Ниқоб аз чеҳра барандозад ва нигоҳи ту ба рӯйи иблис расад. Ту ки гуноҳе надорӣ, саҳву хатои шиқро чӣ гуна таҳаммул хоҳӣ кард? Чӣ гуна метавон ин худои дурӯғинро ба ҷазо кашид? Агар ишқ ширинтар аз зиндагист, пас хатои он талхтар аз марг аст.»***

Моҳи шаби чаҳордаҳро дил барои Рухсора месӯхт. Қалам аз фироқ менолид, монанди он най, ки аз найистон бибридаанд.

* * *

Ба мижагони заррини хуршед сурма менишаст. Рухсора аз субҳи шаҳр сӯйи шоми деҳа меомад, бо дили садпораву боли шикаста.

Гоҳе ки аз дарвозаи холааш пойи рост ба дарун ниҳод, аз паси сар гуфтугӯе шунид:

-Ин духтар дар ин бевақтӣ аз куҷо меояд?

https://bikhon.tj/

-Холаҷон наход худатон надонед? Говон аз пода бегоҳ меоянд-ку?

Ин овози Бахтигул буд. Рухсора тараққосзанон даричаро пӯшид, пиндорӣ даҳони ҳамсоязанаки бадгӯро мебаста бошад.

Ба хона расиду овозаи навро шунид: Шодӣ, оне ки баъди ғайб задани Фузайл ба курсии раисӣ нишаста буд, ҳабс шудааст. Чӣ гуноҳ доштааст?

Шодӣ Сафар ном ҳаммаслаки дерина дорад. Дӯстии онҳо аз рӯзҳои аввалини ба курсии раисӣ нишастани Шодӣ шурӯъ гардида буд. Ин ду нафар чунон бо ҳам унс гирифта буданд, ки бе якдигар нафас кашида наметавонистанд. Ҳангомаи нав аз он сар шуд, ки Сафари электрикро ба беморхонаи маркази ноҳия бурданд.

* * *

-Камолов Сафар? Бале, ин шахсро дина бегоҳӣ ба беморхонаи мо оварданд.

Майор Насрулло Самадов риштаи суханро тоб дод:

-Шумо ба ман бигӯед, ки бо Камолов Сафар чӣ воқеа рӯй додааст?

-Фалокат аз таги пой мехезад, гуфтаанд. Камолов Сафар барои пайваст кардани симҳои кандашуда ба симчӯб баромада, бар асари беэҳтиётӣ ба замин афтодааст. Ташхиси хунаш нишон дод, ки Камолов Сафар дар ҳолати мастӣ ба симчӯб баромадааст.

«Аҷабо,-мулоҳиза меронд майор Самадов.–Дар аризаи шикоятии завҷаи Камолов Сафар тамоман чизи дигар навишта шудааст. Сардухтур бошад, ҳодисаро ин хел шарҳ медиҳад.»

-Бемор дар ҳолати вазнин қарор дорад. Ба назди ӯ даромадан мумкин нест, -тафсир дод сардухтур.

-Ба ҳар ҳол ман бояд Камолов Сафарро бинам. Ин кор барои расмият лозим.

Майор аз курсӣ баланд шуда, сӯйи даҳлез қадам зад.

https://bikhon.tj/

Сардухтур ба таҳлука афтод: «Оббо, Шодӣ фармуда буд, ки касеро ба назди бемор роҳ надиҳам.»

Аз ҷайб телефони ҳамроҳро бароварда, рақам чид:

-Уфф. Муваққатан хомӯш карда шудааст. Телефонат аз сарат монад!

Майор Самадов курсии мулоимро наздики кати бемор гузошт. Сафар сару рӯяш докапеч. Канда-канда ҳарф мезад:

-Бо шишаи арақ ба сарам зад. Шодӣ зад.

-Кадом Шодӣ?

-Раиси хоҷагии деҳқонӣ.

Шодӣ ва як мушт ҳамсоғаронаш ҳар сари чанд вақт гаштак ороста, оши ҳарифона мехӯранд. Рӯзи шанбе навбати зиёфат ба Шодӣ расид. Одатан, дар ин гуна базмҳо бо хитоби раис Сафар дасту остин барзада, масъули дасторхон мешавад. Кабкбирёни ӯро меҳмонони хосаи раис ҳарфи таъриф дар забон нӯши ҷон карданд. Баъди гусели меҳмонон Шодӣ Сафарро назди миз хонд. Ҳарду чандин бор қадаҳ ҷанг андохтанд. Яке Сафар гиребони худро дар қабзаи раис дид:

-Ту ба ман чӣ ғараз дорӣ? Гап зан?

-Ман, ман… Ҳеҷ ғараз на-на-надорам!

-Ман ба ту чӣ душманӣ кардам? А?

-Шумо ба ман ягон бадӣ…

Чашмони Шодӣ қариб аз косахона бароянд. Шабоҳат ба шери жаён дошт. Бехудона ҳамлавар шуд. Шишаи шароб бо зӯри дасти Шодӣ ба тарки сари Сафар фурӯ хӯрд.

-Ҳммм, -мад кашид майор. Ҳикояти Сафар бо мазмуни аризаи шикоятии завҷааш мос буд. Дар ин миён Самадовро мавқеъи сардухтур ба тааҷҷуб меовард.

-Шумо ба симчӯб бо супориши Шодӣ баромада будед? Фақат чизеро пинҳон надоред. Зеро мо ҳамаашро медонем.

https://bikhon.tj/

-Аъ? Шумо ҳамаашро медонед? Он шаб ман фақат баркро куштам, бо хоҳиши Шодӣ. Дигар ҳама корро Шодию додарарӯсаш кардаанд. Ман гуноҳ надорам. Бовар кунед, онҳо чи мақсад доштанашонро аз аввал ба ман нагуфтанд. Агар медонистам, ҳаргиз ба ин роҳ намерафтам. Маро оҳи кӯдакони Фузайл гирифт, маро оҳи духтари Садбарг гирифт.

«Чӣ? Фузайл? Садбарг? Дар ариза номи ин нафарон нест-ку?! Боз ин чӣ байту ғазал бошад?»-аз дил гузаронид Самадов. Майор аз таҷрибаҳо медонист, ки баъзан риштаи чигил ногаҳонӣ кушода мешавад. Ҳушёриву зиракӣ ба кор бурд.

-Ана, ба сари мақсади асосӣ ҳам омадем. Хуб шуд, ки худатон аз ин боб гап кушодед…

Навакак ба Шодӣ сардухтур телефон кард. Хавоси раис парешон шуд. Ҳанӯз ба хулосае наомада буд, ки дари хонаашро кӯфтанд. Милисаҳоро дида ранг бохт:

-Фузайлро ман накуштаам.

Шодӣ эҳсос кард, ки забонсурхӣ кардааст. Боястӣ, худро ба нодонӣ мезад, хомӯш менишаст, истиҳола мекард. Вале акнун дер шуда буд. Ӯро ба шаҳр бурданд.

Шодӣ ба муфаттиш ҳодисаи қатли Фузайлро ифшо кардааст. Аз рӯйи гуфти ӯ…

* * *

Он бегоҳ Баҳодур ва ду тан рафиқи силоҳдораш меҳмони Шодӣ буданд. Бахтигул дар ошхона ҷунбуҷӯл дошт. Бӯйи хуши зирбак ҳавлиро пур мекард. Дар меҳмонхона Баҳодур нӯшбод мегуфт:

-Барои саломатии язнаам менӯшем. Бози давлат ҳамеша ба сарашон соя афканад!

Қадаҳҳо холӣ шуданду лабрез.

-Инашро барои Баҳодур менӯшем. Зудтар зан гираду мо дар тӯяш хизмат кунем.

Баҳодур оҳ кашид.

-Ҳанӯз дилам ба Садбарг кашол…

https://bikhon.tj/

Баҳодур ёд овард, ки ҳанӯз замони дар синфи ду хондан оташи ишқи Садбарг хасу хошоки дилашро месӯхт. Ҳини дарсҳо ба қафо рӯй тофта, рӯю мӯйи Садбаргро тамошо мекард. Садбарг дар шафати тиреза менишаст. Фурӯғи офтоби пагоҳирӯзӣ ба сару рӯйи Садбарг метофт. Садбарг дар ин ҳол шоҳдухтари афсонаро мемонд. Ишқи кӯдакӣ… Баҳодур намедонист, ки дар оянда низ он замони бегуноҳиро зиёд ба ёд хоҳад овард, лаҳзаҳое, ки зери чархи гардун худро гунаҳгортарин одам хоҳад шинохт.

-Ҳа, ишқ дарди зӯр. Ман ҳам ошиқ шуда, Бахтигулро гирифтагӣ. Мебахшӣ, Баҳодур. Ту, ки ҳанӯз ба умеди Садбарг бошӣ, чаро намеҷунбӣ?

-Чӣ кор кунам, язна?

-Ягон илоҷашро ёфтан даркор. Ман медонам, ки Садбарг ҳам туро дӯст медошт. Вале падараш ӯро маҷбуран ба Шерзод дод. Аз рӯйи шунидам, Садбарг аз ҳаёташ чандон розӣ нест. Чунки вай туро мехост, на Шерзодро.

-Аламамро тоза кардед, язна! Аҳд карда будам, ки Садбаргро аз шавҳараш кашида мегирам. Вале хаёлам хом баромад. Язна, биёед, ба шумо ҳаққи гапро гӯяму монам. Инро ба апаам нагӯед. Ояндаамро намедонам. Ҳамааш пушти тумани ғафс. Шояд рӯзе расад, ки ман сарамро гирифта, аз ин диёр гурезам. Охир, корҳое, ки мо кардем, барои ҳамааш ҷавоб додан даркор.

-Кадом корҳоятро мегӯӣ, Баҳодур?

Баҳодур нақл кард, ки гурӯҳи онҳо ба ғорат кардани манзили нафарони доро, дуздидани мошинҳо машғул аст.

-Язна, ман дар майдони ҷанг нестам. Гурӯҳи мо кораш дигар аст. Замонаро дида истодаед. Давлат роҳбар надорад. Қонун нест, милиса нест. Дар Душанбе ҳатто прокурорро нобуд карданд. Фурсатро ғанимат дониста, ҳар кас кори дилхоҳашро карда метавонад. Лекин, умри ҷанг кам мондааст. Одам аз ҷанг ҳам хаста

https://bikhon.tj/

мешудааст. Якумр бо яроқ гашта намешавад. Ман мехоҳам яроқро партофта, дар ягон гӯшаи орому пуросоиш зиндагӣ кунам. Ин автоматро аз ноилоҷӣ ҳамроҳам нигоҳ медорам. Медонам, ки агар онро аз даст диҳам, мо касе ҳам нестем. Салтанати мо, савлати мо аз пушти силоҳ аст. Дастамон зӯр надорад… Дар оянда тинҷӣ мешавад, давлат сару сарвар пайдо мекунад, милиса ҳукм меронад. Ана, он вақт дафтари аъмоли моро варақ мезананд.

-Биё, як кори дигар мекунем. Агар ба маслиҳати ман гӯш кунӣ, ту соҳиби Садбарг мешавӣ, ман раис мешавам.

-Гӯшам ба шумо, язна…

Шодӣ автоматро ба даст гирифт:

-Ин бозича, ки ту ҳамроҳат гирифта мегардӣ, ҳеҷ медонӣ, ки барои чӣ лозим аст?

-Медонам. Вале ин бозичаро ман барои тарсондани мардум гирифта мегардам. Дар асл тир надорад.

-Тир ёфтан даркор…

-Яъне, Шумо гуфтанӣ ҳастед, ки мо бояд Шерзодро…

Шодӣ чашмонашро пӯшонида, ба аломати инкор сар ҷунбонд.

-Шерзод садқаи як дона тир шавад. Вай набояд ин қадар осон ҷон диҳад. Вай бояд мурда-мурда зиндагӣ кунад. Рӯзе ҳазор бор мурад.

-Ман аз гапҳоятон чизе нафаҳмидам, язна…

-Як касе нест, ки аз Шерзод пурсад: ту чӣ гуна мардӣ, ки сарата таҳи домани зан пинҳон кардӣ? Вақте ки Садбарг бемор шуд, Шерзод барои дорую дармон пул надошт. Фузайл пул дод. Бо ҳамин пояш ба хонаи Шерзод кушода шуд. Агар ба ҳоҷатхона рафтанӣ шавад, аввал як сари қадам ба ҳавлии Шерзод медарояд. Нонашро дар суфраи Шерзод мехӯрад. Ба хонаи Шерзод орду равған барин чизҳо мебарад. Ба

https://bikhon.tj/

хаёли ту, чаро Фузайлу Шерзод ин қадар унс гирифтаанд?

-Ман аз куҷо донам, язна?

-Эҳ, Баҳодур! Ту ҳанӯз ғӯра ҳастӣ, ту хомӣ. Аспе, ки ту аз думаш доштан мехоҳӣ, Фузайл аз лаҷомаш дошта зин зада савор шуданист.

Хумори шароб якбора аз сари Баҳодур парид:

-Язна, наход Фузайл ҳамин хел одам бошад?

-Одам гуфтӣ? Ҳай-ҳай! Ман вайро одам ҳисоб намекунам. Вале аз ин сару савдо хурду калони деҳа бохабаранду худро ба нодонӣ мезананд. Аз мансаби Фузайл метарсанд. Ту аз боиси Садбарг аз деҳа дилхунук шудиву чанд сол боз дар мусофирӣ мегардӣ. Нашунидаӣ, ки гуфтаанд: шӯхакон лаб-лаби бом, хаппакон кора тамом.

-Не, ин тавр шуданаш мумкин нест! Ман Фузайлро намебахшам! –пайкари Баҳодур дар оташи рашк месӯхт.

Меҳмонон бархостанд. Рӯйи ҳавлӣ Баҳодур ба баданаи мошини Нива кафи кушодаашро ниҳод:

-Язна, ин ароба аз они Шумо! Ками мову карами Шумо!

Саги Шодӣ дами дарвоза фукашро рӯйи дастонаш ниҳода, ғанаб мекард. Баҳодур сагро бо нӯги пой тела дод:

-Раис, роҳро кушоед, мо гузарем.

Дигарон қоҳ-қоҳ хандиданд.

* * *

Хабари аз Душанбе омадани Рухсора холаҳояш Аслибегиму Кавсарбону ва ҳамдеҳаашон Аминаро дар хонаи Мағфура ҷамъ кард. Бигӯ-магӯи занҳо аз қисмати фоҷеаомези Фузайлу Садбарг буд.

-Баъди сари мардак рӯзгори ман ҷудо ҷазир шуд. Шодӣ ба аҳволи мо заррае эътино накард. Аҳли оилаи моро раиси маҳалла боре ҳам ба рӯйхати кӯмаки

https://bikhon.tj/

башардӯстона нанавишт. Кӯмак ба одамоне мерасид, ки дар рӯзгорашон аз ҳеҷ чиз танқисӣ надоштанд. Рӯзҳое шуд, ки Гугушу Аҳлиддин нон гуфта, пушти даст газиданд. Ас аз хотирам намеравад, як рӯз Аҳлиддинам қорӯби дастамро дошт ва намонд, ки хонаро рӯбам. Гуфт, ки ман аввал аз рӯйи хона нонрезаҳоро ёфта хурам, ана баъд хона мерӯбӣ. Гугуш аз синфи чор мактабро партофта, хонабон шуд. Ман бошам, аз ҳамдеҳагон ширу қурғоту тухм харида, ба бозорчаи шаҳрак бурда мефурӯхтам. Ана ба ҳамин тартиб рӯзу умр кардем.

Рухсора ба симои Амина нигариста, байни риштаҳои мӯйи зан тораҳои сафеде дид.

«Ҳа Амина талху шӯриҳои зиёде чашидааст. Даҳ сари сол маро сақат мегуфт, лекин бечора Амина айб надорад. Ба қойи Амина ман ҳам мебудам, чунин рафтор мекардам.» -мӯҳраи хаёл шадда мекард духтар.

Мағфураро ёд омад он рӯзе, ки дар хонаи Садбарг буд ва намедонист, ки фардо хоҳараш аз деҳа ғайб мезанад. Садбарг тараддуди қомашӯӣ дошт ва таҳи деги пуроб оташ меафрӯхт. Ногоҳ нидо дардод:

-Оҳ, апаҷон, собунро зоғ бурд.

Моҳи хотири Садбарг гирифт кард. Зеро ин ягона собуне будааст дар бисоти онҳо. Онро Шерзод аз кимкадом шиносаш ба даст оварда буд.

-Акнун чӣ кор мекунам?- Садбарг ба сӯйи тағора ва либосҳои ношуста бо таассуф нигарист. Он рӯз хоҳарон намедонистанд, ки ба қойи собун аз ноилоҷӣ хокистарро низ ба кор бурдан мумкин аст. Садбарг либосҳои ношустаро ҷамъ оварда, ба хилъати худ печонд.

Чизе, ки субҳи рӯзи дигар боиси ҳаяҷони Мағфура шуд, хилъати Садбарг буд, ҳамон хилъате, ки дар меҳмонхона паҳлӯи бистар дарёфтанд.

https://bikhon.tj/

-Боварам намеояд, ки Садбарг он хилъати ношустаро дубора пӯшидаасту сипас дар ҳузури Фузайл онро аз тан бадар кардааст.

Мағфура хилқати хоҳарашро медонист. Садбарг табъи нозуке дорад. Ҳамеша либосҳои тозаву озодаашро мепӯшад. Ин одат аз хурдӣ дар ниҳоди Садбарг буд.

-Худат гуфтӣ, ки собун набуд, -баҳс мекард шавҳари Мағфура. – Собун, ки набошад, хилъати ношустаро ҳам аз ноилочӣ мепӯшад-дия.

-Агар Садбарг маъшуқаи Фузайл бошад, чаро собун барин чизи оддӣ барои вай неъмати ноёб буд? Охир, занҳои танноз дар бари хушдорашон бо либоси покизаву зебо нишаста, ишваву ноз мефурӯшанд.

-Яъне, ту гуфтанӣ ҳастӣ, ки ҳамааш дурӯғ, тӯҳмат. Хоҳари ту айбу гуноҳе надорад. Пас барои чӣ ҳамроҳи Фузайл гурехта рафт? Барои чӣ? То абр набошад борон намеборад, занак! Ту мегӯӣ, ки хоҳари ту фариштаст, фариштаи хокӣ. Зиёд дидаем ин гуна фариштаҳоро.

-Мардакам дарди миён дошт,- риштаи суханро ба даст гирифт Амина. –Ба духтур рафта буд. Духтур маслиҳат додааст, ки дар рахти мулоим хобиданаш мумкин нест. Аз ин рӯ, чанд шаби охир хобаш болои як қабат кӯрпаи тунук буд. Шодӣ, ки инро намедонад, дар меҳмонхонаи Шерзод рахти мулоим партофтааст. Мардаки ман дар ин гуна ҷойгаҳ тамоман дароз кашида наметавонист.

Амина ба андеша рафт: «Чаро чунин андеша ҳамон рӯзи ғайб задани Фузайлу Садбарг ба сарам наомад. Ҳа, он рӯзҳо аз оташи ҳангомаи мардум сарам метафсид, чунон метафсид, ки ақлро дурусттар ба кор бурда фикр ронданам амри маҳол буд. Аз тарафи дигар рашк. Дуди рашк чашми одамро кӯр мекардааст. Вале оё чунин андешаҳо дар тарозуи хирад монанди пари коҳ сабук аст?»

https://bikhon.tj/

* * *

- Рафиқон! Вазъияти сиёсии ҷумҳуриро дида истодаед. Майдони ҷанг торафт васеъ шуда истодааст. Ҳар рӯз хабарҳои нохуш мерасанд. Мардум дар саросари кишвар ба таҳлука афтодаанд. Махсусан, таъқибу фишор ва зӯроварӣ нисбат ба коммунистон як зуҳуроти муқаррарӣ шудааст. Аз эҳтимол дур нест, ки пагоҳ ё фардо оташи ҷанг ба ноҳияи мо ҳам расад. Ба ҷони ҳар яки шумо, ба ҷони ҳар як узви хонадонатон хатар таҳдид мекунад. Аз ин рӯ, мо ба хулосае омадем, ки тамоми маълумотро дар бораи коммунистони ноҳия махфӣ нигоҳ дорем. Билетҳои худро ба мо супоред, то ки якҷоя бо рӯйхатҳои гуногуни ҳизбӣ, ҳуҷҷату санадҳо, мӯҳру тамғаи кумитаи ҳизбии ноҳия дар яке аз ғорҳои кӯҳистон пинҳон кунем. Агар рӯзе расаду тинҷиву амонӣ дар ҷомеа барқарор шавад, албатта, ман ба ин бовар дорам, он гоҳ мо боз муттаҳид мешавем, комитети ҳизб боз ба фаъолият оғоз мекунад. Ба фикрам, аз ин зиёд гап задан фоида надорад. Худатон шоҳиди ҳол ҳастед, вазъи моро мефаҳмед.

Котиб аракӣ рухсору пешонияшро бо дастрӯймол тоза мекард.

Не, ин суханҳоро аз котиби якум интизор набуд Фузайл. Суханҳои котиб дар бораи вазъияти сиёсии Тоҷикистон дуруст аст. Вале дар дилҳои коммунистон эҳсоси тарсу бимро барангехтан, онҳоро ба тарсуӣ, буздилӣ, бечуръативу дурӯягӣ раҳнамун шудан ба шаъни ӯ намезебад. Дар бораи ояндаи Ватан мебояд фикр кард, танҳо ғами худу хонаву аёлу фарзандони худро хӯрдан нишони одамият нест.

Фузайл билети худро насупорид. Бо ситезаву тундӣ аз маҷлисгоҳ берун шуд. Ду рӯз гузашт, вале қаҳру ғазабаш басанда намешавад.

Шаб ба сари деҳа кайҳо шоли сиёҳ кашида буд. Фузайл бо душворӣ худро рӯйи зини асп қоим медошт. Радикулити миён боз хурӯҷ карда боиси азияти ӯ шуда

https://bikhon.tj/

буд. Дӯстон ҳар гоҳ маслиҳат медиҳанд, ки ҳама корашро фурӯгузор карда, ба Душанбе ё ки Хуҷанд биравад, аз пайи табобат бишавад. Алҳол дар ин шаҳрҳо амонӣ барқарор аст.

Вале роҳи замона ноҳамвор, саманди вақт тундрафтор, дарёи зиндагонӣ тӯфонбор аст. Ҳар қадам садде, монеае, бунбастеро метавон дучор омад. Косаи сарҳо пур аз селоб, косаи чашмон пур аз хуноб, косаи дилҳо пур аз зардоб шудааст. Андешаи Фузайл гирифтори печидагиҳост. Пули умед, ки имрӯзро ба фардо мепайвандад, ончунон борик аст, ки рӯйи он мӯре бо мӯре наметавонад созиш бикунад. Дар чунин шароит Фузайл наметавонад, инони корро ба дигаре бовар карда, худ сиҳатмандӣ биҷӯяд.

Аз рӯзе, ки дар Тоҷикистон ҷанг оғоз шуд, Фузайл нони ғамро дар оби ҳасрат тар карда мехӯрад. Роҳбарони олимақом сарҳисоби корро гум кардаанд, ришгаи давлатдориро ба чанги микроз додаанд. Фузайл бим дорад, ки ин аҳвол ба сари колхози ӯ наояд. Мешунид, ки силоҳдорон рамаи хоҷагиҳоро бо зӯрӣ мерабоянд. Касе ҷилави онҳоро гирифта наметавонад. Махсусан, аз Баҳодуру ҳамроҳонаш, ки вақтҳои охир зуд-зуд ба деҳа меоянд, андешаманд аст,

-Ин қадар аз худ нарав, Баҳодур! Аз Тӯрат гӯрат наздик. Силоҳатро дар кӯчаҳо нишон дода мегардӣ. Охир, хуни нофи ту дар ҳамин ҷой рехтааст. Аз кӣ метарсӣ, ки ба хонаат ҳам бо силоҳ меоӣ? Мабодо Шодӣ дар ҳавои доираи ту ба рақс ояд. Ин Шодӣ каждуми таҳи бӯрёст. Аз ӯ дилам пур нест. Масалан, метавонад, овоза пароканд, ки силоҳбадастон рамаи хоҷагии моро ҳам бурданд. Дар ҳоле, ки худаш шарикҳунари онҳо шуда метавонад. Гузашта аз ин, ба Шодӣ баҳона даркор аст, баҳонае, то ки моли фермаро ба шикамбаи бетаҳаш андозад.

Фузайл зуд-зуд лаҷоми аспашро ба суйи чарогоҳ метобад, ҳоли шубонон мепурсад, моли фермаро аз

https://bikhon.tj/

назар мегузаронад. Ҳоло ҳам аз ҳамон ҷо меояд. Деҳа дар сояи девори шаб мондааст. Чароғе фурӯзон нест. Ба Амина гуфта буд, ки агар шаб наоям, хавотир нашав. Вале духтарчааш Гугуш шабе, ки падар дар хона набошад, хоб дар чашмонаш ҳаром аст. Писарчааш Аҳлиддин гунҷишкзабон шудааст, ғутғуткунон сухан гуфтанӣ мешавад. Дили Фузайл гум зад.

Дар хамгашт асп тӯрид. Фузайл дар партави маҳтоб тарҳи чаҳор нафар мардро дид, ки давида аз сой баромаданд.

-Фузайл, наҷунб, ки мепарронамат!

Ин овози Баҳодур буд. Шодӣ чанг зада, лаҷомро кашид. Ду тани дигар Фузайлро аз асп афтонданд.

-Шодӣ, бигӯ ин чӣ кор аст?

-Фузайл, одамизод гоҳ зинсавор аст, гоҳ зинбапушт. Ту то имрӯз савора будӣ, ҳоло пиёда мешавӣ. Навбати зинсаворӣ ба ман расид. Ту якумр халқ гуфтию ҷон коҳондӣ. Ту якумр ҷамъият гуфтӣ. Акнун куҷост он халқ, ки биёяду раҳми ҷони туро хурад? Куҷост он ҷамъият? Ман надида истодаам. Фузайл, ҳар кас ба гӯри худ мехобад, халқ ба гӯри касе намедарояд.

Муддатҳо боз чашми Фузайл мепарид, дилаш аз пешомади нохуше гувоҳӣ медод. Эҳсос кард, ки ин пешомад фаро расидааст. Дар тахтапушташ мӯрон мехазиданд. Бадсиголон ӯро кашолакунон ба роҳи мошин бурданд, Ба Волгаи сиёҳ шинонданд.

Он шаб ситорае аз сақфи гардун канда шуд, гӯё як қатра ашк аз мижгони осмон фурӯ чакид.

* * *

Сояҳо қасди рабудани моҳ доштанд. Чаҳор тан мард оҳиста аз сари китфи девор ба рӯйи ҳавлӣ хамида, сӯйи хонае, ки Садбаргу духтарчааш мехуфтанд, омаданд. Ҷавонзан садои пойи сояҳоро намешунид. Садои ба фарш афтодани ҷисме варо бедор кард.

https://bikhon.tj/

-Пишт, – пиндошт, ки гурбае аз тиреза ба дарун ҷаҳидааст.

Чӣ касе ба сари бистар омад.

-Садбарг, Садбарг. Натарс, ин манам Баҳодур.

Ҷавонзан бо тарсу изтироб хост чизе бипурсад. Вале кафи дасти Баҳодур даҳони ӯро баст ва маҷоли гуфтор надод.

-Ман барои ту омадаам. Ҳоло вақти сухан нест. Ҳар гапе, ки дорӣ, баъд мегӯӣ.

Баҳодур латтаеро ба машоми ӯ фишурд, ки бӯйи тезу мадҳушкунандае дошт.

* * *

Садбарг бо заҳмат чашм кушод. Худро андаруни мошин дид. Саволе барқосо ба сараш зад: Ин чӣ ҳол аст? Ман куҷо равонаам? Ин мошини кист? Ин мардҳо киҳоянд?

Танҳо якеро шинохт. Ин Баҳодур буд. Баҳодур чашм кушодани Садбаргро дида лабханд зад:

-Бедор шудӣ, Садбарг?

-Баҳодур ту маро куҷо мебарӣ?

-Садбарг, дар хотир дорӣ: Замоне ман ба ту гуфта будам, чӣ коре кунӣ, аз ман халос намешавӣ, ҳазор дод гӯӣ, фарёд занӣ, ту оқибат аз они ман мешавӣ. Замин даронӣ, аз гӯшат, осмон баронӣ аз поят мекашам. Намегузорам, ки ту аз они каси дигар шавӣ.

Сари Садбарг гиҷ шуда буд. Аз гуфтаҳои Баҳодур чизе ёдаш намеомад. Танҳо лаҳзае ёдаш омад, он ҳам бо душворӣ. Гӯё хотираи кӯҳнае буд. Дар ҳоле, ки ин лаҳза шаб рух додааст:

Шаб аллаҳои модарон дар лаб дошт. Дар деҳаи Боғи Баҳор чароғи барқ мурд. Садбарг шамъ фурӯзон кард, хона равшан шуд. Тақрибан соати даҳ модару духтар ба рахти хоб даромаданд. Шамъ, ки дар тахтонаи тиреза бедор буд, аз танҳоӣ зиқ шуд ва пурсид:

-Парвонаи ман, куҷоӣ?

https://bikhon.tj/

Дар ҷавоб оҳи шаббода омад ва забони шӯълаи шамъро хомӯш кард.

* * *

Волга гӯё парвоз мекард. Садбарг дасту пой зад, аз дасти Баҳодур лағжидан хост. Вале гӯё ба чанголи шер афтода буд. Дар партави чароғи ақл дид, ки Баҳодур ӯро мерабояд. Орзу кард, ки эй кош ин ҳама дар оинаи хоб бошад, на манзари бедорӣ.

Нимаи рӯз ба диёре расиданд, ки Садбарг ҳаргиз надида буд, маконе, ки обаш таъми ҳичрон дошту ҳавояш бӯйи ҷудоӣ. Садбарг пиндошт, ки аз итоати вақту фазо берун рафтааст. Намедонист, ин кадомин билод аст, Ӯ, ки берун аз Офтобрӯву Боғи Баҳор ҷоеро надида буду намедонист. Садбарг илтиҷо кард, ки Баҳодур ӯро ба Боғи Баҳор бубарад, Баҳодур низ ваъда дод ва онҳо азми сафар карданд. Вале сафар Садбаргро дур бурд, дури дури дур.

Дар бандари ҳавоии шаҳри Бишкек Садбарг паспорти худро дар дасти Баҳодур дида, дар дами тешаи ҳайрат тароша шуд. Акнун, ки мурғи фӯлодин онҳоро ба шаҳри Маскав расонид, Баҳодур мегӯяд, ки паспорти Садбаргро гум кардааст. Бидуни паспорт Садбарг як кӯча ҳам рафта наметавонистааст. Махсусан, дар ин шаҳре, ки Садбарг бо забони мардумаш ошно нест. Ӯ ин ҳама сол кӯчаву тангкӯчаҳои деҳаашро бо чашми баста меёфт: ба хонаҳои оддӣ, деворҳои коҳгилии он одат карда буд. Ҳоло дар иҳотаи ҳазорон иморати осмонбӯс, дар роҳҳои васеъе, ки бо ишкелҳои гуногун ба ҳам мепайвандад, худро гум кардааст…

«Дигар зиндагӣ бароям шаби тори замҳарир аст. Хокистари диламро таҳурӯ кардам, шояд боз ҳам дар он шарорае боқӣ монда бошад бо номи умед. Ҳар қадар овора мешавам ҳамон қадар эътимодам комилтар мешавад, ки ин ҷустуҷӯ бесуд аст. Дигар ягон умеде надорам, ки маро ба оянда раҳнамун шавад. Ҳама

https://bikhon.tj/

умедҳоям ба сони муғчаҳои сармохӯрда дар баҳоре, ки паси сар шуд, пажмурду фурӯ рехт.»

Аз сӯхтанҳо нима шудааст, шамъи нимасӯзро мемонад. Шамъе, ки нимаи барҷой мондааш аз нимаи сӯхта ёд мекунад. Мабод он рӯз, ки ин нима низ дар шаҳри Маскав обу адо шавад. Вагарна гули наргис, санг, дарё - ҳеҷ як ӯро ёд нахоҳанд кард. Низ Шерзод, ки ин сӯхтанҳо барои ӯст.

Аз ҳамон шабе, ки дар деҳаи Боғи Баҳор чароғ мурд, дили Садбарг равшаниро надид. Ҳарчанд Баҳодур дар охир ӯро ба шаҳри Маскав овард, ба хонае овард, ки қандилҳои бошукӯҳу зебое дорад. Қафас ҳамон қафас аст, агарчӣ онро аз тилло бисозанд.

Охир, ӯ замоне аҳд карда буд, ки асло зани Баҳодур намешавад, беҳтараш худро оташ мезанад, ё ки ба дарё мепартояд. Маргро ҳазор мартаба аз бадномӣ авло медонист. Вале ҳоло як сӯ бадномӣ, як сӯ марг. Кадомеро интихоб кунад? Маргро!

Ба гӯшаш овози тифлаки дар батн доштааш расид: «Ман чӣ гуноҳ дорам, ки таваллуд нашуда бояд бимирам?»

Садбарг ба худ гуфт:

-Инсон вақте барои худ марг металабад, ки агар биандешад, ин дунё танг аст, ба ҳадде танг аст, ки барои ӯ ҷой намондааст. Ҳеҷ мумкин нест, ки ҳама ҷоро вуҷуди Баҳодур пур карда бошад. Ин дунё аз они ман низ ҳаст, дар ин дунё барои тифлаки ман низ ҷое бояд бошад.

-Ман бояд аз зиндони Баҳодур раҳо шавам. Вале бо кадом роҳ?

«Шерзодро аз куҷо ёбам? Роҳи хонаро чӣ навъ пайдо намоям? Агар аз аввал ба Баҳодур мерасидам, шояд беҳтар буд? Шояд имрӯз гирифтор намебудам? Шояд имрӯз ба ин ҳол намеафтодам?»

Баҳодур рӯзе донист, ки Садбарг аз Шерзод обистан аст, авзоъаш дигаргун шуд. Муносибаташ

https://bikhon.tj/

тағйир хӯрд. Ӯ чунин ранг гирифтани корро чашмдор набуд.

Садбаргро ба як тараф тела дода, ба тарафи хона рафт. Калидро ба қулф гузошта тоб дод. Гӯё гӯшҳои Садбарг қулф буданду калид дар он шараққос зад. Оринҷи Садбарг, ки ба паҳлӯдарӣ бархӯрда буд, аз дард сӯзиш дошт. Ӯ маҳзун ба хонаи дигар даромад. Яқин кард, ки аз пушти ҷигарбанд озору таҳқирҳои зиёде хоҳад дид.

«Ин гург бо чашмони хунполо ба ман менигарад, беқаророна дасту пой ба замин мекӯбад, оташи қаҳраш забона мезанад, дуди ғазабаш фағона мезанад. Дандон ба дандон месовад, меғуррад. Чашмони хунполояш ҳамоно сӯйи ман. Ҳатто мижа намезанад.

Ман рӯбарӯйи ин гург ҳайрону музтарибу нотавону зору танҳо мондаам. Аз ваҳшат овозам дарун задааст, як рагам намеҷунбад. Гӯё санге ҳастам, ки ин гург бо исканаи тези нигоҳ ва зӯри сарпанҷаи хорошиканаш андомамро тарошида, аз ман пайкарае падид меорад, пайкараи ҳақир, пайкараи яъсу ноумедӣ, пайкараи тарсу ваҳм. Дилам чиллашабҳои зимистонро мемонад. Ин гург мазраъи сабзу озоди ишқамро ба дарёи хун тар кард.»

Садбарг ҳис кард, ки тифл дар батнаш меҷунбад…

Худовандо, ба мо шоҳписаре ато кун! Охир, дидори писар, барпо кардани тӯйи суннатӣ орзуи деринаи отаи Рухсора аст.

Ниёиши Садбарг акнун ба риштаи нозуке мемонд, ки намедонист чӣ номаш бидиҳад: умед ё ноумедӣ.

* * *

Чархи фалак аҷаб гардишҳое доштааст. Ҳукми тақдирро нигаред, Садбарг боз ба роҳи сафар афтодааст. Шаҳнаҳои хадамоти федеролии амнияти Руссия бо тақозои ҳамкасбони тоҷикистонӣ ба дастони Баҳодур банд задаанд. Пас аз омода шудани ҳуҷҷатҳо онҳоро ба Душанбе равона мекардаанд.

https://bikhon.tj/

-Бо кадом рӯй ба назди шавҳарам меравам? Шерзод ин қадар сол гумон дошт, ки ман бо Баҳодур паймон баста, аз хонаи ӯ рафтаам. Вале ман ҳеҷ гоҳ ба шир об наомехта будам. Ёздаҳ сол боз дилам дар оташи ҷудоӣ доғ аст. Ҷону дилам, лахти ҷигарам, духтари ноздонаам дар Боғи Баҳор монд. Ӯ бояд ҳоло ҳаждаҳсола шуда бошад. Шояд Шерзод аллакай ӯро ба шавҳар додааст. Худаш ҳам зани дигар, фарзандони дигар дорад.

Айёми мактабӣ ёдаш омад. Оҳ, чӣ миқдор дарсҳои устоди адабиёт Кенҷазодаро дӯст медошту ҳар як соати онро бесаброна интизорӣ дошт. Ҷумлаҳои салису равону пурбори муаллимро дар дафтари махсус ёддошт мекард. Ҳар рӯз ба дафтари ӯ чанд сухани нав фузуда мешуд. Садбарг ин фиқраҳоро азёд мекард. Чандтои онро ҳоло ҳам дар хотир дорад: «Инсон ҳар қадар ба боло равад, боз ҳам ҷойгоҳи ӯ замин аст.» «Дар зиндагӣ буда аз зиндагӣ берун будан хатост.» «Баъзан қуллаи баландтарини муҳаббат нафрат аст.»

Кенҷазода ин қабил суханҳоро бадоҳатан мегуфт. Боре устод дар мавриде чунин изҳор кард: «Зиндагӣ дарёест, ҳар касро ҳар куҷо партофта меравад.»

Рӯзе, ки дасти қисмат Садбаргро аз пайвандон ҷудо кард, ба фаҳми ин андешаи устод беҳтар расид. Мавҷи ситезакори дарёи зиндагӣ ӯро аз хонаву дар дур андохт, шохоби қисмати ӯ мачро дигар кард. Садбарг дарбадар шуд, хокбасар шуд. Аз як деҳаи ороми кӯҳистон ба шаҳрҳои пур аз ғалоғула омад. Тифлакони ин шаҳр бо садои ғурроси мошинҳо мехуспанд. Садбарг ситораи бахти худро на дар осмони пурситораи Бишкек дарёфт, на дар самои бузурги Маскав. Дар мусофират ашкҳо рехт, осиёби вақт ба сари ӯ гардҳо бехт.

Садбарг ин ҳама сол фариштаи сангиро мемонд, Баҳодур ӯро ба санг табдил дода буду дар қайди тилисм нигоҳ медошт. Ҳоло ин фариштаба асли худ бозгаштаву тилисм низ шикаста шудааст.

https://bikhon.tj/

Гоҳе ки чизу чораашро гирд меовард, чашмаш ба тубаки гул афтод. Дид, ки дар тубак гулҳои сурх ҷилвагарӣ доранд ва боз ниҳолаки тозаи дигаре рӯидааст.

-Аҷиб. Ин гулҳо кай шукуфтаанд? –тааҷҷубомез мепурсид.

Чанд сол пеш дар тахтонаи хонаи Шерзод тубаке бо ин гуна гул аз дастони Садбарг навозиш медид. Ба худ гуфт, ки гулро низ ҳамроҳ ба ватан мебарад, то ки бе дасти навозиши ӯ хазон нашавад. Ва гули дигаре ба ёдаш омад, ки илоҷи ба ватан бурдан надорад. Ин гул дугонаи наздики ӯ Ганҷина аст. Рӯзе, ки Садбаргро чордард гирифт, Баҳодур аз бозор Ганҷинаро овард. Ганҷина доягӣ кард. Тифли дуввуми Шерзод дур, хеле дур аз Боғи Баҳор дар шаҳри Маскав ба дунё омад. Баъди чанд рӯз Баҳодур марду зани ношиносеро ба хона овард. Ба гуфти ӯ, онҳо зану шавҳар будаанду ба харидории кӯдаки Садбарг омадаанд. Садбарг он рӯз бори нахуст шунид, ки фарзанди одамизодро ҳам харидуфурӯш мекардаанд. Зани бечора пеши пойи ҷавонмарди сангдил сар ниҳода илтиҷо кард:

-Баҳодур, туро ҳазор зан дӯст дошта метавонад, вале ҳеҷ зани дигар кӯдаки маро ба ҷойи ман дӯст нахоҳад дошт.

-Садбарг, ҷони гапро гуфтӣ! Агар ту мард мебудӣ, дили маро мефаҳмидӣ. Маро чӣ азоб, ки сағираи ким-кадом раисро бо дандон газида калон кунам?

-Раис гуфтӣ? Шӯйи ман раис шудааст магар?

Баҳодур забон газид:

-Шӯйи ту раис аст, ё не, инаш барои ман фарқе надорад. Ман гуфта истодаам, ки ин кӯдак ба ман бегона аст. Гургзода, ки ҳаст, оқибат гург мешавад. Фарзанди касон намекунад фарзандӣ, Сад тавқи тило ба гарданаш барбандӣ. Дидӣ, мо ҳам шеър медонем…

Ба бахти Садбарг Ганҷина аз дар даромаду ба моҷаро нуқтаи таммат гузошт:

https://bikhon.tj/

-Баҳодур, Садбарг рост мегӯяд. Аз баҳри ин савдо барову харидоронро гусел кун.

-Хуб. Ин хел бошад, боз ҳам беҳтар. Дар ин шаҳр ҳеҷ кас бовар намекунад, ки ин кӯдаки ту аст. Зеро метрика надорад. Модоме, ки ҳуҷҷат надорӣ, гапи туро қабул намекунанд. Медонам, ту пайт мепоӣ, ки аз ман гурезӣ, ба ватан равӣ. Вале на худат паспорт дорӣ, на кӯдакат. Бо ин ҳол ёди ватан накунӣ, ҳам мешавад.

Рӯзҳо гузаштанд. Садбарг бо Ганҷина ошноии бештаре пайдо кард. Донист, ки Ганҷинаро дар бозор ҳама мешиносанд. Ҳама ҷо гуфтаи ӯ эътибор дорад. Ҳатто милисаҳо сухани Ганҷинаро намешикананд. Танҳо чизе, ки ба Садбарг хуш намеомад, ин буд, ки Ганҷина сигор мекашад, шароб менӯшад, ҳамроҳи мардҳо қимору биллиард бозӣ мекунад.

Боре миёни онҳо сухан аз ахлоқи занҳо мерафт, Ганҷина гуфт:

-Ту медонӣ, ки ман фариштa нестам. Боз ҳам мехоҳӣ фариштa бошам. Оё аз фариштa низ мехоҳӣ худо бошад. На ман фариштa хоҳам шуд, на фариштае худо хоҳад шуд. Ту мегӯӣ, ки зани бевафо шоистаи дӯстдорӣ нест. Пас бигӯ, дунёро, пулу сарватро, ки аз ман ҳазор мартаба бевафотаранд, чаро мардҳо дӯст медоранд?

-Ганҷина, чӣ мешавад, агар ту дигар шароб нанӯшӣ.

-Садбарг, шунидаӣ, ки Хайёми бузургвор чӣ гуфтааст:

Май хӯрдани ман на аз барои тараб аст…

Ганҷина нақл кард, ки зодгоҳи ӯ Афғонистон будааст. Дар Донишгоҳи тиббии шаҳри Душанбе дониш меомӯхт. Ромиш ном тоҷикписареро дӯст медошт.

-Ману ӯ файсала карда будем, ки хонадор мешавем.

Моҳи октябри соли 1992 дили он ҷавон аз тири камондоре шикоф шуд, диле, ки ишқи Ганҷинаро

https://bikhon.tj/

мепарварид. Духтар ба ин шикасти гарон тоб наоварда, ба Маскав омад. Ҳикояти Ганҷина дили Садбаргро пора кард. Агар он ҷавон зинда мемонд, тақдири Ганҷина дигаргуна сурат мегирифт, шояд оила бунёд мекарданд, соҳиби фарзандон мешуданд.

-Ба бадбахтии ману ту ҷанг гунаҳкор аст, -Садбарг ғами худро ба ғами Ганҷина монанд кард. Ғам ҳам ба ғам монанд мешудааст.

Ганҷинаву Садбарг ду тане, ки дар ду соҳили рӯди Омӯ зода шудаанд, ҳоло дар шаҳри Маскав, зери як бом нишаста, ғами ҳамдигарро ба канор мекашиданд. Садбарг бори аввал медид, ки Ганҷина барин зани фаттона мегиряд, зор мегиряд, кӯдаквор мегиряд…

-Ганҷина, ту ба ман роҳнамоӣ кун, то ки худро ба Тоҷикистон расонам, -илтиҷо кард Садбарг.

-Сабр кун, дар Тоҷикистон андаке тинҷӣ барқарор шавад, онгоҳ ман худам туро ба ватан хоҳам бурд.

Аз байн ним сол нагузашта, нашъамандии Ганҷина ба ҷони он марғулакокул ҷафо овард. Он як мушт хоке, ки Ганҷина аз Душанбе, аз гӯри Ромиш оварда буд, Садбарг бо дастони бемадор ба гӯри дугонааш рехт.

-Аз гӯри Ганҷина муште хок мегирам, барои гӯри Ромиш, -аз дил гузаронид Садбарг.

Расмҳое, ки дар гӯшаҳои шаҳри Маскав ҳамроҳи Баҳодур гирифта буд, якто-якто ба оташ меафканад. Ана, дар ин расм Баҳодур танҳост. Бо ӯ гуфтугӯ орост:

-Замоне бароям ту аз ту беҳтар будӣ, туе, ки дар чаҳордаҳсолагиям дар дил ҷой дода будам, аз туе, ки дар ин акс мебинам. Баъдҳо ту аз дилам бурун рафтӣ ва бо туи дигар омезиш ёфта, як тан шудӣ.

Намехост, ин аксҳоро ба ватан бубарад. Баҳодур дар оташ печутоб мехӯрд.

-Меравам, то ки дигар ҳеҷ ҷузъе аз ин муҳит маро ба ёди рӯзгори талхи гузашта наандозад. Меравам аз ин шаҳре, ки пайғамбарашон дар чаҳормех нола дорад…

https://bikhon.tj/

* * *

Рухсора саргузашти модарашро ба кӯҳнакитобе шабеҳ медонист, ки варақҳои охираш афтодааст, ё ки хати онҳо кӯр аст, хоно нест. Ҳоло ба ӯ аён аст, ки ин варақҳо аз чӣ бобе қисса мекунанд. Духтар ташнаи дидори модар буд. Соату рӯзи вохӯриро интизорӣ мекашид. Ҷумла ғамҳояш ҳамчун пари коҳе ба хирмани фаромӯшӣ рафт.

Ду моҳи дигар сипарӣ шуд. Имрӯз рӯзест, ки баъди ёздаҳ соли зиндачудоӣ дида ба дидор мерасад. Мағфураву Рухсора, Бахтиёру Муаттара ва духтарашон Шамсия ба фурудгоҳи Душанбе ҳозир шуданд. Рухсора ҳавопайморо бори нахуст чунин наздик медид.

Тапиши дилҳо бештар мешуду дақиқаҳо тӯлонитар. Ҳавопаймои Маскав-Душанбе сари вақт ба замин фуруд омад. Рухсора ин парандаи азими фӯлодинро ҳумои бахт меангошт.

Мусофирони ба ватан бозомадаро дӯстону пайвандонашон мешинохтанд. Вале Рухсора модарашро надид.

-Каллаву кандаи Шерзод аст. Худоё…

Рухсора дар паҳлӯи худ Аминаро дид, ки ба писарчаи тахминан даҳсолае ишора дорад. Дасти он писарча дар дасти занест, ки мӯйи бурида дораду куртаи бедомани остинкӯтоҳ ва шими ҷинс пӯшидааст. Он зан айнаки сиёҳи ялаққосиро аз чашм гирифт. Ҳозирон Садбаргро шинохтанд.

Рухсора модарашро то ин дам ҳамон тавре тасаввур мекард, ки дар ҳаштсолагӣ дида буд. Гавҳари чашмони духтар миёни дарёи ашк монд. Рӯяш шабоҳат ба офтоби зери борон дошт. Гӯётарин садо, хонотарин ҳарфу ҳиҷо оби дидаҳо буд. Гиря забони гуфторро мебаст. Дар забонҳо сакта меафтод, сактаҳои ашковар. Гиря механдид, ханда мегирист. Бори ғами садсола ба дӯши дилҳо гаронӣ дошт. Ашк ба истиқболи ашк медавид, қатраҳо ҳамдигарро ба оғӯш мекашиданд.

https://bikhon.tj/

Шохобҳое, ки ёздаҳ сол қабл аз ҳам ҷудо шуда буданд, ба ҳам омада, ёд аз чашмасорони дарёсоз мекарданд.

Дарё суруди азалии худро месуруд.

* * *

Дар фарҷоми мурофиа навбати сухан ба Баҳодур дода шуд:

-Садбарг! Вақте ки ту издивоҷ кардӣ, ба худ гуфтам, ки ишқ ҳам даргузар аст. Вале саҳв карда будаам. Шарори ишқ рӯз аз рӯз сӯзандатар шуд.

Баъди шавҳар карданат, ҳатто пас аз он ки ту модари духтарчаи дӯстрӯяке шудӣ, медидам, ки ҳусну таровати ту кам намешавад, балки рӯз аз рӯз фузунтар мегардад. Касе, ки бори аввал туро медид, агар барояш бигӯй, ки Садбарг шавҳару фарзанд дорад, бовар намекард. Садбарг, ана ҳамин тавр ту бароям мӯъҷиза будӣ. Ту аз ҳама духтару занҳо фарқ доштӣ. Хаёлам гили онҳо дигар асту гили ту дигар. Аз обу ранг ту танҳо сурмаву ӯсмаро медонистӣ. Вақте ки ба абрӯвонат аз ӯсма об медодӣ, дили ман ташнатар мешуд.

Ман ба худ мегуфтам, ки як бор ба дунё омадаам. Ин чи дунёест, ки ҷамоли орзуҳоямро надида, аз даҳр мегузарам. Орзуи волотарини ман висоли ту буд.

Ба ман сахт аламангез буд, ки шикаст хӯрдаам дар ишқ, пасту ночиз шудаам. Дилам ба васвасаи шайтон моил шуд. Ҳафтаҳову моҳҳову солҳо паси сар шуданд. Худро пайваста талқин мекардам, ки оқибат рӯзе интиқом мегирам. Мегуфтам, рӯзе, ки душманони бахти худро ба шикаст мерасонам, бароям беҳтарин рӯз хоҳад буд. Танҳо баъди анҷоми қасди худ орому пуросоиш хоҳам ғунуд.

Садбарг, ман меангоштам, ки бо Шерзод хушбахт нестӣ. Танҳо бо ман хушбахт хоҳӣ шуд. Ман бояд дастат бигирам, туро ҳамроҳи худ бубарам, ба рӯят дари хушбахтиро кушоям ва бигӯям:

https://bikhon.tj/

-Нигар, бахт ин ҷост!

Ин дунёро, ки бар муроди ман нест, барҳам занам ва дунёи дигаре бисозам. Баъди туро дуздиданам, худро тасалло медодам, ки тадриҷан бо ман одат хоҳӣ кард. Ҳафтаҳо гузаштанд, вале ту ба ман муҳаббат пайдо накардӣ. Он хушбахтие, ки қаблан тасаввур мекардаму дар интизораш будам, ба назди мо наомад. Ман ҳам бо ту хушбахт нашудам, ҳарчанд туро бадбахт кардам. Баъдан лаҳзаҳои хушбахтиро аз мулоқоти занҳои дигар ҷустуҷӯ мекардам.

Садбарг, маро бубахш! Туро ман аз шавҳарат ҷудо кардам. Ман гунаҳкорам, ки ту бехона шудӣ, бедар шудӣ, дарбадар шудӣ, хокбарсар шудӣ.

Туро ман дӯст медоштам, вале дидӣ, ки дар роҳи ишқ ба куҷоҳое расидам. Чӣ ҷафоҳое ба ту раво дидам, номи туро, ҳаёти туро доғдор кардам. Оё ошиқӣ чунин мешавад?

Ман имрӯз хаставу пушаймонам. Ин чӣ зиндагист, худро шабурӯз гунаҳкор ҳис кардану ҳар лаҳза интизори итоб нишастан? Хуш аст, ки ба подоши кирдори худ расидам. Шодам, ки барои озорҳои аз ман дидаат ҷазоям медиҳанд. Намедонам, маро чӣ ҳукме интизор аст. Суд ҳар ҳукме, ки барорад, онро ҳамчун ҳукми ту қабул хоҳам кард.

Баҳодур сукут кард. Ёдаш омад, ки замони дар синфи ду хондан оташи ишқи Садбарг хасу хошоки дилашро месӯхт. Ҳини дарсҳо ба қафо рӯй тофта, рӯю мӯйи Садбаргро тамошо мекард. Садбарг дар шафати тиреза менишаст. Фурӯғи офтоби пагоҳирӯзӣ ба сару рӯйи Садбарг метофт. Садбарг дар ин ҳол шоҳдухтари афсонаро мемонд.

Дар тасаввури Баҳодур сафедорони канори боғи падар қад кашиданд, ки вай дар танаи ҳар яке номи худу Садбаргро бо корд кандакорӣ карда буд.

Рафиқи ҳамхизматашро ба хотир овард, ки бо неши сӯзан номи Садбаргро дар пӯсти сари синаи чапи

https://bikhon.tj/

Баҳодур, наздики дил навишта буд ва ин амалро татуировка мегуфтанд.

* * *

Мавҷи оби ҷӯй кокулони заррин моҳ мебофт. Саргармии андешаву хаёлоти ширин ва гуфтугӯи зерилабӣ боз як шаби Рухсора гузарон мешуд.

-Соат чаҳори субҳ шуд. Ман тамоми шаб хоб накардам. Имрӯз имтиҳони аввалин. Ман чизе нахондаам, хонам ҳам, ба майнаам намедарояд. Мурғи саҳар фарёд мекашад. Намедонам, чаро рубоии Хайёми бузург ба хотирам меояд:

Хуршеди сипеҳри безаволӣ ишқ аст,
Мурғи чамани хуҷистафолӣ ишқ аст.
Ишқ он набувад, ки ҳамчу булбул нолӣ,
Гоҳе, ки бимирию нанолӣ, ишқ аст.

Суҳбате, ки бо Хуршед дошт, фарорӯяш эҳё мешуд:

-Ман барои ту дар шаҳр хона мехарам, Рухсора!

Хуршед хона мегӯяд, хонае, ки ӯ мегӯяд, танҳо чаҳордевор нест. Хуршед мехоҳад бо Рухсора ҳамроҳ бошад. Оилаи нав бунёд кунад, маҳбубаи аз ҷон азизтарашро аз тамоми ташвишу ғаму кулфат озод бубинад.

Яъне, Рухсора бояд зани дуввум бишавад. Рухсорае, ки барои Хуршед ишқи аввал буд.

Ишқи аввал… Зани дуввум… Муаммои сарбаста!!! Хуршед кушодани чигили ин муамморо ба зиммаи Рухсора вогузоштааст. Ба ӯ як ҳафта мӯҳлат додааст, то ки дар бораи пешниҳоди Хуршед андеша ронад ва хулосаашро бигӯяд. Имрӯз рӯзи ваъдагӣ. Хуршед ба Донишгоҳ меояд.

«Хуршед, Шумо аз ман наранҷед. Ман чашмони андешаманд, нигоҳҳои дурудароз, чеҳраи хушнуди Шуморо мебинаму сӯзиши дил, қалби лабрез аз муҳаббат, орзуҳои поку беолоиши Шуморо ҳис мекунам.

https://bikhon.tj/

Аммо муҳаббататонро қабул карда наметавонам. Бигзор дар зиндагӣ дӯст бошем, ҳамдигарро чун дӯст шиносему хурмат кунем. Мехоҳам, танҳо ҳамчун дӯст пешвозатон бигираму гуселатон кунам. Танҳо хоҳиши ман ҳамин, ки маро чун маъшуқа ёд накунед.»

Духтар фурсате аз навиштан бозистод. Дилафрӯз ба ёдаш расид, Дилафрӯзе, ки ҳоло моҳтоби рӯяш доғ пайдо кардааст. Яъне, чанде мегузараду ҳамсари Хуршед модар мешавад. Рухсора дигарбора қалам бардошт:

«Чанд рӯз пеш ман бо Дилафрӯз шинос шудам. Агар писар мебудам, ҳатман ба ӯ ошиқ мешудам. Ман ҳақ надорам, ба андозаи зарраяке хушбахтии ӯро бидуздам. Ба Шумо ва Дилафрӯз бахту саодат мехоҳам. Ҳамеша ёдатон бошад, ки ман он гоҳ аз зиндагӣ қаноатманд хоҳам шуд, агар Дилафрӯз бо Шумо эҳсоси хушбахтӣ кунад.»

Рухсора нуқтаи охирини номаро паси ин ҷумла гузошт:

«Кошонаи бахти худро дар вайронаи бахти дигаре намесозанд.»

Март-июли соли 2004.

https://bikhon.tj/

ПАДРУДИ ҶОНГУДОЗ

-Се моҳ шуд-е! Се моҳ боз як танга нагирифтаем! Одам ин қадар хору зор мешудааст. Хӯҷабой, ки моли мардумро бонӣ мекунад, ҳар моҳ пул мегирад. Ман чӣ? Ба фарзанди мардум дарс медиҳаму аққалан як сомонӣ намеёбам, ки доруи дарди сар харам. Се моҳ шуд, ки маош нагирифтаам.

Дили Усмонқул бухс мекард. Дарди сар азияташ медод. Шогирдонашро ба хонаҳояшон гуселонду худ низ роҳи хонаро пеш гирифт. Хаёлаш ба ҳалли чорамали рӯзгор банд буд:

-Чаро охир? Чаро муаллим беқадр гардидааст? Чаро имрӯз вай дар ҷамъият мавқеъу мақоми сазандае надорад?

Он шаб Усмонқул барои писарчааш Музаффар афсонаи нав гуфт, афсонае, ки бадоҳатан ба фикраш омад:

-Хуш айёму хуш рӯзгоре доштем. Муаллим гули сари сабади ҷомеа буд, обрӯ дошт, иззат дошт, дар давраву маъракаҳо аз ҳама болотар менишаст. Бе ҳузури муаллим қатраи об, резаи нон аз гулӯи мардум намегузашт. Одамон ягон кореро бе маслиҳати вай аз пеши худ намекарданд. Ҳар ҳоҷате, ҳар мушкиле пеш меомад, дарҳол омӯзгор ба ёдҳо мерасид. Мардум сари ҳар қадам таъкид карда меистоданд, ки «муаллим фаромӯш нашавад, зинҳор!…» Одамон дар нишастҳо, тӯю сур бо майли дил офтоба бардошта, бо эҳтироми зиёд ба дасти муаллим об мерехтанд. Оҳ, хуш солҳое буд!

Шогирдон одоб доштанд. Ҳар як сухани устод барояшон қонун буд. Аз хати кашидаи ӯ берун намебаромаданд. Муаллимро дӯст медоштанд, эҳтиром мекарданд, ба сояаш салом медоданд.

Инро дида, дасту дили омӯзгорон ҳам ба кор гарм буд. Азму ҷазм доштанд, ки беҳтар дарс гузаранд,

https://bikhon.tj/

шогирдонашон донотар шаванд, илму адаб ёд гиранд, одам шаванд, то ки фардо аз муаллим домангир набошанд. Муаллим кӯшиш менамуд, ки як бурида нонашро ҳалол карда хӯрад.

Кӯдакро хоб бурд. Усмонқул афсонаро ба таври худ ҷамъбаст кард:

-Акнун ин суханонро ба мардум гӯӣ, бовар намекунанд, механданд, тамасхур мекунанд. Майлаш, ихтиёрашон. Имрӯз афсона метобад ҳамаи ин, хаёли ширин, рӯъё менамояд… Вале дар вақташ ҳақиқат буд.

* * *

Гузаштагони Усто Раҳмонбердӣ пушт ба пушт ашхоси ҳунарманд будаанд. Худи ӯ низ аз падараш Мулло Одина ҳунарро ҳамчун сармояи поянда соҳиб шудаву тамоми умр аз хони ҳунар нон хӯрдаву нон додааст. Аз ӯ ба фарзандонаш боз ҳам ҳунар мерос мондааст. То охири умр зӯру тавони худро ба сохтани иморатҳо, дару тиреза, дӯхтани ҷиҳози аспу маркаби мардуми диёр сарф кардааст. Усто бекориро иллате медонист, ки инсонро ба хориву зорӣ мерасонад. Асбобе, ки ӯ ба кор мебурд, меҳнати дастиро тақозо мекарданд. Ҳар абзор хоса номе дошт: арра, табар, теша, потеша, зоғнӯл, искана, кӯвалчӯб, улоғранда, ҷуфтранда, парма, гӯё, шавул, чӯбсо… Тарошидану суфта кардани синҷу болору вассаҳо, пардоз додани сутуни айвонҳо шуғли доимии усто Раҳмонбердӣ буд. Дар атрофи ӯ наберагонаш ҷамъ меомаданду корашро тамошо мекарданд. Бобо барои онҳо мувофиқи хоҳишашон аз чӯб бозича сохта медод, ба яке кордча, ба дигаре белча, ба саввумӣ курсича. Шояд ҳамон вақтҳо дар дили Усмонқул оташаке чӯғ пайдо карда бошад. Шояд меҳри касб аз замони кӯдакияш дар дили ӯ ошён гузошт. Шояд наззораҳои тифлона ба гирумону ҷунбуҷӯли бобояш аввалин сабақро аз мактаби ҳунару ҳунармандӣ ба ӯ дода буданд.

https://bikhon.tj/

Вале ин ҳама дертар ошкор шуд. Усмонқул баъди хатми мактаби деҳаи Хумгарон ба Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент ҳуҷҷат супорида, чаҳор сол дар ин боргоҳи мӯътабар илм андӯхт. Соли 1987 ба пешаи омӯзгорӣ пардохт. Дар мактаби таҳсилоти умумии асосии шумораи 57-и деҳаи Хирсхона бо азму ҷазми ҷавонӣ кор мекард. Ҳар субҳу шом масофаи байни ин ду деҳаро мототсиклсавор тай мезад. Баъдан ба мактаби деҳаи Хумгарон омад.

Гарduни гардон на ҳамеша ба майлу муроди кас мегардад. Ибтидои солҳои навадуми асри бист бар асари заволи империяи шӯравӣ, эълони истиқлоли Тоҷикистон ва вуқӯъи ҷанги дохилӣ ба сари мардуми кишвар азобу кулфатҳои зиёде омад. Тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба бӯҳрони сангин мубтало гардид. Норасоии орду нону равғану собун ва ҳатто гӯгирд, беқурбшавии пул ва омилҳои доғи дигаре аҳли зиёи кишварро бештар ранҷ медод. Бар асари бӯҳрони иқтисодӣ омӯзгорон мақому манзалат ва қадри хешро аз даст доданд. Бисёре аз онҳо маҷбур шуданд, касби худро тарк намуда, ба кори дигаре гузаранд. Онҳое, ки дар мактабҳо мондагор шуданд, ба кор дасту дили гарм ва самимият надоштанд.

* * *

Усмонқул ба ҳунари меросӣ рӯй овард. Корро аз сангчиниву хиштчинӣ оғозид. Баъдтар амалҳои дуредгариро анҷом медод. Нахустин дару тирезаҳои сохтаи ӯ таваҷҷӯҳи мардумро ҷалб мекард. Мардум ба ҳунари ӯ бештару бештар мароқ зоҳир мекарданд. Фасли тобистон Усмонқул ба шаҳри Хуҷанду ноҳияи Масчоҳ сафар карда, пайи таъмини рӯзгори оила заҳмат мекашид. Ҳамин минвол, камол ёфту устои гулдасте шуд. Зӯри бозуи ҳунарашро ба сохтани бинои масҷидҳои деҳаҳои Масчоҳ низ бахшида, миёни масчоҳиён обрӯ пайдо кард.

https://bikhon.tj/

Дар ин миён ду бор ба Русия рафта омад. Дафъаи сеюм моҳи августи соли 2007 ба шаҳри Москваи Федератсияи Русия рафтагор шуд. ҶММ «ЕвроТатОйл», ки яке аз ширкатҳои маъруф буда, фаъолияти он ба истеҳсоли нафт вобаста аст, Усмонқулро ба сифати мутахассиси сохтмон ба кор қабул кард. Гурӯҳи коргарон, ки Усмонқул сарварии онро ба зимма дошт, ба сохтмони иншооти нав, таъмири биноҳо масруф буд.

* * *

«Борҳо оҳанги сафар кардем, аммо ин бор сафари мо бозгашт надорад…

Худо ҳофиз, модар. Чаро гиря кунем? Гиря кори онҳоест, ки ҳанӯз умеде дар дил доранд. Магар намедонед, ки ман сояе ҳастам, ки даргузарам ва шумо худ низ шабаҳе беш нестед? Худо ҳофиз, зеро мо дигар аз ин сафар боз нахоҳем гашт. Бубинед, мо бори сафари охиринро бастем…»

Дили Ҳабиб аз ғусса танг омаду муқаввои китобро ба ҳам баст. Хондани ин сатрҳо барояш гарон омад.

-Худо ҳофиз, модар!..

-Чӣ гуфтед?-Манучеҳр, ки навакак хуфта буд, бо дидагони ҳайрон ба ӯ нигоҳ мекард.

-Ҳеҷ гап не! Китоб хонда истодаам.

-Ҳамин тавр гӯед. Китоб мехонед. Хобатон намебарад магар?

-Эҳ, Манучеҳр. Аз ғамҳои ғарибию ҷудоӣ дилам як дона арзан барин хурд шудааст. Хоб мебинам, ки дар Панҷакент, дар хона ҳастаму бо писарчаам Шаҳзод бозӣ карда истодаам. Бедор шуда худро дар Руссия мебинам. Оби чашмам мерезаду худро мард гирифта мегардам. Пули хонаро кор кунам, меравам. Дигар тобу тоқатам нест, бародар.

-Аламамро тоза кардед. Росташро гӯям, ман ҳам деҳаро сахт пазмон шудам. Охир се сол мешавад, ки

https://bikhon.tj/

падару модар, хоҳарону пайвандонро надидаам. Кай мерасида бошад, рӯзе, ки мо дар хонаҳои худ пой дароз карда шинем?

Нигоҳи Ҳабиб дигарбора ба унвони китоб зарҳал давонд:

-Марворидҳои бесадаф…

Аз нав китобро боз карда ба варақгардонӣ саргарм шуд.

Заврақи андешаи Манучеҳр рӯйи амвоҷи хаёлот шиновар гардид: «Ман ҳам аз хурдӣ хондани китобро дӯст медорам. Падарам китобро сарвати бебаҳо дониста, дар зарфи солҳо фақат ҳамин ганҷро дар хона ҷамъ кардаанд. Дар оилаи мо ҳама китоб мехонад. Модарам низ хисоли падарамро пазируфтааст. Ҳатто номи қаҳрамони асарҳои кайҳо хондаашро дар ёд дорад, гоҳ-гоҳе ки аз ин боб суоле ба миён меояду дигарон «чӣ буд, кӣ буд» мегӯянд, модарам ҳозирҷавобӣ мекунанд. Дигарҳо бошанд, «боракалло, бале, офарин» гӯён таҳсин мехонанд. Эҳ, модар, модар…»

* * *

Фарзандон назди бистари бемории падар нишастаанд. Офтоби зиндагии падар ба ҳадди ғуруб расидаву охирин шӯълаҳояшро ба ин ҷаҳон мебахшад. Қиблагоҳ шасту шаш сол умр дорад. Ҳамагӣ камтар аз ду ҳафта ранҷурӣ кашиду ҳис кард, ки фариштаи марг ба суроғи ӯ меояд. Тан ба тақдир додааст. Зоҳиран гӯё дигар дилкашолие ба олами фонӣ надорад. Қатори дигарон чанд рӯзе зист, неку бад, талху ширин, пасту баланд барин мафҳумҳоро бо панҷ ҳисси хеш озмуд. Соҳиби манзилу маъво шуд, зан гирифту фарзандон пайванди ҷонаш шуданд. Бо обилаи даст нон хӯрд, ҷигарбандонашро парварида ба камол расонид. Вақте наберагон ба дунё омаданд, бовараш комил шуд, ки дар ҳақиқат набера мағзи донак будааст. Вале орзуи яке аз ҷигарбандонаш- Ғафурбекро надида меравад. Ғафурбек

https://bikhon.tj/

ҳузну яъсу навмедии ошкоро дорад, зеро ӯ дарёфтааст, ки хатнасури писараки ягонааш- Манучеҳрро бе шамъи ҷамоли қиблагоҳи хеш мегузаронад.

* * *

Манучеҳр ҳамагӣ ду сол дошт, ки бародарам Муҳаммадӣ ба аммаи ӯ -Зулфия издивоҷ карданд. Бо ҳамин байни авлодҳои мо муносибати хешовандӣ оғоз ёфт. Солҳост, ки мо ба хонаҳои ҳамдигар равуо дорем. Шабҳое, ки Манучеҳр ҳамроҳи падару модараш ба хонаи мо меомад, баъзан дар ҳамин ҷо мехуфт. Азбаски хонаашон навбунёд буду дар канораи деҳ мавқеъ дошт ва он солҳо ҳамсояе ҳам набуд, кӯдаки бечора ҳарифи бозӣ надошт. Бисёр воқеъ шудааст, ки вай рӯзони дароз дар ҳавлии мо бо тифлакони гузар бозӣ мекард. Манучеҳр бо лаҳни кӯдакона гап мезаду калонсолонро ба ваҷд меовард. Боре бо падару модараш омада буд, ҳини бархостан дар берун ногоҳ ба ёдаш расид:

-Сапонам.

Падару модараш хандиданд. Писарак чапонро сапон мегуфт.

Моҳи апрели соли 1992 буд. Душанбешаҳр ба деги тафсони сиёсат табдил ёфт. Гирдиҳамоӣ дар майдони Шаҳидон ба дарозо кашид. Дафъатан дар майдони Озодӣ митинги дигаре созмон ёфт. Муқовимати сиёсӣ рӯз то рӯз пурзӯртар мешуд. Вазъияти муташанниҷи пойтахтро ба назар гирифта, ҳукумати вақт донишҷӯёнро ба таътили понздаҳрӯза гусел кард. Ман ҳам ба зодгоҳ баргаштам. Дар поёни деҳа аз автобус пиёда шудам. Роҳи носоз аз боронҳои пайдарпайи моҳи Ҳамал пурлой буд. Манучеҳри панҷсола аз назди хонаашон ба ман ҳамроҳ шуд. Маслиҳат дод, ки бо роҳи асосӣ не, бо роҳи гузари нав ба сӯйи хонаи мо равем.

-Ин роҳ лой надорад,- гуфт.

https://bikhon.tj/

Вақте ки бо он роҳи нав омадем, аз лой базӯр пой мекандем.

Баъдҳо, ки Манучеҳр калон шуд, ин лаҳзаи завқоварро ёд мекардему механдидем.

* * *

Манучеҳр ашъори безаволи устод Лоиқро бештар қироат мекард. Намунаҳои зиёдеро аз китобҳои ин шоири мумтозу тавоно азбар карда буд. Солҳои 2000-2001 ба ифтихори шастумин ҷашни мелоди ҳазрати Лоиқ маҳфилҳои зиёде тадвир шуд, ки Манучеҳр бо шӯру иштиёқи фузун дар ин гуна сабқату ҷамъомадҳо ширкат меварзид. Худ низ баъзан машқи шеър мекард. Дар васфи устод Лоиқ шеърҳои зеринро эҷод кард, ки ҳамон айём дар рӯзномаи девории мактаб нашр шуда буд:

Лоиқо, рафтӣ ту аз рӯйи ҷаҳон,
Тоҷико, рафтӣ ту аз рӯйи ҷаҳон.
Шеър бинвистӣ ба халқи тоҷикат,
Шаҳписар, рафтӣ ту аз рӯйи ҷаҳон.
Нур будӣ бар сари мо, Лоиқо,
Симу зар, рафтӣ ту аз рӯйи ҷаҳон.
Бар диёри тоҷикон номи ту бод,
Номвар, рафтӣ ту аз рӯйи ҷаҳон.
Тоҷдори тоҷикон будӣ мудом,
Тоҷи сар, рафтӣ ту аз рӯйи ҷаҳон.
Баҳри ту ман мехӯрам хуни ҷигар,
Кони зар, рафтӣ ту аз рӯйи ҷаҳон.

Нангу ори миллатӣ, эй Лоиқи ширинсухан,
Тоҷдори миллатӣ, эй Лоиқи ширинсухан.
Гарчӣ рафтӣ аз ҷаҳон, номи ту монад дар ҷаҳон,
Номдори миллатӣ, эй Лоиқи ширинсухан.

Азизу меҳрубони мо тӯӣ Лоиқ, тӯӣ Лоиқ,
Китоби безаволи мо тӯӣ Лоиқ, тӯӣ Лоиқ.

https://bikhon.tj/

Барои халқи тоҷик баски ганҷи бебаҳо ҳастӣ,
Аз ин рӯ номдори мо туӣ Лоиқ, туӣ Лоиқ.
Манучеҳри Ғафурбек, синфи 9.

* * *

- Ваалейкум ассалом!-мӯйсафед аз роҳаш бозистода, дидагони хираву обравашро бо рӯймолча пок карда, ба симои ҷавон зеҳн монд.

-Исто, ки ту писари Ғафурбек нестӣ?

-Ҳа бобоҷон, ман Манучеҳр!

-Боракалло. Йигити калон шудаӣ.Туро ҳамон соли тӯят дида будам. Он вақт ту шашсола, ё ҳафтсола будӣ. Хайр, ман аз намози масҷид дер намонам. Хона биё, бафурча суҳбат мекунем. Ба додоту очаат аз ман салом гӯй! Гӯй, ки муаллим Қодируфро дидам…

Мӯйсафед оҳанги рафтан мекунад. Дар даст асо дорад. Рӯйи роҳ асо кашида, бо қадамҳои нарму реза аз Манучеҳр дур мешавад. Ҷавон дар нимароҳи шигифт мемонад: Ӯ асоро мекашида бошад ё асо ӯро? Ӯ ва асо такядори ҳамдигар, мадори ҳамдигар, қуввати дили ҳамдигар, маҳрами рози ҳамдигар, шарики дарду шодии ҳамдигаранд. Ӯ қомати расои асост, асо қомати расои ӯст. Ин ҳардуро аз ҳамдигар ҷудо-ҷудо дар тасаввур овардан нашояд. Имрӯз зиндагӣ ба дасти ӯ асо дода. Муаллими солхӯрда ба ҷуз ҳамин асо дигар чӣ ҳам дорад? Бечора, мӯйсафед як писар дошт, ки чанд сол пеш бемор шуда, доғи дили лоларо ба дили падару модараш ҳавола кард.

Ҷомчашма деҳаи бобоии ӯст. Онҳо чанд сол пеш дар ҳамин ҷо хона доштанд. Соли 1989 ба дашти Хумгарон кӯч бастанд. Вақтҳои охир Манучеҳр тез-тез ба Ҷомчашма меояд. Ба назди амакҳояш, ба дидори модаркалонаш Ҷумъагул меояд. Пирони деҳаи Ҷомчашма агарчанде ӯро солҳо надидаанд, мешиносанд. Онҳо мегӯянд, ки ту ба падарат сахт монанд ҳастӣ, як себи дукафон.

https://bikhon.tj/

Ҷавон ҳар рӯз бо баҳонаи ину он дар кӯчаҳои деҳаи Ҷомчашма гардиш мекунад. Бошад, ки Парвонаро бубинад, бошад, ки забони гӯё пайдо карда, розашро ба духтар фаҳмонад. Вале бо Парвона вохӯрдан осон нест. Падару модараш ҳар хел хаёл карданашон мумкин. «Ин бача ҳар рӯз дар гузари мо чӣ кор мекунад?»-гуфта ҳар гуна фол гирифтанашон аз эҳтимол дур нест. Мабодо касе аз омадурафти ӯ ҳангома созад. Ин ҷо деҳа аст. Дар деҳа мардум саропо чашм шуда ба муҳити атроф менигаранд.

Аз ин рӯ гоҳ нардбозиро баҳона карда меояд, гоҳ аз ягон дӯкон харид карданро…

Аз роҳ гузаштани ӯро бештар ҷавоне мебинад. Ин ҷавон пойҳои дардманд дорад ва одаташ ин аст, ки ҳар рӯз соате чанд пушти девори хонаашон, канори роҳи мошингард, болои ғӯлачӯбе менишинад. Хоҳ боло равед, хоҳ поён, нигоҳатон ба нигоҳи ин ҷавон меафтад. Аз баҳор то танги тирамоҳ ҳамин ҳол такрор меёбад. Ҳамдеҳагон ин одати ҷавонро ҳамчун як амри зарурӣ пазируфтаанд. Тавре ки сутунро ҳар рӯз дар ҷойи аввалааш дидан аҷобате надорад, пушти девори хонаашон, канори роҳи мошингард, болои ғӯлачӯб соатҳоро сипарӣ кардани ҷавон низ манзараи муқаррарист. Онҳое, ки чанд моҳеро дур аз деҳа гузаронида, бозмегарданд, ҷавонро дида, хулоса мебароранд, ки деҳа дар ҷояш пойдор аст.

Рӯзҳои охир ҳар рӯз аз роҳ гузар кардани Манучеҳр низ дар чашми ҷавон як ҳолати муқаррарӣ метобад. Аҷаб нест, писари муаллим Намозӣ ба дидори духтаре мешитобад. Кӣ бошад он духтар? Ҷавон инро намедонад. Пушти хонаашон, дар сари роҳи мошингард, болои ғӯлачӯбе соатҳо менишинад, аз замони шукуфтани гулҳои бодом, то рӯзе, ки охирин барги дарахти олуболу зард шуда ба замин меафтад.

https://bikhon.tj/

* * *

Даъватномаи тӯй монанди оташпорае кафи дастони Манучеҳрро месӯзонд. Ин оташ он қадар сӯзанда буд, ки шӯълаҳояш бо қатраҳои хун ба хонаи дили ҷавон мерехт. Боре ҳам тасаввур накарда буд, ки рӯзе ба унвонаш чунин даъватномае меояд ва ҳамин як пора коғази безабон варо ба тӯй мехонад. Ба тӯйи кӣ?- мепурсед шумо. Ба тӯйи Парвонабону. Оре, худи худаш, ҳамон Парвонае, ки моҳии дили Манучеҳр дар дарёи ишқи ӯ шиновар аст. Ҳамон Парвонае, ки Манучеҳр ба висоли ӯ расиданро аз ҳама хостаҳои дигари хеш муқаддам медонад.

Инак, Парвона бо ҷавони дигаре ҳамбахту ҳамнасиб мешавад. Духтарро аз рӯйи таомули аҷдодӣ ба шавҳар медиҳанд. Русуми хостгориву фотиҳа ба ҷой омадааст. Фотиҳа мӯҳри худо мегӯянд. Онро шикастан раво нест.

-Чаро Парвона насиби ман нашуд? Чаро ба ман дар роҳи бепоёни ишқ фироқу ҳиҷрону ҷудоӣ пеш омад?

Ҷавоби ин пурсишҳо хеле оддист: Манучеҳр дар фиристодани хостгор истиҳола кард, фикр кард, ки ҳоло новақт аст, ҳанӯз вақти зангирӣ нарасидааст. Дигарон пештар аз ӯ хостгор равон карданд. Ваҷҳи дигар он аст, ки домодшаванда аммаписари худи Парвона аст. Албатта, ҷое, ки аммаи духтар бошад, ҳуқуқи волотар низ аз ӯст. Аҷаб нест, аммааш аз замони кӯдакӣ Парвонаро таҳи чашм, ба қавле гаҳворабахш карда бошаду Манучеҳр аз ин роз бехабар аст.

Тавсани андеша Манучеҳрро ба кӯчаҳои сарбаста мебурд. Даъватномаи тӯй монанди оташпорае кафи дастонашро месӯзонд. Бунафша дохили хона шуд, аз рози дили додараш бехабар тугмаи магнитофонро пахш кард. Хона лабрези садои Хосияти Зарафшонӣ шуд:

https://bikhon.tj/

Ҳасрати зулфи туам буд, шикастам доданд,
Васл мехостам, оина ба дастам доданд.

-Инаш намешавад. Кассетаи Садриддини Наҷмиддин куҷост?-тугмаи дигареро пахш карда лоқайдона пурсид Бунафша.

-Исто. Ҳамон кассетаро як бори дигар мон. Бигзор ҳамон сурудро хонад,-исрор варзид Манучеҳр.

* * *

Вақте ки ман ҳафтсола шудам, падару модарам маро бо ҳазорон орзуву умед ба дабистон бурданд. Нӯҳ сари сол дониш андӯхтам. Баъдан ба литсей-интернати президентии шаҳри Панҷакент ҳуҷҷат супоридам. Соҳиби номаи камол ҳам шудам, шаҳодатномаи ман пур аз баҳоҳои хубу аъло буд. Баробари фароварди таҳсил худро дар чорроҳае дидам. Кадом роҳро интихоб кунам? Ростӣ ҷавоби ин савол дандоншикан буд. Зеро ман аслан намедонистам, ки ин роҳҳо ба куҷо мебаранд. Муддате ҳайрон мондам. Нашавад, ки роҳеро бо машаққат тай занаму мунтаҳо ба кӯчаҳои сарсониву парешонӣ бирасам. Дар риштаи хаёли ман ҳазорон гирех афтод. Он рӯзҳо ин байти ҳазрати Лоиқ, ки шеърашро сахт дӯст медорам, вирди забонам буд:

Сӯйи бесӯйӣ равонем, эй дареғ аз сӯйи мо,
Кӯйи некӯе надонем, эй дареғ аз кӯйи мо…

Руссия. Барои ҳамсолони ман ин давлат водии заррини орзуву умедҳо метобад. Рӯй ба муҳоҷирати меҳнатӣ овардан маънои оқилӣ, дурандешӣ, меҳнатдӯстиро дорад. Дар Руссия кор кардан, яъне соҳиби даромад шудан, хонаи худро бунёд кардан, ба висоли маҳбубаи хеш расидан, сари чанбараки мошини худ нишастан. Агар ба Руссия наравам-чӣ? Он гоҳ маҷбурам соли дароз дар заминҳои лалмӣ барабас заҳмат кашам, як халта гандумро ба замин пошида, як

https://bikhon.tj/

токӣ ҳосил ба даст орам. Нозири андоз, раиси хоҷагӣ ҳар рӯз пешпардохта супур, пули оба те, андоз гуфта пул талаб мекунанд. Агар касби падарро бигирам… Не, не, зинҳор не! Падарам умри ҷавони худро сарфи пешаи омӯзгорӣ карду имрӯз бо нони ҷавину ҷуворӣ ифтор мекунад. Моҳҳои дароз маоши худро, ки аслан ба маош гуфтани он забони кас намегардад, гирифта наметавонад. Нони муаллимон ин замон дар оби чашмашон тар. Бузургворе дуруст фармуда будааст, ки «Рӯзии соҳибдилон ангушти худ хоидан аст.» Оҳ намедонам, чӣ коре кунам?

Таваккал ба Худо, ба Руссия рафта кор мекунам. Саҳар дар ин бора бо падарам гуфтугӯ хоҳам кард. Намедонам, розӣ мешаванд, ё не? Ба фикрам, бояд розӣ шаванд. Охир, ба он кас ҳам душвор. Саломатияшон хуб не. Шабҳо аз дарди буғумҳои пой хоб дар чашмонашон ҳаром аст. Бояд розӣ шаванд. Ман писари ягонаашон, умеди ояндаашон ҳастам. Дар оянда бояд асои пирии падар шавам, чунон асое, ки падар бовар карда вазни худро ба он ҳавола кунад. Вагарна, асои кӯчу хасакӣ ба кӣ даркор?

* * *

Манучеҳр ба ҳудуди коргоҳи ҶММ «ЕвроТатОйл» қадам ниҳоду нахустин чизе, ки ҳис кард, бӯй буд. Бӯйи маҳсулоти нафту сохтмон, бӯйи диёри бегонаро шамиду якбора зиқ шуд. Худро тифлаки ширхорае пиндошт, ки аз банди пистони модар кандаанд.

-Ман минбаъд бояд ин ҷо кор кунам. Вале оё ба чунин муҳити дилгир одат мекарда бошам?

Боз худро тасалло дод: «Хайр, ман танҳо нестам-ку? Шукр, ин ҷо аксарият ҳамдеҳагони худам… Инҳо ҳам ман барин дил доранд, ба ёди падару модар, бародару хоҳар, аёлу хешу пайванд ҷигарашон хун мешавад. Аммо чӣ илоҷ? Зиндагӣ маҷбур мекунад, ки дар ин гуна мавридҳо чору ночор сабру таҳаммулро пеш гирем.»

https://bikhon.tj/

ҶММ «ЕвроТатОйл» ҳудуди 250-300 нафар коргарро муттаҳид кардааст. Дар мини-заводҳои ин ширкат асосан навъҳои гуногуни бензин, солярка, мазут ва гази моеъ истеҳсол шуда, тавассути ёздаҳ пойгоҳи нафти тобеъи он ба харидорон пешкаш мегардад. Ин ширкат фаъолияти густардае дорад. Сохтмони иншооту сеҳҳои навин, таъмиру тармими биноҳо, тағйир додани тарҳҳо, такмили истеҳсолот, насби таҷҳизоти нав, ҳамвор кардани майдонҳои корӣ ва тараддудҳои зиёди дигаре бар дӯши кормандони ин ширкат бор аст. Муҳоҷирони меҳнатӣ бояд ҳамакора бошанд, гоҳ ин ҷо кор мекунанд, гоҳ он ҷо. Имрӯз белро ба дастат медиҳанд, пагоҳ пармаро. Гоҳ шабона ба кор мебароӣ, гоҳ рӯзона. Ин ҳафта дар шаҳри Красноармейск ҳастию ҳафтаи дигар дар Дмитров, ё ин ки дар Ростов. Бад-ин минвол рӯз шаб мешаваду шаб рӯз, иддае ба Тоҷикистон бозмегарданду аз он сар муҳоҷирони нав меоянд.

* * *

Мастонқул тоза ғанаб карда буд, ки телефони ҳамроҳ занг зад. Коҳилона гӯшакро бардошт:

-Гӯш мекунам…

-Алё Манучеҳр?-овози Додарой аз шӯру ҳаяҷони ботинии ӯ гувоҳӣ медод.

-Ман Мастонқул…

-Мо бо Манучеҳр гап заданӣ…

-Рақамро хато гирифтед, янга.

Мастонқул вазъияти занро хуб дарк кард. Додарой хостааст, бо писари ягонааш, ки алъон дар Русия кор мекунад, суҳбат кунад, вале азбаски зани кӯҳистонӣ ҳанӯз бо асрори кори телефонҳои дастӣ ошно нест, захмаи ӯ аз рӯйи саҳв буд. Боке нест.

* * *

Ростгӯй, шармгин, ботамкин, сода, покният, бекина ҷавоне буд Маъруф. Шогирди аълохон набошад ҳам,

https://bikhon.tj/

дар назари устодон гавҳари қобил метофт. Меҳнатро дӯст медошт. Агар нафаре аз ҳамдеҳагон дар иҷрои коре ӯро ба ёрмандӣ хонад, ҳамоно аз пушти он кор мерафт. Танбалӣ, коҳилӣ, баҳонаҷӯӣ барин сифатҳо аз ӯ зоҳир намешуд.

Ёд дорам, дар дарси адабиёт Маъруфро ба назди тахтаи синф хондаму ӯ, ки нотайёр буд, узр пеш оварда:

-Муаллимҷон, дирӯз ба ҷойи амаки Муҳиддин ба навбати пода рафтам, ҳалок шудам. Ана, барои ҳамин дарсро тайёр карда натавонистам.

-Ҳалок шудам нагӯй, хаста шудам гӯй,-суханашро ислоҳ кардам.

-Ҳа, хаста шудам,-саҳви худро эҳсос карда лабханд зад.

Дар деҳаи мо ифодаи ҳалок шуданро ба маънии коркӯфта шудан, хаставу лакот шудан корбаст мекунанд. Сокинони навоҳии тобеъи марказ дар ин гуна мавридҳо бефара шудам мегӯянд. Камина зимни дарсҳоям истифодаи калимаву ибора ва таъбирҳоеро, ки бархоста аз қолаби лаҳҷа бошанд, дар сурати носуфта ва дурушт буданашон наҳӣ мефармоям.

-Маъруф, пагоҳ мо ҳашари алафдаравӣ дорем.

-Маъруф, саҳарӣ гови маро ба молбозор бурдан даркор.

-Маъруф, аз сой қум кашонда меовардӣ.

-Маъруф, дегу самоворро ба тӯйхона бар.

-Маъруф, рафта, аз сарчашма обро ба чӯйи мо паррон.

Ана, ҳамин тавр, дар кору ташвиши ҳамсоягон Маъруф шарику дастёр аст. Хуб мегӯяду мешитобад. Ин одат аз хурдӣ дар ниҳоди ӯ ҷой гирифтааст.

Солҳое, ки Маъруф ҳанӯз мактабхон набуд, рӯзе модарам чунин нақл карданд:

-Дар сари хирман гандумро ба халта бор кардему даҳони халтаро бастем. Дидам, ки Маъруф харсавор аз назди мо гузашт.

https://bikhon.tj/

Шӯхиомез гуфтам:

-Маъруфҷон, ҳамин халтаҳоро ба хар бор карда, ба ҳавлии мо бурда медодӣ, савоб мегирифтӣ…

Маъруф чизе ногуфта аз назди мо рафт. Фикр кардам, ки гапи маро гӯш накард. Лаҳзае нагузашта, хару ресмон гирифта омад. Одами калон набошад ҳам, ақлаш гирифтааст, ки бе ресмон бор дар пуштораи хар намеистад. Ба ақли расоят офарин,-гуфтам.

Баъди хатми синфи нӯҳ вазифаи аловмони мактабро адо кард. Рӯзе дар хонаи муаллимон менишастам, ки Маъруф ба наздам омад. Салому ҳолпурсӣ кардем.

-Муаллимҷон, оқибат мурдан мебояд. Ғами ин дунёро хӯрда, он дунёро фаромӯш кардан даркор нест,-инро гуфту дафтару қаламеро болои мизам гузошт.

-Илтимос, як хизмат кунед: Дар ин дафтар тартиби намоз хондан, сураҳо, дуою фотиҳаро барои ман нависед. Намозхониро ёд гирифтан мехоҳам.

Ҳоло ба худ меандешам: Шояд ин ягона коре буд, ки иҷрои онро Маъруф аз каси дигаре дархост кард.

Шомгоҳе рама аз чаро омад, аммо як бузи мо гум буд. Ба Маъруф занг задам:

-Маъруфҷон, дар деҳи боло ягон бузи бегона надидаӣ?

Чанде гузашту Маъруф дафъатан телефон кард:

-Муаллимҷон, бузатон дар оғили янгаи Гуланвар…

Моҳи апрели соли 2008 як рӯз пеш аз сафари Руссия дар саҳни мактаб бо ман хайрухуш кард.

Дареғам омаду гуфтам:

-Ба Россия наравӣ, намешавад-мӣ?

-Муаллимҷон, як бор рафта омадан даркор…

«Муаллимҷон»-гуфтанҳои Маъруф дар гӯши ёдам мондааст.

https://bikhon.tj/

* * *

Вақте ки ба аэропорти шаҳри Хуҷанд расиданд, ҳавопаймои Хуҷанд-Маскав кайҳо рафта буд. Дили Маъруфро ҳузну ноумедӣ фаро гирифт. Сафар як ҳафта ба таъхир афтод.

Биё, модар, даме ҳоли маро бин,
Ту ранги зарду аҳволи маро бин.
Маро акнун расида вақти парвоз,
Шикаста ин пару боли маро бин.
Ибодуллоҳи Раҷаб.

* * *

Раҷабалии Қодир аз ҳар ҷавоне, ки барои кор ба Русия меояд, пурсон мешавад:

-Чӣ ҳунар дорӣ?

-Мактаб хондам, вале ҳунаре надорам.

Дар чунин давру замона чӣ хел бе ҳунар зиндагӣ кардан мумкин аст? Раҷабалии Қодир ба шигифт меояд. Масали ин ҷавонон парандаест, ки замони парвоз карданаш фаро расидаасту ҳанӯз ӯ парвоз наомӯхтааст. Ё одаме, ки шиноварӣ наомӯхта, худро ба амвоҷи дарё андохтааст.

Воқеан мактабҳои умумӣ ба ҳунаромӯзии толибилмон масъул нестанд. Навҷавон баъди нӯҳ соли таҳсил баробари ба даст овардани шаҳодатнома худро гӯё дар шаҳри бегона мебинад, ки кӯчаву тангкӯчаҳои ношиносе дорад. Дар як ҷой қадам зада истодан, пой дар гил мондан ҳам маъное надорад. Ба ягон тараф рафтан лозим. Вале ба кадом тараф? Ин савол ҳам маъное надорад. Охир, барои ҷавоне, ки роҳу пайроҳаҳои зиндагиро намешиносад, чӣ фарқ дорад, ки ба рост меравад, ё чап, пеш меравад, ё қафо Ӯ, ки бо рамзи роҳ ошно нест, интихобаш низ тасодуфӣ хоҳад буд. Вале тасодуф на ҳама вақт ба муроди дили инсон кор мекунад. Ба ҳар ҳол он чӣ яқин аст, ин аст, ки ту

https://bikhon.tj/

бояд ҳунаре дошта бошӣ. Ба як ҷавон чил ҳунар кам, - гуфтаанд. Раҷабалии Қодир ба ин мақоли оддиву машҳур дар ин ҷо, дар мусофират бештар эътиқод пайдо кард. Ба зердастонаш низ ҳамин мақолро ёдрас шуда, ҳикмати онро фаҳмонданӣ мешавад. Албатта нафароне, ки кордону ӯҳдабароянд, дар паҳлӯи ӯ ҳастанд.

* * *

Аз мошини сабукрав ду духтарак пиёда шуданду бо ронанда хайрухуш карданд. Монанди ҳама дӯшизагони рус пайкари ҳарду нимаурён, пӯсти баданҳо сафеду нафис, чеҳраҳо садбарги шабнамзада…

-Маъруф, фигураҳоя дидӣ?

-Дидам, ҳа…

-Ягонтоашро тӯғрӣ кунам?

-Э монеде…-ҷавон гармии оташи шармро дар рухсораҳояш эҳсос мекунад.

-Бешӯхӣ мегӯям…Не нагӯ, Маъруф, пушаймон мешавӣ…

-Ман ин хелаҳоро ба сарам мезанам-мӣ?

-Наташаааа,Наташаааа,-занги телефони Сафарбой баланд шуд.

-Да!

Сафарбой саргарми гуфтугӯ шуду Маъруф ба духтарҳо зеҳн монд. Якеи онҳо, ки қоматаш саҳл баландтар аст, дар даст дастгоҳи хурди наворбардорӣ дораду дуввумӣ онро аз ӯ гирифтан мехоҳад, вале талошҳояш беҳосил меанҷомад.

-Сначала денги, сначала денги,-овози омиронаи духтар ба гӯш меояд.

-Хорошо! Ба ту чӣ хелаш даркор? Гап зан. Дар ин ҷо ҳама хелаш ёфт мешавад,-суҳбати мавқуфмондаро дунболагирӣ мекунад Сафарбой.

-Э монеде, ако. Ман ин ҷо барои духтархушкунӣ наомадаам.

https://bikhon.tj/

-Ҳа ту хаппаки дунбаканак. Шояд аллакай ягонтоашро хуш карда бошию мо бехабар. Шӯхакон лаб-лаби бом, хаппакон кора тамом.

Дар лаби Маъруф табассум мешукуфад. «Ҳа. Хуш кардаам, лекин ба Шумо намегӯям»-аз дил мегузаронад ва лоуболона мегӯяд:

-Соқу саломат пеши додою оча равем, як гап мешудагист…

-Сначала денги, -боз ҳам садои духтарак шаддаи хаёли Маъруфро меканад. Соҳиби овоз дастгоҳро ба ҳарифаш додааст, вале аз афташ фитаи онро қаблан гирифта будааст, ки ҳоло кашокаш сари як фитаи хурдакак аст.

Маҳлиқо. Як сол боз ин духтараки рустоӣ дар чашми Маъруф шаҳдухтари мулки афсона метобад. Ин шоҳдухтар ҳоло аз ӯ хеле дур, дури дур, дар деҳаи Шинг. Деҳаи Хумгарон чарогоҳи хуб надорад. Сокинонаш бузу гӯсфанду говашонро ҳамасола аз нимаи фасли баҳор то нимаи тирамоҳ ба мавзеъҳои дигар, ба кӯҳу ағба меронанд. Маъруф ҳам порина, аввалҳои моҳи апрел гӯсфандонашонро ба ағбаи Фароб бурда, ба ихтиёри чӯпон супорид. Дар бозгашт Маҳлиқоро дид. Диду қарору тоқату ҳуш гум кард. Рӯзи 25 майи соли 2006, ки ӯ дар ҷамъомади «Занги охир» суруди «Фариштамоҳ»-ро хонда буд, ҳанӯз намедонист, ки ишқ чист. Танҳо ба Баҳроми Ғафурӣ тақлид карду бас. Чӣ медонист, ки замоне ин суруд чакомаи дӯстдоштатарини ӯ мешавад:

Фариштамоҳ, зи куҷоӣ?
Ба сурат моҳи ҳавоӣ…
Мисоли ту надидаам…

Маъруф пеш аз ба Руссия омаданаш ният дошт, даричаи ниҳонхонаи розашро барои духтар мекушояд, лекин ҷуръат накард. Ҳар боре, ки аз дур ё наздик духтарро медид, нафасаш дарун мезад, маҷолаш гум

https://bikhon.tj/

мешуд, шахси сурмахӯрдаеро мемонд. Имрӯзҳо боз ҳам дақиқаҳои умраш бо ёди Маҳлиқо мегузарад. Ба дилаш лашкари шакку гумон шабохун мезанад: «Раваду каси дигаре ба Маҳлиқо одам монад? Не. Ман бояд Маҳлиқоро аз даст надиҳам. Ҳоло, ки дер нашудааст, дар ин бобат падару модарамро огоҳ карданам лозим. Маҳлиқоро хостгорӣ кунанд. Не, ба падару модарам дар ин хусус гап зада наметавонам. Беҳтараш ба бобоям хат менависам. Оҳ, Маҳлиқоҷон, дар пеши поят мурам…»

Маъруф беихтиёр рӯйи тахтабетон нишаст.

-Уффф, ҳаво гарм…

-Наташаааа. Наташаааа,-телефон боз Сафарбойро саргарм кард.

Маъруф дарёфт, ки духтаракон аллакай рафтаанд. Аҷиб, пархоши онҳо бо чӣ анҷомида бошад?..

* * *

Худованд ба онҳо се фарзанд ато кардааст: Бунафша, Манучеҳр, Зарнигор. Вақте ки ҷигарбандонашон дар хона ҷамъ буданд, хонаи муаллим Намозӣ пур буд. 19 ноябри соли 2005 Манучеҳр озими Русия шуд. Бунафшаро ду сол пеш ба шавҳар доданд. Дар хона танҳо Зарнигор монд, ки вай ҳам дар шаҳр, дар Омӯзишгоҳи омӯзгорӣ мехонад. Ҳафтае як бор рӯзи истироҳат ба деҳа меояд. Хулласи калом, аксари рӯзҳои ҳафта падару модар дар хона чашм ба дар менишинанд. Заҳри одамро одам мегирад. Бошад, ки касе аз дар дарояд. Гоҳо муаллим Намозӣ ба хондан ё навиштан машғул мешавад, ҳамсараш зиқ мешаваду ба шишаи хомӯшӣ санг мезанад:

-Хайр, гап занед, Манучеҳр.

-Чӣ гӯям?

Рӯзҳои охир дар хонаи онҳо хешовандон ба пешвози тӯйи Зарнигор сарҷамъ омадаанд. Гӯё аз хонаашон фасли дай рафту баҳор омад, шаби ялдо

https://bikhon.tj/

гузашту субҳи деринтизори Наврӯз дамид. Вале падару модар бим доранд, ки вақте Зарнигор ҳам оиладор шавад, онҳо танҳотар хоҳанд шуд. Кошки Манучеҳр зудтар аз мусофират бозмегашту аниси субҳу шоми волидон мегардид.

-Муборак шавад!-хушдомани Бунафша-Зулайхо аз дар даромаду ба рӯйи дарздӯзиҳо қанду қандалот пош дод.

Борон аз резиш монд. Абрҳо баъди хатми рӯкушоди арӯси офтоб ба хонаҳои худ рафтанд.

* * *

-Нармгуфториҳои ҳар кадоми онҳо дили касро ба одаму олам гармтар менамояд. Оре, табиб бояд ҳамин гуна хислатҳои ҳамидаи инсониро дошта бошад, давоми умри Сино бошад.

Васфи табибони шифохонаи «Таги Камар»-и шаҳри Панҷакент нуқли суҳбати онрӯза буд. Ғафурбеки Намозӣ бо меҳру муҳаббат номҳои Бахтиёр Сироҷиддинов, ҳамшираҳои шафқат Гулчеҳраву Мулкия, Таҳминаву Зулола ва Фарзонаву Дилраборо ба забон меовард. Шукрона мегуфт, ки дарди сар ва дасту пой акнун чандон азияташ намедиҳанд. Ҳамагон медонистанд, ки муаллим моҳҳои дароз аз ин оризаҳо сахт ранҷур буд.

-Ману Ихтиёр ном ҷавони шаҳрӣ дар як ҳуҷра будем. Ҳар рӯз пайвандону дӯстон ба аёдат меомаданд. Рӯзе ду-се маротиба омадани як дӯсти Ихтиёр, ки Олимҷон ном доштааст, диққати маро ба худ ҷалб намуд. Ин ду ҷавон ҳамдигарро хеле дӯст медоранду эҳтиром мекунанд. Ман аз рафтору гуфтори онҳо ба вачд меомадам ва худ ба худ мегуфтам: «Худоё, чаро ҳамаи одамон ҳамдигарро ин сон дӯст намедоранд? Охир, дӯстиву рафоқат, меҳру вафо боиси оромиву осоиштагии олам аст.»

https://bikhon.tj/

Рӯзи 26 июли соли 2008 дар ҳуҷраи кории Ғафурбеки Намозӣ ҳамин гуна суҳбати гарм ҷараён дошт. Сарвари мактаб аз табобатгоҳ бозгаштаву ҳуҷҷатҳои хатмкардагони дабистонро ба тартиб меовард. Табъи хуш ва рӯҳи болида дошт. Дар кошонааш ду-се рӯз пас бояд тӯй барпо шавад. Муаллим духтари дуввуми хешро бояд фотиҳаи бахти сафед диҳад. Аҳли хонаводаи ӯ ва хешу ақрабо ҷиҳози арӯсии Зарнигорро омода мекарданд.

Муаллим, ки андаке аз чанголи дард амон ёфта буд, он рӯз намедонист, ки дарди беамоне дар пушти дар аст, дарде, ки худованд ба ҳеҷ табибе нерӯи мудовои онро надодааст.

* * *

Ҳозир наҷвои телефон меояд, Заррина гӯшакро мебардорад. Ба самъаш овози Ҳабиби дилу ҷонаш мерасад. Шавҳараш варо табрик хоҳад гуфт, орзуҳои неке изҳор хоҳад кард. Ҳабиб дар роҳи дур бошад ҳам, рӯзи мавлуди бонуи хонаашро фаромӯш накардааст. Ӯ занг мезанад, ҳамин лаҳза, худи ҳозир занг мезанад, ҳатман занг мезанад. Заррина ба ин бовар дорад, дасташ ба кор, дил ба ёр, интизор аст, интизорӣ мекашад. Шояд ки дар ҳисоби телефони Ҳабиб пул нест. Заррина ба қароре омад, ки худаш рақам чинад. Аммо телефон хомӯш аст. Шояд ки мавҷи телефон камӣ мекунад? Заррина ба берун баромаду захма зад, ҳавлиро давр зад, борҳо ба рақами падари Шаҳзодаш пайк фиристод. Телефони Ҳабиб хомӯш буд. Нигоҳи Заррина ба ғарами хиштҳо давид

-Ба баландӣ бароям, шояд ки…

Ҳайҳот… Заррина навмедона поин фаромад. Ба хирмани ҷони ҷавонзан оташ афтод. Дақиқаҳо тӯл мекашиданду тапиши дили ӯ тезтар мешуд…

https://bikhon.tj/

* * *

Моҳи июл бошад ҳам, се рӯзи охир баъди пешин осмонро абрҳои сиёҳ мепӯшиданду лаҳзае чанд борон мерехт. Ташвиши аҳли деҳа баробари дидани абрҳои сиёҳ меафзуд. Роҳҳои нообод, раддаи хиштҳои рехта, бандҳои алафу гандуми сари заминҳо-ин аст ғами мардум дар рӯзҳои боронии тобистон. Вале дар осмони деҳа пайдо шудани селаи азими зоғҳои сиёҳ ба дилҳо сиёҳии дигаре афканд. Ҳама ҳайратзада шуданд, ки ин қадар зоғ аз куҷо пайдо шуда ва чаро болои деҳа пайваста чарх мезананд. Шояд парандаҳои безабон розеро медонанду ба одамон ифшо кардан мехоҳанд? Шояд кадом офате аз қабили селборону тӯфону заминларза дар насиби деҳа ҳаст, он гуна, ки ин шабу рӯз чунин манзараҳоро шабакаҳои телевизион аз ҳар гӯшаву канори дунё намоиш медиҳанд? Зоғон чӣ дарде доранд? Ҳоҷӣ Муҳаммадшоҳ ҳамаи ин чуну чароҳоро мешуниду забонаш лол буд, лаб мегазид, то ки нола накунад, дуди дили сӯхтаашро пинҳон кардан мехост. Чашми мардум ба осмон буду чашми Ҳоҷӣ ба замин. Чӣ гуна бигӯяд, ки субҳи фардо ҷисми беҷони се тан ғӯрамарг аз пойтахти Русия ба шаҳри Хуҷанд ва сипас бо роҳи ағбаи Шаҳристон ба деҳа оварда хоҳанд шуд? Се навҷавоне, ки яке ҳаждаҳ, дигаре бисту як, сеюмӣ бисту ҳашт баҳори зиндагиро дидаанду накҳати гулҳои чаманистони орзуро нашамидаанд. Охир, ҳанӯз дарду алами ҷонсӯзе, ки аз марги Усмонқули муаллим ба дилҳо нишастааст, заррае кам нашуда. Ин ҷавонмард ҳам ба хотири нони дастархони аҳли байташ ба Русия рафта, баъди чор моҳ, рӯзи 6 декабри соли 2007 тасодуфан зери чархи мошин монда, ба ҳалокат расида буд. Ҳоҷӣ Муҳаммадшоҳ маҳбуси чордевори андеша буд: Душвориҳои зиндагӣ, ки солҳои охир дар ҳар оила ҳис карда мешавад, бародари ӯ Раҷабалиро ба ҷустуҷӯи кор водор кард. Раҷабалӣ озими шаҳри Маскав шуд, баъди чаҳор моҳи сарсониву оворагиҳо дар он ҷо кори

https://bikhon.tj/

нисбатан хубе пайдо кард. Оҳиста-оҳиста қуввaҳои нави корӣ лозим шуданд. Раҷабалӣ зиндагии вазнини оилаҳои камбизоати деҳаро пеши назар оварда, ҷавононро ба кор даъват мекард. Ҳамин тавр, ҷавонони зиёде дар атрофи Раҷабалии Қодир гирд омада, ба нафъи оилаҳои худ меҳнат мекарданд. Бо дастмузди ҷавонон дар деҳа хонаҳои нав сохта шуданд, базмҳои оиладориву маросимҳои гуногун сурат гирифтанд, мошинҳои нав харидорӣ шуданд. Муҳимтар аз ҳама, ҷавонон ҳунар омӯхтанд, соҳибкасб шуданд. Аҳолӣ дар андешаи обод кардани деҳа эҳтимом кард. Пирони деҳа дар ҳаққи Раҷабалӣ дуои нек мекарданд. Вале бо амри султони бахт аз дарахти зиндагӣ баргҳо ба замин афтоданд. Чашми аҳли деҳа ҳавзи об, ҷигарҳо кабоб, дилҳо хароб шуд..

-Чӣ бояд кард?-меандешад Ҳоҷӣ Муҳаммадшоҳ. –Роҳи сарбаста…

-Мана мур гӯед. Кошкӣ барвақттар мемурдаму ин рӯзҳоро намедидам! –гоҳе фиғон, гоҳе мунга мекунад холаи Қамарой.

-Очаҷон, ин тавр нагӯед. Қалами тақдир дар пешонӣ чизе нависад, ҳамон кор мешавад. Ин ҷо акои Раҷабалӣ гуноҳ надоранд, оча.

-Ту ҳамин хел мегӯӣ. Лекин халқ чӣ мегӯяд? Додою очаи он ҷавонмаргон чӣ мегӯянд? Вой аламе, вой доде.

Ин лаҳза телефони ҳамроҳ занг мезанад. Дили Ҳоҷӣ меларзад. Занги телефон ӯро дигар ба воҳима меандозад. Занг аз Росия, аз бародараш. Селаи зоғони сиёҳ дар осмони деҳа ҳамоно гирд мегарданду ово мекунанд. Деҳа дар сояи болҳои ин парандаҳо монда…

* * *

Ҳамон рӯз, аниқтараш, рӯзи 22 июли соли 2008 дар пойгоҳи нафтрасонии шумораи 9, воқеъ дар деҳкадаи Дубровски, ноҳияи Дмитров зарфи шасттоннагӣ дарз пайдо кард. Мусаллам аст, ки дар ин гуна мавридҳо

https://bikhon.tj/

кафшер ба кор меояд. Вале дар маҳале, ки ки қадар зарфҳои калонҳаҷми сӯзишворӣ паҳлӯи ҳам қарор доранд, амали кафшергарӣ низ кори осон нест. Афрӯхтани шароаи оташ метавонад, ба таркиш ё сӯхтор боис шавад. Файсала карданд, ки зарфи таъмирталабро аввал аз таҳшини бензин тоза намудан лозим аст. Маъруф бо ниқоби ҳифозатӣ (противогаз) ба дохили зарф даромада машғули кор буд. Гоҳ-гоҳе бадар меомад ва ҷурғот менӯшид. Чанд дақиқа дам мегирифт ва боз корашро идома медод. Манучеҳру Ҳабиб, ки дар басти шабона кор карда буданд, бояд рӯзона истироҳат мекарданд. Вале пас аз хӯроки нисфирӯзӣ ҳарду ҷавон ба назди рафиқон меоянд. Ин лаҳза воқеае рух медиҳад, ки дар гӯшаи хаёле касе набуд. Маъруф дар дохили зарф ниқоби ҳифозатиро аз сари худ мекушояд. Эҳтимол меравад, ки айнаки ниқоб аз дарун ҳавр гирифтаву Маъруф онро пок кардан мехост. Ӯ фаромӯш кардааст, ки дохили зарф барои нафаскашӣ ҳавои тоза надорад. Баробари ба димоғаш задани ҳавои махлуту мадҳушкунанда аз пой меафтад. Ин ҳолатро дида, Манучеҳру Ҳабиб низ бо шитоб худро ба дохили зарф мепартоянд, то ки Маъруфро берун кашанд. Онҳо низ андаруни зарф беихтиёр нафас кашида, ҳамоно аз ҳуш мераванд. Инро дида, Рачабалии Қодир ҳам худро ба зарф мепартояд ва мадҳуш мешавад. Ҳамроҳон Рачабалии Қодирро кашола карда, ба берун мебароранд. Вале Маъруфу Манучеҳру Ҳабибро наҷот додан муяссар намешавад.

Деҳкадаи Дубровски машҳади се парандаи муҳоҷир шуд, парандаҳое, ки нияти сохтани лона доштанд, парандаҳое, ки аз қафаси мулки бегона раҳо ёфта, ба чамани ватан бозгаштан муродашон буд.

https://bikhon.tj/

* * *

Рӯ ба Ҳинд овардани соҳибдилон аз баҳри чист?
Рӯзгор ошаро мӯҳтоҷи хокистар кунад.

Ин байт бӯйи ғарибӣ медиҳад, эҳсоси муҳоҷират, дурӣ аз ёру диёр, ҷабру ҷафои замона, ризқу рӯзии парешон, қисмати наслҳои гумшуда, ҳасрати мардуми саргаштаро шабеҳи оина пеши назарҳо ҷилва медиҳад.

Домони тоҷикон дар тӯли таърих ҳамеша олудаи гарди ғарибӣ будааст. Вале муҳоҷирати тоҷикон дар ҳеҷ давру замонаи дигаре чунин мӯҳлик набудааст. Дар давоми даҳ соли ахир модарони тоҷик чӣ қадар фарзандони худро аз даст доданд, ниҳоли бахти чӣ қадар наварӯсон решакан шуд, дидагони маъсуми чӣ қадар тифлакон ба роҳи падар нигарон монд. Ин талафотро касе ҳисоб накардааст.

Муҳоҷирони тоҷик дар шаҳрҳои Русия ҷони худро, саломатии худро ба гарав ниҳода, ду-се танга кор мекунанд. Вақте ки муҳоҷир ба ватан бозмегардаду хонае месозад, мошине мехарад, ё базме, суре, ҷашне меороят, аён аст, ки ӯ аз Русия пул оварда, бад-ин тариқа масраф кардааст. Ва низ аён аст, ки он пул ба осонӣ ба даст наомадааст. Муҳоҷир баъди бозгаштан муддатҳо кати беморхонаҳоро соҳиб мешавад, ба дарди дасту пой, миёну гурда дармон меҷӯяд. Гуфтораш аз боби таъқибу шиканҷаи шаҳнаҳост, ҳикояташ дар хусуси муфтхӯрии миёнаравҳост, нақлаш бозгӯйи яғмову ғорат дидани ҳамватанони меҳнатқаринамон аст. Сарсониҳои онон пайи дарёфти кор ва аз ҷониби хоҷагони паймоншикан пардохта нашудани музди корашон ҳазёну бофта нест. Воситаҳои ахбори оммавии Русия бошанд, ин масоилро аҳён-аҳён ба хотир меоранд. Онҳо дар аксари маврид хуш доранд, тоҷиконро бештар ҳамчун интиқолдиҳандагони маводи нашъадор ёдовар шаванд. Аз ҷумла, дар «Гончие-2» ном сериали навини телевизионӣ мансубияти миллии

https://bikhon.tj/

қаҳрамонеро бо номи Саид Мирзоалиеви «одамхор» (людоед) тоҷик муаррифӣ кардаанд. Чунин таълифот ба оташи кинаву хусумат, адовату хушунат равған рехта, аз дӯст душман месозад. Инсоф бидиҳед, имрӯз дар Тоҷикистон ҳазорон шаҳрвандони кишварҳои дигар кору зиндагӣ доранд. Оё онҳо ба мухолифати соҳибони аслии Ватан рӯбарӯ омадаанд? Оё нафаре аз онҳо аз дасти мо озор дидааст? Оё аслан ҳисси миллатгароӣ дар Тоҷикистон вуҷуд дорад?

Давлат ва ҳукумати Тоҷикистон худро ҳам дар назди созмонҳои байналхалқӣ, ки узви он асту меъёрҳои онҳоро қабул кардааст, ҳам дар назди он давлату ҳукуматҳое, ки шаҳрвандонашон дар Тоҷикистон умр ба сар мебаранд, кор мекунанд, ё ба ҳайси сайёҳ омадаанд, масъул мешуморад. Ин паймон дар сатҳи давлат замонат дода мешавад. Чунин шеваи муносибатро оё давлатҳои дигар ҳам истиқбол мекунанд?

Дар фарҷоми соли 2008 Прокуратураи генералии Тоҷикистон доир ба талафоти ҷонии муҳоҷирони кории тоҷик дар Русия маълумоти расмиро интишор дод. Абдусамӣ Додобоев, муовини аввали додситони кулли Тоҷикистон ба хабарнигорон гуфт, ки дар соли гузашта ҷасади 681 тан шаҳрванди Тоҷикистон аз хориҷа ба ватан интиқол дода шудааст. Ин дар ҳолест, ки дар соли 2007 аз хориҷа ҷасадҳои 365 нафар ба зодгоҳашон интиқол ёфта буд. Шаҳрвандони тоҷик маъмулан дар шаҳрҳои Русия ва бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла марги табиӣ, беморӣ, садамаҳои нақлиётӣ, куштори ҷабрӣ ва ғайра фавтидаанд.

… Дар ин миён теъдоде аз шаҳрвандони тоҷик, ки дар Русия фавт мекунанд, ба иллати набудани маблағ ва ё бо далоили дигар дар хоки ин кишвар дафн карда мешаванд.

https://bikhon.tj/

Ҳар яке аз ин 681 нафар Усмонқули ҷавонмаргест, Ҳабиби ғӯрамаргест, Манучеҳри сабзамаргест, Маъруфи тармаргест.

* * *

Ҳаво нам-нами борон дорад. Пиндорӣ, аз мижагони ниҳолакон ашки ҳасрат мечакад. Модар байни дарахтон мегардаду навҳа оғоз мекунад:

-Манучеҳрҷони оча, куҷоӣ? Меҳрубони оча, куҷоӣ? Ягонаи оча, куҷоӣ? Соябони сари оча, куҷоӣ? Паҳлавони оча, куҷоӣ? Боғбони оча, куҷоӣ?

Дарахтони безабон сукути гарон доранд. Бо ӯ ҳамдард мешаванд. Қатраҳои ашкашон ҳамоно мечакаду мечакад. Хоки сияҳ нам мекашад.

Гӯиё дирӯзакак буд. Ба хоки сияҳ ашки падару модар не, балки арақи ҷабини шоҳписари паҳлавону боғбони онон фурӯ меғалтид. Манучеҳр чуқурчаҳо меканд, бо умеди фардо ниҳол мешинонд. Солҳо мегузаранду ин ниҳолҳо бузургу борвар мешаванд. Манучеҳр низ ба висоли маҳбубаи дил мерасаду соҳиби беҳтарин неъмат-фарзанд мешавад. Он гоҳ кӯдакон ба шохаи ин дарахтон ресмон баста, ҳайбод мераванд. Рӯзи дароз садои хандаву шӯхии хурдтаракон дар фазои боғ мавҷ хоҳад зад. Падару модари Манучеҳр ҳамчун бобою момои хушбахт ба ин манзара нигоҳ хоҳанд кард. Баҳорон булбулакони нағмасаро сари шохаҳои пургул нишеман мегиранд. Шӯру машғалаи занбӯрони асал низ турфа нигористони ҳаловатбахш аст. Ана ҳамин гуна ғунчаҳои умед дар дили Манучеҳр барг мекушоянду ӯ осори хастагиро аз ҷисми худ дур меандозад. Аз чойники канори мазраъ як пиёла чой нӯшида, «Ё пирам!» -гӯён аз ҷой бармехезад. Санги заминро мечинад, ҷӯйборҳоро соз мекунад, каланд дар даст ба саргаҳи об меравад.

Ҳар боре, ки ниҳолакеро гулбасар медиданд, шодмонии падару модар ҳадду канор надошт. Замоне,

https://bikhon.tj/

ки Манучеҳр дур аз диёр меҳнат мекард, модар меваҳои аввалинро рӯйи даст гирифта, бинои таманно мекард:

-Кошки Манучеҳрҷон ҳозир ин ҷо мебуду аз меваи дарахтонаш мечашид.

Шохаи бодом хам оварду ба сару дӯши модари бечора расид. Зан хаёл кард, ки ғамхоре бо эҳсоси ҳамдардӣ дасти тасаллояшро ба китфи ӯ ниҳодааст…

Булбуле сари шохае нола мекард…

* * *

Модари Ҳабибҷон –Чиннӣ ёд меорад рӯзеро, ки ҷигарбандаш бори сафар мебаст. Он рӯз Ҳабибҷон ба одати тифлӣ кӯчаву паскӯчаҳои шаҳри Панҷакентро тай зад, бо шиносону дӯстони деринааш нишаст, даврони наврасиву мактабхониро ба ёд овард. Аз он рӯз лаҳзае дар хотири модар бештар мондааст. Замоне ки Ҳабибҷон аз дари хона даромад, беихтиёр шеър хонд:

Дар ғарибӣ ғашта-ғашта ранги зард овардаам,
Ранги зардамро ба пеши аҳли дард овардаам.
Ранги зардамро бубину аз хазонам ёд кун,
Дар сари қабрам нишину як даме фарёд кун.

-Ин шеърро дигар нахон, дилама об накун, -марзи дили модар ларзид.

-Ором бошед, очаҷон. Ҳамааш нағз мешавад.

Хун дар шараёни модар тӯфон мекард.

* * *

Рӯзе, ки ҷавонмардон аз муҳоҷирати меҳнатӣ бозмегарданд, падару модари ғамзадаат орому қарор гум мекунанд. Зеро дигар ҳеҷ касе аз роҳи дур паёму саломи туро ба онҳо намеорад.

Ва ҳам рӯзе, ки ҷавонмарде ба хотири пайдо кардани дастмузд роҳи кӯйи сахти ғарибиро пеш

https://bikhon.tj/

мегирад, алмос ба ҷигари волидони ту мерасад. Зеро дигар онҳо наметавонанд, ба дасти ин ҷавонмард тӯшае барои ту бифиристанд.

Ёд дорам. Борҳо дидаам модаратро, ки ҷонсарак мешавад, мавизу мағз, зардолуқоқу аштақ, қуруту фатир барои ҷигарбанди хеш омода мекунад. Ва гоҳе ин амал боиси малӯл гаштани баъзе касон мешуд, гиреҳ дар ҷабин норозиёна ғур-ғур мекарданд:

-Ман ин қадар бори вазнинро чӣ хел ба Руссия мебарам?

Модари бечораат зораву тавалло мекард, садқаву банда мешуд. Ва ин ҳама хориву зорӣ ба хотири фарзанди аз чашм дур…

* * *

Ҳадиси марги ту пурсӯзу талху нобаҳангом аст,
На кӯҳ онро бубардорад, на дарёву на инсоне.
Қутбӣ Киром.

27 июли соли 2008 ҷисми сарди навҷавононро ба ватан оварданд. Издиҳом қоматро рост гирифта наметавонист, кӯҳи ғам рӯйи шонаҳо вазн меандохт. Он рӯзҳо чандон ашкҳо рехта шуданд, ки агар онҳо ҷамъ меомаданд, осиёро мегардонданд.

Баъд аз се соли ҷудоӣ падару модар ба дидори писари ягонаи хеш расиданд, вале чӣ дидоре? Дидоре, ки сарфи видоъ шуд, видоъи ҳамешагӣ, падруди ҷонгудоз.

Рӯзҳо мегузаранд. Одатан бо гузашти вақт ҳар он чӣ замоне нав буд, кӯҳна хоҳад шуд. Вале ёди он рӯзҳои мудҳиш аз лавҳи хотирҳо зудуда намешавад. Фоҷиаи тобистони соли 2008 зуд-зуд ба хотирҳо мерасад, дилҳо таҳ мезанад. Даҳ моҳ боз падар ҳар рӯз ба писараш номае менависад, орзуҳоеро, ки кунун ҳасрат шудаанд, болои варақҳо иншо мекунад. Падар нома менависад, номаҳои бечавоб.

https://bikhon.tj/

Навбаҳорон бар сари хокат гулафшон мекунад,
Дидаи зори маро ёди ту гирён мекунад.
Хонаи дил мешавад ҳар дам хароб аз сели ғам,
Дар чаман имрӯз гул сад нозу ҷавлон мекунад.

августи 2008-майи 2009

https://bikhon.tj/

ҲИКОЯҲО

ТОҶИ ХУНОЛУД

Обову аҷдоди хурӯсон пушт ба пушт шоҳон будаанд. Нисфи ҷаҳонро зери пар доштаанд, хусравона мезистаанд, ҳукм меронданд, сиёсат мефармудаанд. Тоҷи шоҳаншоҳӣ, ки бар сар доштанд, монанди имрӯза сурх набуд, балки заррин буд, тобон буд, меҳру моҳи сипеҳрро мемонд. Аз фурӯғи он чашми душманон кӯр мешуду шаби зулмонӣ монанди рӯз равшан. Зеро бар он гавҳари шабафрӯз васл шуда буд. Ин буд, ки хурӯсону мокиён шабро намедонистанд. Модоме, ки шабро намедонистанд, иллати шабкӯрӣ низ барои эшон бегона буд.

Падари ровӣ мегӯянд, ки салтанати хурӯсон то замони Темури Ланг идома дошт. Вале падари падар, яъне бобои ровии ҳолии ин қисса бар онанд, ки сулолаи шоҳаншоҳии хурӯсон бо миқрози Чингизхон бурида шуд. Падари падари падар, яъне бобокалони ровии ҳолии ин қисса заволи империяи хурӯсонро ба истилои Искандар нисбат медодаанд. Исботи ҳақиқати ин гуфтаҳо монанди аз хоки тира дубора бозёфтани тоҷи давлатдории Шоҳхурӯс душвори душвори душвор аст. Вале муҳим он нест, ки ин ҳама кай буд. Гап сари он аст, ки ин ҳама чӣ ранг либоси воқеа ба бар кард. Муҳим ҳамин аст. Падару бобову бобокалон низ сари ин андеша муттафиқ будаанд. Ва аммо чаро дар ин қисса номе аз Искандару Чингизхону Темури Ланг нест. Инро мо намедонем.

Нақл мекунанд, ки дар сарзамини рӯбоҳон аввал хушксолӣ омад, сонӣ гуруснагӣ, пас аз он вабо. Замини ҳамвор аз мурдаи рӯбоҳон тал шуд. Ин тал чунон баланд буд, ки танҳо нимаи рӯз офтоб аз қуллаи он намоён мешуд, пиндорӣ, тоза дамидааст. Ҳар рӯз чанд

https://bikhon.tj/

ҳазор рӯбоҳ ба ҳалокат мерасид. Андаке аз сад бештар ё камтар рӯбоҳ, ки ҳанӯз рамақе аз ҷон дар устухон доштанд, дар ғоре ҷамъ омада, чораву тадбиру илоҷ меҷустанд, то ки аз ин вартаи мӯҳлик раҳо ёбанд.

-Дар дунё шаҳре ҳаст, ки онро Хурӯсон мегӯянд, -ба ҳикоят оғоз бахшид рӯбоҳи пир. –Он шаҳр обҳои равон, бодҳои атргардон, хокҳои зарафшон, оташи соиқаҷавлон, боғистони шукуфон, файзи фаровон дорад. Агар илоҷе карда роҳи он шаҳрро ёбем, ҷонамон аз хатар амон меёбад. Бошад, ки сокинони он шаҳр моро ба ғуломӣ қабул фармоянд. Дар акси ҳол, қисмати динозаврҳо моро насиб хоҳад шуд.

Хайли рӯбоҳон дар ҷустуҷӯйи шаҳри Хурӯсон ақсои оламро гаштанд, раҳ ба раҳ якеро падар мурд, дигареро модар, саввумиро писар, чаҳоруминро духтар. Аз азоби роҳ ҷонҳо ба ҳалқ расида буд. Пас аз чанд рӯз ба диёре расиданд, ки шаб надошт, бе офтоб рӯшан буд. Дарёфтанд, ки ба шаҳри афсонавӣ расидаанд. Рӯбоҳон махлуқони дупоро бо номҳои хурӯсу мокиён бори нахуст медиданд. Соҳибони мулк аз дидани ҷонвароне, ки бо чаҳор пой роҳ мерафтанду думи кашоли дароз доштанд, ба ҳайрат омаданд. Рӯбоҳон остони хидмат бӯсиданд ва рӯй ба хоки замин молиданд. Бо сӯзу гудоз аз қисмати талху шӯри худ сухан гуфтанд:

-Мо ба шаҳри шумо дар талаби қути лоямут омадаем. Шумо ба мо коре муқаррар намоед. Шумо хоҷа бошед, мо ғулом.

Шоҳхурӯс аҳли дарборро ҳидоят кард:

-Рӯбоҳон бо умеди зиёд рӯй ба шаҳри мо овардаанд. Савоб нест, агар соҳибхона гадоро аз дами дараш биронад. Биёед, мо дар ин рӯзҳои сахту сангине, ки ба сари ин бечораҳо омадааст, дасти ононро бигирему осори парешонҳолию дармондагиро аз дилу дидаи онҳо бизудоем, бо нохуни тадбир гирех аз таноби мушкилашон бикушоем.

https://bikhon.tj/

Бо фармони Шоҳҳурӯс зуд дарҳои меҳмонсароҳо боз шуд, рӯйи дастурхонҳо пур аз неъмату ноз шуд, сарҳои рӯбоҳон фароз шуд. Рӯбоҳакон коммунизми ҳақиқиро бо чашми сар диданд, аз шаҳди меваҳои демократия баҳравар шуданд.

Шоҳҳурӯс пас аз шаш моҳ ба рӯбоҳон шуғли кишоварзӣ фармуд. Анборҳо пур аз ғалла шуд, гандуму ҷаву мошу биринҷу ҷувориву арзан дар анборҳо нағунҷид. Хурӯсон аз ташвиши шудгору киштукору дарав озод шуданд. Шоҳҳурӯс умури тиҷоратро низ ба зиммаи рӯбоҳон вогузошт. Банки шаҳри Хурӯсон барои ғунҷонидани тангаҳои тиллоӣ тангӣ кард.

-Акнун Шумо метавонед рӯзу шабатонро пурра масруфи айшу нӯш ва кайфу сафо кунед. Тамоми корҳоро мо ба зимма мегирем, -гуфтанд рӯбоҳон.

Шоҳҳурӯс рӯбоҳеро вазир таъйин кард, то ки аз вазъи давлат бохабар бошад ва барои тараққии корҳо маслиҳату машварат пеш оварад. Замоне бо ин ҳол сипарӣ шуд. Рӯзе рӯбоҳи вазир ба Шоҳҳурӯс гуфт:

- Шоҳо, тахтатон аз кӯҳи Бадахшон баландтар боду тоҷатон аз офтоб тобонтар. Давлататон поянда бошад! Ҳоло суоле дорам, агар рухсат бошад, арз кунам.

-Бифармой!

-Шумо шаҳаншоҳи қудратманду ҷаҳонгиру кишваркушой ҳастед. Вале бо як мокиён қаноат меварзед. Оё беҳ нест, ки мокиёни зиёдеро ба занӣ гирифта, бо онҳо хушдилона зиндагӣ кунед?

Шоҳҳурӯс дар миҷмари андеша оташ андохт, фурсате пас, дар ҳоле, ки гӯё машомаш аз накҳати мушку анбар хуш буд, гуфт:

-Офарин! Хуб гуфтӣ!

Ва фармуд: ҳар кучо мокиёни фаттону таннозе бубинанд, ба дарбори Шоҳҳурӯс ҳозир оваранд. Рӯзи дароз Шоҳҳурӯс бо занҳои наваш ишқварзӣ мекард. Инро дида, хурӯсҳои дигар низ аввал дутоиву сетоӣ,

https://bikhon.tj/

сонитар аз он ҳам беш мурғонро ба занӣ гирифтанд. Хонадони ҳар яке ҳарам шуд.

Рӯбоҳ ба дарбор тарёку бангу кӯкнор овард. Шоҳхурӯс онҳоро озмуда, гуфт, ки ин моддаҳо кайфияту шаҳватро як бар сад меафзоянду умрро дароз мекунанд.

Бад-ин минвол ду сол сипарӣ шуд. Шоҳхурӯс умури давлатдориро фурӯгузор карда буду илмҳои деринро фаромӯш. Аз ӯҳдаи коре барнамеомад. Анборҳо холӣ буду банк тиҳӣ. Шоҳхурӯс бо рӯбоҳ машварат карда, чораву тадбиру илоҷи раҳоӣ аз ин вартаи мӯҳлик ҷӯё шуд. Рӯбоҳ гуфт:

-Биёед, хурӯсҷанг меороем. Хурӯсе, ки тоҷи ҳарифашро ба нишони гувоҳ ситонида, ба ман супорад, ғолиб дониста мешавад. Дар бадали ҳар як тоҷ як доман ҷуворӣ медиҳам.

-Ман пир шудаам. Аз ӯҳдаи ҷанг намебароям. Бигӯ, ки чӣ чора кунам?

-Шумо ҳам гавҳари шабафрӯзро ба ман диҳед. Соҳиби як ҷувол гандум хоҳед шуд.

Шоҳхурӯс чорае ба ҷуз ризо надошт. Тоҷи давлат ба дасти рӯбоҳ расид.

Дар тамоми шаҳр хурӯсҷанг идома дошт. Ҳар хурӯсе, ки дар шаҳр буд, довталабона ба майдон омад. Аслиҳаи ҷангияшон чанголу пару минқор буд. Парҳо рехтанд, тоҷҳо ба хун омехтанд. Ин ҳама гӯё басанда набуд, ки хонаҳоро оташ заданд. Фарёду фиғони моҳиёни дарёҳои Сайҳуну Ҷайҳун ба гӯши фалаки ҳафтум расид. Замини ҳамвор аз мурдаи хурӯсон тал шуд. Ин тал чунон баланд буд, ки ними рӯз офтоб ғуруб кард, пиндорӣ ба чоҳсори мағриб афтодааст. Шаҳрро торикӣ фаро гирифт. Чашмони хурӯсону мокиён чизеро намедид. Субҳидам, лаҳзае, ки тоҷи хурӯси офтоб аз паси қуллаҳо намудор шуд, чашмони хурӯсону мокиён биноӣ пайдо кард. Хостанд, ҷанги

https://bikhon.tj/

дирӯзаро давом диҳанд, вале қуввату дармону мадору тавон надоштанд.

Аз он айём садсолаҳо рафтанд. Ин хурӯсоне, ки ҳоло бо пару думи сиёҳранг мебинӣ, авлоди он хурӯсоне, ҳастанд, ки аз оташи ҷанг нимсӯхтаву нимҷон амон ёфтаанд. Сурхии тоҷ ранги хун аст, ки баробари гусехтани гавҳари шабафрӯз аз шараён берун заҳида. Расми хурӯсҷанг аз он замон боқӣ монда.

Акнун рӯбоҳонро косаи сарҳо пур аз шароби нахвату ғурур аст. Онҳо даъвои хурӯсӣ доранд. Шабонаҳо ба сайд мепардозанд. Хурӯсону мокиён иллати шабкӯрӣ доранд. Субҳидам баъзе ҳамнишинонашонро нопайдо, баъзеи дигарро беҷон дида, ҳайрон мешаванд. Намедонанд, ки чаро шумораи ҳамнавъонашон аз шом то субҳ чанд сар кам мешавад. Ҳар қадар фикр мекунанд, ақлашон ба фаҳми чизе намерасад, ақле, ки бо таъсири шаробу шаҳвату бангу тарёку кӯкнор тира шудааст. Танҳо ҳамин қадар ҳунар доранд, ки барои пайдо кардани донае пору тит мекунанд.

ФАРИШТАИ МАРГ

Мӯйсафед дӯсте, ёваре, наздике дӯсттару ёвартару наздиктар аз марг надошт. Ва марг ҳам аз ӯ дурӣ меҷуст.

Ӯ аз дунболи фариштаи марг метозид. Фариштa бошад, аз ӯ мегурехт, аз як деҳ ба деҳи дигар, аз як шаҳр ба шаҳри дигар. Яке мегурехту дигаре дунболагирӣ мекард. Рӯзе мӯйсафед хаста шуд, бозистод. Хост ба қафо бозгардад. Чашмони хирааш рӯйи фариштаи маргро диданд. Ба дилаш биму ҳарос омад. Хост бигурезад. Вале пойҳояш қуввати дерина надоштанд.

-Тамоми умр ман аз гурезон будам. Ту тамоми умр маро дастгир кардан мехостӣ. Ҳоло ман аз дунболат

https://bikhon.tj/

омадаам. Вале акнун ту мехоҳӣ, аз ман бигурезӣ. Чаро???

-Зистан мехоҳам. Акнун донистам, ки ҷони гиромӣ ширин будааст.

-Ку бигӯ, дар умри сарат чиҳо дидиву чиҳо кардӣ?

-Дар хурдӣ мехостам, камони ҳафтранг ба даст оварам. Вақте ки пас аз гиряи абри баҳор табассуми офтобро медидам, муштоқона ба чаҳор сӯ нигоҳ мекардам. Пеши назарам тирукамон бо ҳафт ранг ба ҷилва меомаду сабру қарор аз ман мерабуд. Сӯйи камони ҳафтранг роҳ менаваштам, то ки онро ба даст оварам. Ҳар қадар наздикаш мерафтам, ҳамон қадар аз ман дур мешуду дур.

-Оқибат онро ба даст овардӣ ё на?

-На. Ақл ба гӯши дилам гуфт, ки роҳи расидан ба камони ҳафтранг поён надорад. Он замон паси лабам мӯй сабзида буд. Ҳаваси бечоро аз сар бадар кардаму ба духтаре ошиқ шудам. Ба ёди ӯ бомдоди ҷавониямро ба шом овардам.

-Домони висоли он гулчеҳраро ба даст овардӣ ё на?

-На, ҳар қадар аз пасаш мерафтам, ҳамон қадар аз ман мерамид. Рӯзе шунидам, ки шавҳар кардаву рафтааст. Дигар надидамаш. Пасон орзу кардам, ки соҳиби пулу моли зиёде шавам. Ба шуғли тиҷорат даст задам. Остони хонаамро аз зар сохтам. Халқи олам ҳаводорам шуд. Пойи дӯстону ёварону наздикон аз хонаам канда набуд. Рӯзе дидам, ки дар бисотам як тангаи сиёҳе ҳам надорам. Миёни чаҳор девори хушк тани танҳо мондам.

-Дубора сарвату дороиву ҳаводоронатро пайдо кардӣ ё на?

-На. Дидам, ки дар киштаи умрам галаи пирӣ мечарад. Дил аз ҷаҳону ҳарчӣ дар рӯйи ҷаҳон аст, баркандам.

-Ҳоло куҷо мехоҳӣ, биравӣ?

-Сӯйи зиндагӣ.

https://bikhon.tj/

-Эй пир! Аз ту аҷабам меояд. Ту то имрӯз зиндагиро бедилу бевафо мегуфтӣ. Ҳоло мебинам, ки боз дил ба бедил додаиву вафо аз бевафо меҷӯӣ. Ин чӣ гурезест, аз зиндагӣ сӯйи зиндагӣ?!

Эй пир! Зиндагӣ туро дигарбора аз паси рангинкамонҳо, аз паси паризодаҳо, аз паси сарвату дороӣ овора хоҳад кард. Он гоҳ дубора дил аз ҷаҳону ҳарчӣ дар рӯйи ҷаҳон аст, бармеканӣ. Ва дубора аз дунболи ман метозӣ. Ман аз ту мегурезам, аз як деҳ ба деҳи дигар, аз як шаҳр ба шаҳри дигар. Ман аз ту дур мешавам мисли рангинкамонҳо, мерамам мисли паризодаҳо, меравам мисли сарвату дороӣ. Огоҳ бошу ёд бидор, гаҳе ки хаста мешавӣ, аз роҳ бозмемонӣ, дигарбора ба имдодат нахоҳам расид. Аҳди куҳан мебишканӣ, вале бидон: ман на онам, ки дил ба бедил бидиҳаму вафо аз бевафо биҷӯям.

Мӯйсафед ба андеша рафт: Чӣ мешавад, агар роҳи расидан ба марг низ поён надошта бошад? Бегумон, зиндагӣ маро дар сари пирӣ саргардону овора хоҳад кард. Вале ман дӯсте, ёваре, наздике дӯсттару ёвартару наздиктар аз марг надорам…

ОСТОНИ БАЛАНД

-Кори сара нест, агар фарзанд бори миннати падару модар бикашад. Вале худо шоҳид, ту ҳам огоҳ ҳастию медонӣ, ки мо Умедҷонро бо ҳазорон лутфу меҳрубонӣ ба воя расонидем. Гул хӯрду гул пӯшид. Мактабро хатм кард. Ба шаҳр, ба коллеҷ бурдем. Пулро аз ӯ дареғ намедорем. Диламон дар ҳавои орзуе метапад, ки рӯзе мо ҳам тӯй карда, мардумро гувоҳ гирифта, ба писари яккаву ягонаамон арӯс меорему насиб бошад, наберадор мешавем. Бо ин ният духтари Абдуҳамидро таҳи чашм карда будем. Аз афти кор, писарамон орзуву ниятҳои ману туро бо шохҷорӯб мерӯбад, армони мо ношикаста мемонад, занак!

https://bikhon.tj/

Амаки Нодир ба сутӯҳ омада буд. Гап сари он аст, ки Умед дар шаҳр ба Холида ном духтар дил бохтааст. Ин хабарро фаҳмида, падару модар дар аввал хуррамдилу шукуфтахотир шуданд.

-Ҷавонҳои инзамонаро маҷбур кардан ҷаҳди бесуд аст. Ҳоло писару духтар аз роҳи дӯстдорӣ оила барпо мекунанд,-мегуфтанд онҳо.

Чун донистанд, ки қиблагоҳи духтар бизоатманд ва мутакаббир мардест, ба таҳлука афтоданд.

-Занак, қудошаванда одами бою бадавлат будааст. Бечунучаро аз мо тӯйи бодабдаба талаб мекунад,-ғам мехӯрд падар.

-Ман ҳам чӣ гуфтанамро намедонам, додош. Шояд аз рӯйи инсоф рафтор кунанд.

-Ким-дия! Ман табиати одамони сарватмандро хуб медонам. Онҳо ҳамаро бо санги худ баркашидан мехоҳанд. Мабодо, бори тӯй миёнамонро шиканад.

Пешгӯии падар рост баромад. Хостгорон хабар оварданд, ки падари Холида шарти гарон пеш ниҳодааст. Гуфтааст, ки Умед аввал дар шаҳр хонаи ҷудогона бихарад, пасон дар тараддуди тӯй бишавад.

-Охир, фарзанд давлати пирии одам аст. Худо ба мо баъд аз шонздаҳ соли интизорӣ валад ато кардааст. Мо бо умеде писар калон кардаем, ки сарриштаи зиндагиро ба даст гирад, сар шавад, сарвар шавад, соҳиби хонаву дар шавад. Магар равост, ки акнун ҷигарбандамон зан гирифта, дур аз мо зиндагӣ ихтиёр кунад? Ҳоли мо дар охири дам чӣ мешавад, ин дову дастгоҳ баъд аз сари мо ба кӣ мемонад?

Амаки Нодиру холаи Оростамоҳ умед доштанд, ки писарашон бо ҳидояти ақл салоҳи корро меёбад, хулосаи савоб мебарорад. Умед ҳамоно шахсарӣ дошт:

-Ё Холидаро мегирам, ё тамоми умр муҷаррад мегардам!

-Ман аз ӯҳдаи хона харидан намебароям,-оҳи сард кашид падар.

https://bikhon.tj/

-Он гуна тӯй, ки духтардорон мехоҳанд, аз дастамон намеояд,-мулоҳиза меронд модар.

-Ин тавр бошад, ман ба Руссия меравам. Ду-се сол кор карда меоям.

Бар хайли ҷавонаҳо тири жола мезад. Модар зора кард, ки Умед аз азмаш баргардад. Вале дид, ки ҳазор лобаву илтиҷо як тангаи сиёҳ нарх надорад. Мавҷҳои ашки падар низ ба санги дили писар коргар нашуданд. Як тораи мӯйи Холида сурати пул гирифт ва ба воситаи он Умед аз рӯди ашки волидон убур кард.

Инак, Умеду Холида ба толори фурудгоҳ омадаанд, яке бо азми сафар, дигаре ба хотири гусели ӯ. То лаҳзаи парвоз дақиқаҳои башумор мондаанд. Рӯзҳо, ҳафтаҳо, моҳҳои фироқ дар пешанд. Ҷудоӣ аз оне, ки дӯсташ медорӣ, сахт душвор аст, интизорӣ талхтар аз марг. Кӣ медонад, Умед кай бозмегардад, шояд пас аз як сол, шояд пас аз ду сол.

-Маро интизор мешавӣ, Холида?

-Албатта! Вале ман аз худи ту хавотир ҳастам.

-Чаро?

-Метарсам, ки ту дар Руссия бо ягон Наташа ё ки Света шинос мешавию маро фаромӯш месозӣ.

-Ин тавр нагӯ, азизакам. Дили ман бозича нест. Ишқу умеди ман туӣ, Холида! Ту ҳам худатро эҳтиёт кун! Ҳоло дар шаҳр гургҳо бисёр шудаанд.

-Дилпур бош! Ҳатто шер ҷуръати ба ман наздик омадан надорад. Охир, ман духтари ноздонаи падару модар ҳастам.

Умед бо Холида хайрухуш карда, зуд рӯяшро ба тарафе гардонд, то ки дилбараш ашки варо набинад. Ва фаро расид лаҳзае, ки Умед аз осмон ба рӯйи замин менигарист, аз тирезаи ҳавопаймо, бо дили кашол, бо нигоҳи пурумед…

Холида сари роҳ мошинро интизорӣ мекашид. Сабукраве назди ӯ қарор гирифт.

-Ба куҷо равонаед, духтари зебо?

https://bikhon.tj/

Духтар номи кӯчаашонро гуфта ба курсии мошин нишаст. Мерседес гӯё завраке буду шино мекард…

«Гургҳои шаҳр гуфта, ҳамин тоифа ҷавононро дар назар дорад Умед. Онҳо мошин доранд, пул доранд. Духтарҳои зеборо дар роҳҳо дида, ба мошин даъват мекунанд. Бечораҳоро бо ҳазор фанду фиреб афсун карда, ба гӯшаҳои хилват ё берун аз шаҳр мебаранд. Он тарафаш маълум. Мошин барои ин турфа ҳама чиз аст. Дигар чизе дар ақлашон намеғунҷад.»

Холида дигарбора ба қиёфаи ҷавон нигарист. Ронанда сару сурати зебое дошт. «Нигоҳаш беҷо барин. Гурги борондида метобад. Аз ӯ ҳар номаъқулиро интизор шудан мумкин…»

Таҳи дил бо ҷавон мунозара мекард: «Медонам, ки сарат ин лаҳза ҳазорхонаи гумонҳои бад аст. Ба пиндорат, ман аз он лӯхтакҳое ҳастам, ки худро бозичаи нафси ту барин эркатулфорҳои мошинсавор кардаанд. Беибо ба мошинат савор шудам. Ту яқин дорӣ, ки масъала ҳал аст. Яъне ба ҳар хоҳиши ту розӣ ҳастаму нею нестонро намедонам. Хобатро ба об гӯй, хаёлатро ба бод, бодича!»

Чарҳҳо роҳро газиданд. Мошин таққӣ бозистод. Ронанда ба рӯйи духтар нигоҳ мекард.

-Чаро ба ман ин хел нигоҳ мекунед?-сари афканда пурсид духтар.

-Гуфтан мехоҳам, ки Шумо ба манзил расидед.

Холида ба берун нигарист. Кӯчаи худашон. Ронанда роҳкиро талаб дошт. Духтар сумкачаашро рӯйи зонувон нигоҳ дошта, дохили он даст бурд. Доманаш қадре боло ғеҷид, ронҳои тарангу барфгунаш аз чашми ҷавон пинҳон намонд.

-Оҳ, ман ҳамёнамро гум кардаам. Чӣ маслиҳат мекунем?-ба рӯйи ҷавон дақиқ шуд.

-Боке нест, духтари зебо! Пул надошта бошед, раҳмат гӯед, басанда аст.

Холида раҳмат гуфт, аз мошин фаромад.

https://bikhon.tj/

-Ту мард набудаӣ, ҳези ношуд! Ман туро гург гумон мекардам, афсӯс, ки гӯсфанд будаӣ!

Худ мегуфту худ мешунид. Мошин аз назараш нопадид шуда буд.

БАҲОИ ИШҚ

Аҳли деҳаи Пистазорро ғами ҷон не, ғами нон не, ғами номус дар дил аст. Гурӯҳҳои силоҳдор ба деҳаи онҳо гоҳ шабохун, гоҳ рӯзохун мезананд. Мардуми бечораро ғорат мекунанд, охирин дороиву молу сомони рӯзгори ононро мерабоянд. Аз рӯйи овозаҳо, силоҳдорон якчанд духтари зеборо бо худ бурдаанд. Касе ҷилави онҳоро гирифта наметавонад. Охир, замон замони ҷанг аст, замони ҳарина, замони зимомдории тӯдаи нокас, замони салтанати аз таҳи дор гурехтаҳо. Нисфи осмони Тоҷикистонро дуди оташи ҷанг фаро гирифта, рӯзи мардум тира шуда. Арзу додатро ба кӣ мегӯӣ? Гӯши фалак кар аст.

Дар чунин шабу рӯз амаки Шераливу холаи Марворид андешаи тӯй доранд. Духтари онҳо Назокат ҳаждаҳро пур кардааст. Хостгорӣ ва русуми дигари суннатӣ ба ҷой омадааст. Домодшаванда ҷавони арзандаву зебанда, кордону қобилу дидадаро. Пирони деҳа ҷони одам мегӯянд ӯро. Дигар чӣ ҳоҷати истихора? Назокатро зудтар бо номи некаш ба шавҳар мебояд дод. Мабод он рӯз, ки нигоҳи олудае ба рухсораи Назокат дӯхта шавад, мабод он рӯз, ки жолаи бадномӣ ба сари духтари ноздонаи онҳо фурӯ резад! Мабод он рӯз! Боз ин духтар чунон хушрӯй аст, чунон хушгил аст, ки… Падару модар аз ояндаи вай тарсу бим доранд. Пероя анбоштанду ҷиҳози арӯсӣ андӯхтанд.

Вале рӯзи тӯйи арӯсии Маҷнуну Назокат дар миёнаи ҳавлӣ Тайсон пайдо шуд.

-Назокат куҷост? Вайро ба пеши ман биёред! Зудтар! Агар не, ҳамаатонро аз дами тир мегузаронам!

https://bikhon.tj/

Аввал туро мепарронам!-мили автоматро ба сари синаи падари Назокат расонид. –Аз ман чӣ меравад? Як дона тир! Гапамро шунидӣ, пиракӣ?!

Ҳамроҳонаш девонавор ба дару девор тир мезаданд.

-Назокат куҷост, мегӯям!-бонги Тайсон монанди тундар ба пардаи гӯшҳо захма мезад.

Бо Тайсон баҳс кардан мумкин нест. Ӯ ҷавонони зиёдеро ҷамъ оварда, дастаи ҷарроре созмон додааст. Худаш командири онҳост. Ҷое, ки суханаш қурб пайдо накунад, тиру туфангро ба кор меандозад.

Назокат гирудори рӯйи ҳавлиро аз тирезаи хона назора мекард. Падару модар, бародару хоҳаронаш рӯбарӯйи аждаҳои марг музтарибу ҳайрон, зору нотавон мондаанд. Ӯ дигар тобу тоқат надорад. Бо дидагони ашкбор аз остонаи дар берун шуд.

-Назокат манам! Чӣ мегӯӣ?!

Тайсони ноҷавонмард гуларӯсакро ҳамроҳаш бурд. Сурури базм ба поён расид, навбати тарона гузашт. Гӯши фалак нолаву фарёди аҳли хонадон ва меҳмононро намешунид.

Баъди як моҳ хабаре дар деҳаи Пистазор барқвор паҳн шуд: Маҷнун автомат гирифтааст.

-Маҷнун автомат гирифтааст?- онҳое, ки ҳанӯз дар деҳа мондагор буданд, аз ҳамдигар мепурсиданду баробари тасдиқи дил гиребони ҳайрат медоштанд:

-Охир, Маҷнун девона аст, ҳова, девонаи ҳақиқӣ аст Маҷнун! Назокатро дӯст медошт. Бечора сӯхт, обу адо шуд, аз ақл бегона гардид. Акнун ӯ бо силоҳ чӣ мекарда бошад?

Вале Маҷнун зоҳиран орому бепарво буд. Ба дастаи Тайсон пайваст. Ин хабар ба дилу рӯҳи мардум аз воҳимаи шабохуну рӯзохунҳо камтар асар надошт.

-Оҳ, магар ҳамин Тайсон Маҷнунро ба ҳолати девонагӣ нарасонида буд? Оқибати кораш чӣ мешуда бошад?

https://bikhon.tj/

Маҷнун… Ин лақабро дӯстонаш ба ӯ додаанд. Дар асл номаш Наҷмиддин аст. Аз рӯзе, ки ҳисси дӯстдории варо нисбат ба Назокат шинохтанд, Маҷнун хитобаш мекунанд. Оҳиста-оҳиста бо ҳамин унвон дар байни ҳамдеҳагон афсона шуд.

Маҷнун гоҳ-гоҳе аз автомат тир мекушояд, вале ба сӯйи одамон не, ба тарафи осмон. Ҳол он ки дигар ҷавонони даста аз куштори одамони бегуноҳ ибо надоранд. Бадеҳист, ки Маҷнун низ бояд бо онҳо ҳамдаст бошад. Вале вай истиҳола мекунад. Тайсон ҳам чизе намегӯядаш.

Ҷавон нияте дар таҳи дил ниҳон дорад: нияташ ин аст, ки Назокатро бидуздад. Мавриди муносиберо интизорӣ мекашад, мехоҳад аввал бо маҳбубааш маслиҳатро пазонад, сипас ҳарду якҷоя гурезанд. Нақша мекашад, тарҳ меандешад, пайт мепояд. Вале Тайсон Назокатро як лаҳза аз бари худ дур намекунад.

Ана, имрӯз аҳли даста дар болои сабзазор гилему кӯрпача густурда, кабоб мехӯранд. Тайсон аз шиша шароб мерезад, нам-нам ҷомро ба сар мекашад. Якеи ҷавонҳо аз пиёла ба коми ҷавонзане, ки дар сари зонуяш нишастааст, шароб мерезад, сипас лабҳои худро ба лабҳои он зан фушурда, шаробро бозмекашад. Пайкари Маҷнун аз шиддати қаҳру ғазаб такон мехӯрад. Бори чандум аст, ки ҳамроҳон ба Маҷнун арақ дароз мекунанд, бори чандум аст, ки ӯ дасти онҳоро рад мекунад.

Гуларӯсак сар боло кард. Тайсон чашмонаш нимпӯш, каҷпаҳлӯ задааст. Ҷавонзан нигоҳи Маҷнунро дарёб карда, ба ӯ чашмакӣ зад.

Дарёи дили ҷавон ба ҷӯш омад: «Оҳ, Назокат! Сарам ба осмон расид! Охир, ту медонистай, ки ишқи ту, дидори ту, висоли ту волотарин хостаҳои мананд. Ман бошам, хаёл доштам, ки аз ин ҳама сӯхтанҳоям хотират фориғ аст. Ташаккур, Назокат! Ба ошиқу

https://bikhon.tj/

толибат буданам бовар кардӣ. Аз хушбахтиҳо маро ҳамин бас аст.»

Ба назари Маҷнун чунин менамуд, ки олиҳаи муҳаббаташ ба ӯ илтиҷоомез менигарад, «маро аз чанголи ин дев озод кун» мегӯяд.

Тайсон чашм кушод:

-Бачаҳо, ман то лаби дарё рафта меоям. Шумо ҳамин ҷо бошед.

Ва ба Назокат рӯй овард:

-Рафтем!

Ҷавонзан итоаткорона аз ҷой хест. Маҷнун гирифтори ришгаи хаёлот буд: «Тайсон барои чӣ мубориза мебарад, ба чӣ хотир талош дорад? Аз висоли Назокат болотар чӣ талабу хоҳише буда метавонад? Пул? Мошин? Мансаб? Не, ҳеҷ кадоми инҳо ба як тораи мӯйи Назокат намеарзад! Ин маъниро танҳо ман мефаҳмам. Тайсон аз ишқ бехабар аст. Ӯ дар аввал Бахтиёр буд, азбаски чӣ будани бахту саодатро намедонад, Тайсон шудааст. Садқаи Назокат шавӣ, садқаи ном шавӣ ту!»

Ҳамроҳон ғанаб карданд. Маҷнун оҳиста аз ҷой бархост. Ба ҷонибе, ки Тайсону Назокат рафта буданд, қадам партофт. Автоматро дар қабза мефушурд, дилаш гурс-гурс мезад. Ана, онҳоро дар канори дарё мебинад. Паси буттаҳо шинак гирифт. Дастонаш меларзанд.

-Худоё, ман дар умри сарам гунҷишкеро ҳам накуштаам. Вале ин лаҳза мехоҳам, ба дили сангини Тайсон тир занам. Ҳа, ӯро куштан гуноҳе нест. Ин ноҷавонмард қасри бахти маро вожгун кард. Ҳоло хуни мардуми бегуноҳро мерезад. Агар ӯ кушта шавад, хас каму ҷаҳон пок. Оҳ, ман метарсам. Яке тирам хато равад. Яке тирам ба Назокат расад. Он гоҳ рӯям сиёҳ мешавад!

Ногаҳон фарёди Назокат баланд гардид. Маҷнун аз паси буттаҳо баромада ба соҳили дарё давид. Тайсон дар ҳоли сархушӣ ба об афтодааст. Дасту пой мезанад.

https://bikhon.tj/

Маҷнун фаромӯш кард, ки қасдаш чӣ буд. Насиҳати бобояш Қамариддин ба ёдаш расид:

-Агар тавонӣ, ба душманат ҳам некӣ кун!

Вақти андеша кардан нест. Маҷнун бояд ёрӣ диҳад. Зеро дар чунин рӯҳия тарбияаш кардаанд. Худро ба об ҳаво дод. Бо дусад ранҷу машаққат Тайсонро аз об берун овард. Тайсон пас аз фурсате чашм кушод. Чанд лаҳза ҳар се хомӯш буданд.

-Ту маро аз чанголи марг халос кардӣ! -канда-канда сухан мегуфт Тайсон. –Акнун гап зан. Ба ивази хидматат аз ман чӣ мехоҳӣ? Пул ё мошин? Ё ҳарду? Гап зан! Шарм надор!

-Бахтиёр, ба ман чизе даркор нест. Мансаб ҳам намехоҳам. Ин чизҳо ба ту даркор. Сарвату дороиву мансаб барои ман Назокат аст! Ман Назокатро дӯст медорам. Ӯро ба ман деҳ!

-Чӣ гуфтӣ? Назокатро мехоҳӣ?

Тайсон чанг зада автоматро гирифт:

-Ана!

Садои тир баланд шуд. Гуларӯсак «воҳ!»-гӯён сари синаашро дошта, ба замин афтод.

-Ана, барои ту Назокат! Бигир!

Маҷнун ҳушашро бохт. Парӯ ғалтид. Замоне ба худ омад. Тайсон рафтааст. Ҷавонзан оғуштаи хун. Ӯро ба канор кашид. Ҷисми Назокат сард буд…

ҲАМСОЯ

Бозоралӣ ҳамеша дар симои ҳамсоя рақиби ашаддии худро медиду бо ӯ сабқат мечуст. Агар мазрааи ҳамсоя сабз шавад, ғамгин мешуду агар пуфаки писари ҳамсоя кафад-хурсанд. Ҳамсоя дар ҳавлияш танӯри нав шинонд, фардои он рӯз Бозоралӣ сето танӯр овард. Ҳамсоя ба ифтихори зодрӯзаш зиёфат орост, Бозоралӣ тӯй карда, муғаннии машҳури давру

https://bikhon.tj/

замонро киро кард. Ҳамсоя Жигули харид, Бозоралӣ Лимузин.

Хонимгул назди бистари шавҳараш нишаста, бо алам меандешид: «Эй кош, тухмҳои ҳамсоя палағда мешуданд! Эй кош, мурғи ҳамсоя курк намешуду чӯча намебароварда!»

Зан сабаби бемории шавҳарашро нек медонист: «Як моҳ пеш мокиёни ҳамсоя курк шуда, шаш дона чӯча бароварда. Додои Сабза таҳи шиками мурғамон бист дона тухм гузошта, мунтазир буданд, ки чӯча мебарояд. Се ҳафта гузашт, интизорӣ натича набахшид: тухмҳо палағда шуданд.»

Инро дида, Бозоралӣ якбора бемор шуд, аз пой афтод. Пайи муоина духтур омад, нативонист дардашро ташхис бидиҳад, пешонӣ чин карда, китф дарҳам кашид. Ба ҳар ҳол маслиҳатҳо дод, табобат фармуд. Доруҳои табшикан ва давоҳои гуногун суде набахшида истодааст.

Ҷисми Бозоралӣ дар оташи таб месӯзад. Баъзан ҳушёр мешавад, бештар мадҳуш мехобаду ҳазён мегӯяд. Иштиҳо надорад, бо пахта ба ҳалқаш об мечаконанд.

Лаби бемор аранге ҷунбид. Хонимгул хам шуда, гӯшашро наздик бурд. Аз мунгаи шавҳараш маънӣ бардошт, ки ҳамсояро суроғ дорад.

-Ҳамсоя бемори сахт аст. Ӯро ба бемористон бурданд. Духтурон гуфтаанд, ки умеди шифояш нест.

Бозоралӣ чашм кушод:

-Чӣ гуфтӣ, занак?

Хонимгул гуфтаҳояшро такрор кард. Даври лабони шавҳараш табассуме нақш баст. Фурҷае пас нимхез шуд, хӯрок талаб кард. Як коса атола оварданд, лабонаш инҷ шуд.

-Кай дидӣ, ки ман атола хӯрда бошам? Хомшӯрбо биёр, хомшӯрбо!

https://bikhon.tj/

Зану духтараш шодона сӯйи ошхона давиданд. Яке пиёзу картошка пӯст меканд, дигаре гӯшт пора мекард. Нисфирӯзӣ Бозоралӣ чаҳорзону нишаста, ба шоҳкоса нон тарид мекарду аз дил мегузаронид: «Хайрият, ҳамсоя ҳам бемор мешудааст. Гумон доштам, ки ҳама дарду ғами олам танҳо насиби ман аст…»

-Дору мехӯред, додо?-пурсид Сабза.

-Не. Даркор нест. Доруро одами касал мехӯрад. Ман ҳама ҷоям сиҳат!

Хонимгул ба чеҳраи шавҳараш менигаристу шодмон буд: «Ба рӯяшон хун давидааст.»

Ин дам аз пушти дар садои сулфае омад. Ба хона марди ҳамсоя ворид шуд. Зери каш тарбузи калоне дошт.

-Ассалому алейкум, ҳамсоя. Ман ду-се рӯз дар шаҳр будам. Як рафиқам тӯй дошт, он ҷо ёрмандӣ кардам. Навакак ба хона омадам. Хабари нотобиатонро шунида, гуфтам, ки аввал Шуморо аёдат кунам. Аҳволат нағз аст, саломату бардам…

Солҳо гузаштанд. Кампири Хонимгул ҳар гоҳе, ки аз шавҳараш ёдовар шавад, ба набераҳояш мегӯяд:

-Агар он рӯз ҳамсоя аз шаҳр барнамегашт, шояд бобоятон шифо меёфт, аҷаб не, умри дарозе медид…

4 августи соли 2004.

НАКҲАТИ ШИРИ МОҲ

Онҳо дар истгоҳ вохӯрданд. Ҷавон дастагуле дар даст дошт. Духтар баҳороғӯш буд. Забони ҷавон ба гуфтор омад:

-Имшаб то саҳар нахуфтам, бо ёди ту будам. Донистам, ки худро ба хоб водор карданам кӯшиши бесуд аст, аз рахт бархостам.

Шабона ба сайри боғ омадам ва дидам, ки гулҳо дар шири моҳ шустушӯ доранд. Дастам ба сӯйи садбаргҳои сурху сафед ёзид ва ангуштонам неши

https://bikhon.tj/

хорҳоро надиданд. Гӯши ман фиғони гулҳоро нашунид. Дастагуле омода кардам, дастагуле, ки аз баргҳояш қатраҳои шири моҳ мечакад.

Гуфтам, ки фардо ин дастагул дар гулдони хонаи ту маъво хоҳад гирифт, аз он баландӣ, аз ошёнаи ҳаштум офтобро марҳабо хоҳад гуфт. Ту аз ин гулҳо накҳати шири моҳро хоҳӣ шамид…

Сояҳо пир шуданд. Кӯчаҳо холӣ. Дастагуле, ки умед дошт, аз баландӣ, аз ошёнаи ҳаштум офтобро пешвоз хоҳад гирифт, рӯйи замин мехобид. Балки ин дастагуле буд, ки ҷавоневу дӯшизае рӯйи гӯри як рӯзи умр гузоштаанд, рӯзе, ки бо ошиқӣ ба сар омад. Аз баргҳо қатраҳои шири моҳ мечакиданд.

ХИҶОЛАТ

Маснавӣ қуттичаро кушоду дами ҳозирон дарун зад. Рӯйи кафи ӯ чочаки резинӣ меистод. Касе аз ҳозирон маънидорона сулфид. Аслам бари ҷомаи Комилро кашид. Изтироби ҳозирон аз дидани чочаки резинӣ буд. Намедонистанд, чӣ гуна аз ин вазъи ногувор аввал Маснавиро, сонӣ худро раҳо созанд. Комил чакраҳои хайи сардеро дар пешонии худ эҳсос кард. Не, ӯ ин хел шуданашро чашмдор набуд. Ба ин пайомад худро гунаҳкор медонист. Охир ин бозиро ӯ фикр карда баромад.

Аз рӯзе, ки мактаби миёнаро хатм карданд, понздаҳ бор турнаҳо аз шимол ба ҷанубу аз ҷануб ба шимол пар кушоданд. Бо садои занги охир риштаи пайванд гусасту ҳамсинфон ба сони муҳраҳои шадда пароканда гардиданд. Дигар онҳоро дар як ҷой ҷамъ кардан мушкил афтод. Оқибат Комил фикр кард, бо баҳонаи понздаҳумин солгарди фароварди дабистон ҳамсинфон як ҷо баҳам оянд. Имрӯз, ки ҷамъ омадаанд, боз ҳам ду тан ҳамроҳи онҳо нестанд. Яке Ҷамила, ки бар асари беморӣ ду сол муқаддам дида аз тамошои ҷаҳон

https://bikhon.tj/

барбаст. Дигаре Мансур, ки дипломи табибӣ дораду алъон дар Муғулистон мардикор аст, булдозер меронад.

Иқбол бо забони англисӣ ҳамаи ҳамсинфонро марҳабо гуфт. Ӯ тарҷумон аст.

Комил, ки ташкили бозиро бар зимма дошт, пешакӣ барои ҷаззобу рангин гузаштани он андеша карда, тарҳ мекашид. Ниҳоят, ӯ барои ҳамсинфон яктоӣ туҳфа омода кард. Туҳфаҳоро дар қуттичаҳои якхела гузошта, ба назди онҳо овард. Ҳамсинфон бояд бо дасти таваккал як қуттичаро бигиранд ва аз рӯйи навбат онро бикушояд. Кушодан баробар ба туҳфа нигоҳ карда, як сухани ҳазломез бигӯянд, ҳамаро хандонанд. Ин бозӣ ба ҳама хуш омад, вале…

Маснавӣ дар синни ҳаждаҳсолагӣ шавҳар кардаву акнун солҳои дарозест, орзуи модар шудан мекунад. Ҳама ҳамсинфон соҳиби фарзанд ҳастанд, баъзе писартӯй карданд.

Соати деворӣ зангӯла мезад. Чароғаки дастгоҳи наворгирӣ медурахшид. Дар чашмони Маснавӣ қатраҳои ашк меларзиданд.

ГУДОЗ

-Тани гарм бедард намешавад. Вале ин мардум ба дарди ман бовар надоранд. Мегӯям, ки тамоми аъзоям дард мекунад, банд-банди устухонҳоям месӯзад, тавони покашӣ надорам, онҳо дурӯғ мепиндоранд. Ҳа, ҳамааш айби худам. Тамоми умр дурӯғ мегуфтам, мардумро фиреб доданӣ мешудам. Ана, имрӯз меваи боғамро мечашам, ба сухани ман касе бовар надорад. Агар фардо мурда монам, ба мурданам ҳам бовар нахоҳанд кард. Войи ҷони сусту фулустаме…

Бо азобе аз ҷой хест. Ба назараш, девори хона сухан мегуфт. Болору вассаҳо гап мезаданд, ӯро мазаммат мекарданд: «Ту дурӯғгӯй!»

https://bikhon.tj/

-Эй вой, ин чӣ рӯзе аст!

Аз дарвоза бадар рафт, ҷамъе ҳамсоягонро канори роҳ дид. Таҳи дил ният кард: «Ҳоло, ки забони гӯё дорам, бояд ба гуноҳам иқрор шавам, аз дурӯғ тавба кунам, асари ранҷу озорро аз дили мардум барорам.»

Гуфт:

- Ман дурӯғгӯй ҳастам, тамоми умр ба Шумо дурӯғ мегуфтам…

Суханаш нотамом монд. Мардум эътиное надоштанд. Ин бор ҳам ба ӯ бовар накарданд.

https://bikhon.tj/

ХӮШАҲОИ ПАРЕШОН.

РАМУЗ

Байни ришташои мӯйи шабранги хеш тораи сафеде дидам. Тори дилам ларз хӯрду навои ҳазину ҳасратомезе баровард:

-Новақт пайдо шудаӣ…

Рӯзҳо мегузаштанд. Сафедриштаи мӯй байни дигар тораҳои сиёҳ гоҳ аёну гоҳе ниҳон мешуд. Ман рамузи онро фаҳмидам. Кунун мегӯям:

-Аё мӯйи сафед, ту ҳастӣ, ки инсонро сари кардаву нокарда, суду зиён ба андеша мебарӣ.

Пас хуб астию зебо!

АФСӮС

Нафареро ба хотир оварданӣ шуда, ғарқи фикр гардам, бархе корамро осон карданӣ мешаванд:

-Бигӯй, ки либосаш чӣ гуна?

Ба ҷойи ҷавоб мегӯям:

-Худи инсон дар хотирҳо нақш набандад, либоси ӯ чӣ тавонад кардан?!

ШАБОҲАТ

Ба оби мусаффои пиёла хок даромехтам. Об ранги лойолуде гирифт. Лаҳзае сукут варзидам. Хок таҳнишин ва об аз нав соф шуд. Ба худ гуфтам: ҳақиқату ростӣ низ шабеҳи оби мусаффост, ки гоҳ-гоҳ тира тобад ҳам, ҳеч вақте аз дидаҳо ниҳон намонад.

https://bikhon.tj/

САНГ

Сангро аз ҷой ҷунбонида натавонистанд, гарон омад. Батадбире дар байн ҳозир буд, маслиҳат дод, ки даври он оташ афрӯзанд. Ин кор карданд. Чун гулхан дам фурӯ баст ва санг сард шуд, боз ҳамчунон бинмуданд, то ҷое ки аъзои санг зудшикану чарс шуд. Пора-порааш сохтанду барканор бурданд, то пойдевори иморате бисозанд.

Дӯстии сангин низ, агар чунин гарміву сардиҳо пеш оянд, дар ғояти бедоштӣ ба расидани ангуште тоб наёварад. Ва аммо пас барои афрохтани бинои обод ба кор наояд.

ДАРД

Чандин тадбиру даво пазируфт, лек дандони дардмандаш офият наёфт. Дар охир таҳаммулкосааш саршор бишуд, назди пизишк омад ва он дандон биканд. Ғаши дилаш ба хоҳише иваз гашт, ки варо гард-гард намояд. Болои санге ниҳода, фасонпорае бардошт. Зарбае фурӯ нишаст ва садои бишкастани дандон баромад, ки мегуфт:

-Соҳибо, якумр дар даҳонат будаму бо ман луқма мехоидӣ, писта ву донак мешикастӣ. Он ҳама фаромӯш кардӣ, ки дучори ин ҳолам созӣ?!

САРГУЗАШТИ МАВҶЕ

Мавҷи ситезакор бо ғалаёну такопӯй ба пеш ҷорӣ мешуд. Ҳай тозиду ҳай тозид, яке шуълаи шавқаш тез гардид:

-Ку, назар андохта, бубинам, ки роҳи пайсипар намудаам ба чӣ миқдор баробарӣ дорад?

https://bikhon.tj/

Аз равиш пой печида, ба пас, ҷониби дерин рӯй гардонид. Дид, ки чашмасорони дарёсоз нопадид мондаанд.

_Ваҳ!-нидо раҳо дод ва пас вирди забонаш кард:

-Манзалате ёфтаам, ки дирӯз қуллаи орзу метофт. Пас ман тавоноям!

Ба гумбуриш омад. Дар як лаҳза бодаи ғуруру худписандияш дамида, варо ба ҳадде овард, ки сарчарх зада, гирдоб бишуд ва ба нагунӣ расид.

ОҲАНГИ ИШҚ

Оҳанги рӯҳнавозу дилбари танбӯр якзайл хатти мавҷи ҳаворо мепаймуд. Наво ба ранги нозанине аз паси парда рух менамуд. Ва ҳамчун маҳбус аз торҳое, ки занҷири пояш бошанд, раҳо шуда, ба олами дилҳо ҷода мечуст. Чун навозиш қатъ ёфт, ҳамагони сомеъ машшокро аҳсану офарин фиристоданд. Ва чӯби хушке, ки дар каноре то ин дам хомӯшу беҳаракат нозир буд, аз ҳасаду алами зӯр пайи таънаи танбӯр шишаи сукунатро санг зад:

-Ин ҳама аз тиҳидарунию бемағзӣ садо дорӣ!

-На!-ба посух лаб кушуд танбӯр.-Иштибоҳ мекунӣ. Мо бедил астем. Нолиданамон ҳам аз ишқ бошад. Ту, ки эҳсоси хушкидае дорӣ, аз кайфияти ҳоли мафтуни зиндагӣ будан вуқуфат нест.

ОҚИБАТ

Эҳсос мекардам, ки меҳру садоқати бепоёне дорӣ. Ва гӯё ҳамаи инро намедонистам. Инро медидиву дарун-дарун месӯхтӣ, вале шикваву эътироз намекардӣ.

Кунун дар чорсӯй танҳоям. Қадрат аёнам гашт. Бе ту гӯё ба решаам теша расид, ба ҳезуми тар бадал гаштам. Ҳоло месӯзаму месӯзам.

https://bikhon.tj/

ХАНДАИ ОФТОБ

Меҳри равшани оламфурӯз теғи шарорарези нигоҳ ба сари гули вартоқ кашид. Офтобпараст мижагон набасту ононро сипар насохт, балки ба хуршед нигарист, лаззати дидор бурд. Офтоб ҳам охир рози дили ӯро фаҳмид, мамнун бишуд, завқид ва хандид.

Оре, хушбахт аст гули вартоқ, ки ба хотири дидани як хандаи Офтобаш умр ба сар мебарад, ҳарчанд кӯтоҳумр асту кӯтоҳдаст!

ДИЛКАШОЛ

Омадӣ? Най, ки аламҳоям тоза мешаванд!

Замоне ошиқат будам. Валек умедамро зери пой мекардӣ, номаҳоямро месӯхтӣ. Ҳайф мехӯрдам, ки гулдастаҳоямро хор медорӣ. Ва боз меболидам, ки ту худ беҳтарини гулҳоӣ. Оқибат батамом рафтӣ. Дигар надидамат…

Имрӯз дил ба шӯр омада, мегӯяд:

-Наё, ки захмҳоямро хоҳӣ харошид.

Аз шафатам гузар кардӣ. Ҳарфе нагуфта. Оё меравӣ? Магар ба суханонам боварат омад? Охир ин ҳама барои тасаллои дили дардманди хеш гуфтам. Туро ҳаме дӯстдорам!

МАНМАНӢ

Ба шароби ғурур лаб тар карда, Сабзӣ наздики Биринҷ духули манманӣ навозид:

-Эй бехабар, ҳеч медонӣ, ки агар ман набошам, ту ним ҷав қадр надорӣ ва мардум дар суру маъракаҳо палав намепазанд?

Биринҷ хатти лаб нашикаст. Тан ба сояи тавозӯъ кашида, бо тадриҷ камтобу камёб шуд. Дар бозор нархи Биринҷ хеле барозиду баҳои Сабзӣ ба пастӣ зад.

https://bikhon.tj/

ҚАТРАҲОИ АШКИ ҒАМСӮЗ

Бевафоии дунё нусхаи бевафоии дилҳост.

* * *

-Ду бо ду зам шавад, чанд аст?
-Намегӯям.
-Чаро?
-Аз ҳақгӯӣ метарсам.

* * *

-Ба ман бигӯ, ки замину осмонҳо ва ҳар чӣ дар байни онҳост, бе ҳастии инсон магар маъное доранд?

-Турфа саволе… Имрӯз инсон дар рӯйи замин бе вуҷуди пул маъное надорад.

* * *

Ҳар рӯзи зиндагӣ як умри дигарест. Агар чунин намебуд, субҳ бароямон хоби ширини тифлӣ намеоварду шом эҳсоси пирӣ намебахшид.

* * *

Ғами ту ғами мост, эй оне, ки ғами мо ғами ту нест.

* * *

Ғам мехӯрам, то шод бошӣ.

* * *

Моро ғамгин диданду шод шуданд. Надиданд, ки барои онҳо, ба ҷойи онҳо ғам хӯрдаем.

* * *

Нимаи умр бо хоб мегузарад. Азбаски хобро бо марг баробар донистаанд, танҳо нимаи умр зиндагӣ будааст.

* * *

Яке зиндагиро дӯст медорад, дигаре зишт меангорад. Ҷавоне сари сабзро ҳаволаи ҳалқаи дор мекунаду пире дар остони марг низ умри бардавом мехоҳад. Зиндагӣ Лайлост, вале на ҳар кас Маҷнун шуда метавонад.

https://bikhon.tj/

* * *

Барг меларзад, то бидонанд, ки ӯ зинда аст.

* * *

Нурборон нақши сояҳоро аз рӯйи замин мешӯяд. Ҳатто сояи давлату сарват поянда нест.

* * *

Фарзанди касон хотири фарзандӣ надорад, вале хари касон ҳам бори шуморо мебарад.

* * *

Шаттаро ғалбер мехӯрад, кулчаро носер.

* * *

Марг меояд, то инсонро хабардор созад, ки умраш рафтааст.

* * *

Ҳар яки мо дар рӯзи охирини умри худ зиндагӣ дорем.

* * *

Зиндагӣ бевафо нест, бевафо моем, ки аз бари ӯ меравем.

* * *

Марг бо ҳамаву марг танҳои танҳост. Марг аз мост, марг аз мо нест. Ҳар қадар одамонро мерабояд, боз ёваре надорад.

* * *

Хомӯшӣ зар аст, вале гоҳо фарёд задан мебояд, то ки кони зарамонро аз мо нарабоянд.

* * *

Хомӯшак ҳам овое дорад.

* * *

Санг ҳамон санг аст, агарчӣ варо дар гурда ҷой диҳанд.

* * *

Чандон ки аз марг дурӣ меҷӯянд, ҳамон андоза наздиктараш мераванд.

https://bikhon.tj/

* * *

-Аз марг гурехт.
-То куҷо?
-То лаби гӯр!

* * *

Дӯсти суратгарам! Чашми ҳар инсон оинаи ҷаҳони ӯст, осмону хуршеду моҳу ситорагони дигаре дорад. Чашми ҳар инсон ҷилвагоҳи эҳсосоти ӯ ва китоби розҳост. Аммо ту мегӯӣ, ки тасвири чеҳраҳо бароят осон аст.

* * *

Ҳамагон гӯянд, ки аз гандум гандум бирӯяд ва аз ҷав ҷав. Гӯё касе боре надидаву нашунида, ки инсоне ба ивази гул коштанҳо аз чамани даҳр хор барчинад.

* * *

Имрӯз агар моро намебинанд, фардо хоҳанд дид. Чашм ба соат вақти зарурат менигарад.

* * *

Дар талаби чашмаи оби зиндагӣ Зулқарнайн рӯ ба кишвари зулмат ниҳод. Валек торикистони ҳақиқӣ ҷаҳолати одамизод асту дар он чашмаҳои заҳр меҷӯшанд.

* * *

Ҳазрати Айюб алайҳи-с-салом аз Худованд ба худ бало хост, то сабр варзад ва савоби собирон дарёбад. Солиён аз кирму ҷароҳатҳои токатшикан озурда буд, вале ҳарфи шукрона бар забон дошт. Имрӯз чӣ зиндагиву чӣ бандагист, ки тӯдае дилҳояшонро ғизои кирмони ҳасаду бухлу кина кардаанд.

* * *

Турфа дунёгирҳое, ки танҳомиранд.

* * *

Ҳар зиндае миранда аст, вале зиндагӣ мирандагӣ нест.

https://bikhon.tj/

* * *

Нокасон бо оҳанге ман мегӯянд, ки пиндорӣ, онҳо ҳам касе бошанд.

* * *

Ҳар савора охир пиёда хоҳад шуд.

* * *

Сӯхтан сифати оташ, сарфарозӣ насиби дуд аст.

* * *

Наберагон бо бобои номдори хеш ифтихор мекунанд, бо худи онҳо кӣ хоҳад нозид, намеандешанд.

* * *

Гоҳо шахсеро, ки арзанда нест, ба бузургворе ташбеҳ дода, бехабар он бузургворро ба мақоми ин шахс паст мефарорем, ки нобахшиданист.

* * *

Дар сиришти ҳар кас қуввахои ҳайратангезе ниҳонанд. Оне, ки чунин нубӯғу нерӯро дар ниҳоди хеш кашф созад, тавоноӣ ёбад. Вагарна бечора хоҳад шуд.

* * *

Ҳар чӣ ҳаст, ҳақиқат аст ва муносибати ҳақнигорона мехоҳад. Мегӯянд, ки ҳаётро нашояд хобу хаёле пиндошт. Чаро намегӯянд, ки хобу хаёл ҳам заминианд, як пораи ҳаётанд?

* * *

Бовар ва шубҳа мизони шинохтанро дуруст мекунанд. Ҳама вақт аз ин ду якеро баргузида, кас шод ё ғамгин, ноил ё маҳрум, сазовор ё носазо гардад.

* * *

Ашхоси пурзӯр ва ҷафокор нотавонтарин касонанд. Ононе, ки аз зӯр озмудан худро нигаҳ медоранд, бешак ба хеш ғолиб омадаанду ба иродаи хеш. Мушткаше, ки иродаҳоро намеписандад ва дар баробари ин назди зӯру тавони хеш гардан ниҳодааст, озод нест, ки ин мағлубияти бадтарин ва ҳатто фоҷиа аст. Чунин шахс хоҷаест ғуломи хеш.

https://bikhon.tj/

* * *

Дуруст шинохтани одамон монанди исботи ҳақиқат бо ранҷу заҳматҳо муяссар мешавад. Яъне, дурустӣ ҳақиқат аст.

* * *

Тиқ-тиқи соат садои пойи вақт аст. Пире мегуфт, ки гӯшам гарон аст ва садои соатро намешунавам. Бармеояд, вақт аз ӯ хеле дур рафтааст, ки садои пояшро намешунавад.

* * *

Соат вайрон шуду ақрабакаш аз гардиш монд. Дареғо, вақт як лаҳза таваққуф накард.

* * *

Соатҳо арзонанду қимат, вақт ҳамеша қимат аст.

* * *

Ақрабаки соат бо роҳе мераваду бозпас меояд, вале вақт ҳамвора бо роҳи рост мешитобад.

* * *

Зангӯлаи соат бедорамон созад. Вақт ба хобу ғафлати мо коре надорад.

* * *

Соататро гум кунӣ, ҳамоно онро ҷӯё мешавӣ. Вақт, ки соат барои шинохтани он аст, гум шавад, хеле дер дарак меёбӣ.

* * *

Бо соати тиллоӣ менозид, ғофил аз он ки лоақал як дақиқаи вақтро бо кӯҳи зар наметавон харидорӣ кард.

* * *

Худоҷон, чун ман аз дунё биравам, ситораамро дар осмон поянда дор. Агар аз мо ба одаму олам равшании як ситора боқӣ бимонад, донем, ки беҳуда назистаем.

* * *

Шаб нисфи умри дунё, шаб нисфи умри мову шумост. Шаб кӯраи сӯзу сози шоирон, оташкадаи дарду гудози дӯстдорон, сафҳаи розу ниёзи сӯфиён аст. Ва низ ҳиҷобу сад гуноҳ аст шаб. Инсон аз рӯз метарсад

https://bikhon.tj/

ва аксар гуноҳонро шабона ба доираи амал мекашад. Шояд ӯ мехоҳад, ки сиёҳиҳои номаи аъмолашро дар сояи сиёҳи шаб пӯшидаву мастур бидорад. Ва боз ҳам аз фурӯғи моҳу ситорагони дурахшон меҳаросад, бок дорад, ки сиёҳиҳояшро дар назарҳо ҷилва медиҳанд. Шукронаи ситораву моҳ бикунед, аё одамони покниҳод! Агар маҳтобу ситорагони само ҳам намебуданд, пас тӯдаи сияҳдасту сияҳдилу сияҳҷону сияҳҷигар нисфи умри дунё, нисфи умри мову шумороториктар месохтанд.

* * *

Рӯз мазҳари нур, масдари офтоб, манзари накӯиҳост. Рӯз чун оина пок аст, балки оинадори покиҳост. Гурӯҳе аз накӯиву покӣ, савобу озодагӣ дуранду бегона ва меандешанд, ки рӯз мӯҳтоҷи нури онҳо нест. Дар асл ҳеҷ гуна нуре надоранд онҳо, нуронӣ нестанд, равзанаи дилҳояшон аз дарун баста аст. Рӯзона офтоб шудан намехоҳанд, шабона ба ҳукми ситорае ҳам нестанд. Агар офтоб нестӣ, маҳтоб бош, агар маҳтоб натавонӣ шудан, ситораяке шав, эй инсон!

* * *

Баъзан як барг метавонад, дар он сӯйи худ ҷаҳонеро аз чашмҳо пинҳон дорад.

* * *

Ҳар чиз дар муқобили чизи дигаре хубу зебо менамояд. Сафедӣ дар қиёс бо сиёҳӣ, гармӣ дар қиёс бо сардӣ, хайр дар қиёс бо шар, гул дар қиёс бо хор зебост. Агар марг намебуд, зиндагӣ қадру қимате намедошт.

* * *

Агар марг намебуд, инсонҳо онро меофариданд. Шояд дар оғоз марг худ набуд.

* * *

Зиндагӣ заҳри ширинест, ки тамоми умр мехӯрем. Лаҳзаеро, ки ин заҳр ҳалокамон месозад, марг мехонем.

https://bikhon.tj/

* * *

Гул мехезаду мерезад, то ки инсонро аз рафтани умр бохабар кунад…

Пироҳани нав замоне кӯҳна хоҳад шуд…

Ҷомҳои лабрез охир тиҳӣ мемонанд…

Шишаҳо мешикананд…

Бомҳо меафтанд…

То ки инсон ба қадри ҳаёт бирасад. Вале ғофил аст инсон. Вай лаҳзае дар бораи зиндагии ғанимат меандешад, ки умраш андаке монда.

* * *

Яке орзу мекунад, ки бол дошта бошад. Дигаре дасту пойи расо доштанро орзу мекунад. Орзуи ҳама баробар набудааст дар зиндагӣ.

* * *

Дил оинаест, ба тарафе, ки рӯяш нигаронида шавад, акси он дар ӯ ҷой бигирад. Диле, ки ба Худо рост аст, оинаи Худост.

* * *

Бузургон дар ҳақиқат зода мешаванду дар афсона мемиранд. Аз ин ҷост, ки ба маргашон боварамон намеояд.

* * *

Мо зодагони ину он модарему куштагони теғи зиндагӣ.

* * *

Ҳар субҳи нав ба худ мегӯям, ки ман маҳз имрӯз ба дунё омадаам ва ҳанӯз аз бухлу кинаву ҳасад хабар надорам.

* * *

Мое, ки гоҳи меҳмонӣ ба нозу неъмат боадабона даст мебарем, ба дасторхони ин олам, ки ду-се рӯз меҳмони ӯем, ҳамчун гуруснагон дарафтодаем.

* * *

Баъзе касон бо чашмашон дурӯғ мегӯянд, дурӯғе бо забони ашкҳои сохта.

https://bikhon.tj/

* * *

Аҷаб мадор, ки чанде касон туро бо чашми бино намебинанд, бо гӯши шунаво намешунаванд. Намебинад ва намешунавад ақлу дили онҳо.

* * *

Дар мактаби илм ақлҳо бо ҳам баробар нестанд. Дар дабистони муҳаббат оё ҳама дилҳо баробаранд?

* * *

Зиндагӣ он нест, ки то мурдан зинда бошӣ. Зинда он аст, ки барои зиндагӣ бимирад.

* * *

Тамоми умр инсон лаҳзаеро меҷӯяд, ки аз хештан ризо ва қаноатманд бошад, аз нияти худ, аз кардаҳои худ, аз ҳосили амали худ. Яке мекӯшад, доро бишавад, то эҳсоси дороӣ варо қаноатманд бикунад. Дигаре шунидани ҳарфи маддоҳонро дӯст медорад, то бо таъсири ситоиш аз хеш ризоманд гардад. Саввумӣ мехоҳад, бо тоату ибодат ризоияти Худовандро дарёбад, зеро танҳо ризоияти Худованд сабаби қаноатмандист. Тамоми умр инсон лаҳзаеро меҷӯяд, ки аз хештан ризо ва қаноатманд бошад.

* * *

Гуноҳамон чист, ки аз нахустин рӯз зиндагӣ моро мегирёнад?

* * *

Мо набудем, моро офариданду насиби зиндагӣ доданд. Мо набудем, вале аз ин андеша маҳзун нестем. Чун бияндешем, ки рӯзе зиндагӣ моро дигарбора ба кӯйи нобудӣ гусел хоҳад кард, маҳзун мешавем.

* * *

Садо хомӯширо мешиканад, нур торикиро барҳам мезанад, шодмонӣ ғамро мерабояд. Зиндагӣ садост, зиндагӣ нур аст, зиндагӣ шодмонист.

https://bikhon.tj/

* * *

Зиндагӣ меояду марг меравад. Зиндагӣ меораду марг мебарад.

* * *

Зиндагӣ дарёсту марг соҳил.

* * *

Гузаштаи мо, ки аз даст рафта, дар хотир монда. Оянда ҳанӯз наёмадааст ва намедонем, ки то омаданаш зинда бошем ё на. Гузаштаву оянда зебо менамоянд, яке дар оинаи хотираҳо, дигаре дар оинаи орзуҳо. Бад-ин минвол миёни соҳилҳои хотира ва орзу рӯди имрӯзамон мегузарад, имрӯзе, ки аз нигоҳи дирӯз фардо буд, орзуи фиребо буд, ояндаи зебо буд. Имрӯзе, ки аз нигоҳи фардоямон дирӯз аст, шамъи дилафрӯз аст. Миёни соҳилҳои хотира ва орзу рӯди имрӯзамон мегузарад, намедонем, ки то омадани фардо зинда бошем ё на. Миёни соҳилҳои хотира ва орзу умри мо мегузарад, мо мегузарем.

* * *

Фардо омаданисту мо рафтанӣ. Номи мо Имрӯз аст.

* * *

Хобу ғафлати мо бо соат қиёсшаванда аст: агар ақрабакҳо ғофил шаванд, соат бозмемонад.

* * *

Дар дунё яке талаби илм дорад, дигаре даъвои доноӣ.

* * *

Лаби ҷононаро шакар гуфтем. Хуб гуфтем, муносибу барҷо гуфтем. Вале гоҳо зиндагӣ маҷбурамон месозад, ки захрро асал хонем.

* * *

Ҳамагон дил доранд, вале кам касон дилро мешиносанд.

https://bikhon.tj/

* * *

Бо марги ҳар инсоне диле мемирад, диле, ки солиён бо мо ҳамнавову ошно буд, диле, ки ғаму шодии ҷаҳонро дар хеш фароҳам дошт, диле, ки шояд ишқи бузурге мепарварид.

* * *

Марги одамизод аз марги дил сар мешавад. Дил аст асли инсон. Бунёди мо шояд аз дил буда, на аз гил.

* * *

Шодӣ меояду меравад, ғам буду мемонад. Шодӣ меҳмон аст, ғам хона. Шодӣ раҳгузар аст, ғам роҳ.

* * *

Аз ғам дурӣ маҷӯед, ки ҷаҳдатон барабас аст. Бикӯшед, ки ба висоли шодӣ бирасед.

* * *

Аз ҷаҳони дил чӣ гӯем, ки дили мо дар ҷаҳон намегунҷад.

* * *

Бадбахтӣ лаҳза аст, лаҳзаҳои баъди он бадбахтӣ нест, балки ёди бадбахтист. Бадбахтӣ эҳсос аст ва чизе нест, ки лоиқи дар хотир маҳфуз доштан бошад. Вале инсонҳо эҳсоси бадбахтиро дар вуҷуди худ зинда медоранд ва бо ҳамин мегӯянд, ки онҳо бадбахтанд. Ҳол он ки метавонанд, бо фаромӯш кардани ин эҳсос худро ба якбор хушбахт дарёбанд ва хушбахт бимонанд.

* * *

Дар замири ҳар афсона ҳақиқате ниҳон аст. Ҳақиқат низ афсонаҳое дорад.

* * *

Аё онҳое, ки ба марги инсон навҳа доред. Ӯ дар замони зиндагияш ҳазорон бор дилу дидаи гирён дошт. Оё боре ба ғами ӯ шарик будаед?

https://bikhon.tj/

* * *

Дер ё зуд марг фаро мерасад ва инсонро намегузорад, ки маҷоле барои хеш ҳам бигиряд. Аз гиряи дигарҳо чӣ суд?

* * *

Басо дӯстон, ки нуқсони моро аз мо нуҳуфта медоранд. Душманонанд, ки айби мо рӯёрӯй мегӯянд. Агар гӯш ба ҳарфи онҳо диҳем, заъфи худро хоҳем донист. Агар айби худро донем ва пайи ислоҳи он бикӯшем, нерӯманду комилтар хоҳем шуд. Душманонамон беҳтар аз дӯстонамон моро ба сӯйи камолот ҳидоят мекунанд.

* * *

Шамъ меафрӯзам, то ки кошонаам равшан бошад. Парвонае меояд пайи худсӯзӣ. Ман аз шамъ равшанӣ мехоҳам ва равшанӣ меёбам. Парвона чӣ мехоҳад ва чӣ меёбад?

* * *

Субҳ хандиду шамъ аз гиря монд.

* * *

Ашки шамъро дидам ва ман ҳам гиристам. Ашки ман бар шамъ борид ва онро бефурӯғ кард. Ашкро бо ашк чора кардам.

* * *

Инсон тамоми умр камол меёбад, то…

* * *

Гоҳе, ки ба марги дӯсте дидаву дили хунафшон дорем, надонем, ғами мо бузургтар аст, ё ғами ӯ. Зеро мо аз дӯсте ҷудо шудаему ӯ аз ҳамагон. Мо метавонем лоақал ашке бияфшонем, вале он бечора…

* * *

Ранги сабз рамзи баҳору сабзиш аст, ранги зард нишони тирамоҳу хазон. Вале гоҳо ранги зард низ гувоҳи баҳору сабзиш аст, монанди гулҳои наврӯз, қоқу, вартоҷ. Онон зардгуна месабзанд.

https://bikhon.tj/

* * *

Худро дар кӯчаҳои зиндагӣ гум кардаму дар оина дарёфтам. Оина маро ба назди ман бозовард.

* * *

Вақт бо ғам намесозад. Шитоб дорад, то умри ғамро ба фарҷом оварад.

* * *

Фардои шумо тифл аст, тифли зебову озодаву бегуноҳ. Имрӯзатон чун пир шуд, бо ғами он тифли фардоятонро маёзоред. Шоиста нест, ки ғами имрӯзро ба фардо кашонед. Шоиста нест, ки ин тифл пирона ғам бихӯрад.

* * *

Бедард онест, ки ҳанӯз дарди хешро намедонад.

* * *

Агар марг бехабарист, пас бехабарӣ ҳам марг аст.

* * *

Марг тарозуст, қадру қимати ашхосро аён месозад.

* * *

Рӯзҳо мегузаранд, аз ин боке нест. Ҷойи афсӯс аст, ки рӯзҳо порае аз ҷони мо, нуре аз чашмони мо, дӯсте аз карони мо мерабоянд. Рӯзҳо мегузаранд, аз ин боке нест. Ҷойи андӯҳ аст, ки дер ё зуд оқибат фаро мерасад он лаҳзаи ногузир, ки охирин пораи ҷони мо, охирин ламъаи нури чашмони моро мерабояду аз маҳфили дӯстон ҷудоямон месозад.

* * *

Ҳазориспанд то насӯзад, бӯйи хушаш зоҳир нашавад.

* * *

Пул бекурб мешавад, вале меҳри пул дар дили ҳарисон ҳамоно бақурб аст.

* * *

Аз ғам хӯрдани мову шумо кам намешавад ғам.

https://bikhon.tj/

* * *

Инсон хобе бубинад, баъдан таъбир мечӯяд, ки он хоб ба бедорияш чӣ медода бошад. Кам меандешад, ки бедорияш ба зиндагӣ чӣ хоҳад дод.

* * *

То рӯзгоре, ки сабзаву гул мешукуфад, то замоне, ки булбул ошиқ мешавад, то рӯзе, ки обу офтоб ҳаст, то даме, ки рӯйи зебо, дили зебое бо мост, то лаҳзае, ки тифле дар гоҳворае бузургӣ мехоҳад, зиндагиро дӯст бояд дошт.

* * *

Агар марг намебуд, муҳаббат намебуд.

* * *

Мӯр ба болои санге, ки дар назараш кӯҳ аст, баромаду аз ман пурсид:

-Чаро ту аз кӯҳи худ метарсӣ?!

* * *

Зиндагӣ дард аст, вале надонем, дармонаш чист.

* * *

Бо дами нафас шамъеро метавон кушт. Ва ҳам метавон оташеро дар оташдоне бо дами нафас фурӯзон карду қувват бахшид.

* * *

Будану зистани мо тамошои телевизорро монад, танҳо фарқ ин аст, ки барномаашро қаблан дар рӯзномае намехонем.

* * *

Олами ҳастӣ филм асту мо бинанда. Саргарми тамошоему якояк хобамон меояд ва бидуни ихтиёр чашмони мо баста мегардад.

* * *

Мардум нафареро девона мешуморанд, ки дар ақл аз онҳо бенавотар ва фурӯтар бошад. Вале гоҳо фарзонаеро ҳам девона мехонанд, азбаски худашон аз ӯ бечоратаранд ва фурӯтаранд дар ақл.

https://bikhon.tj/

* * *

Баҳори беборон тирамоҳ аст. Тирамоҳ бо ҳазор борон баҳор нест.

* * *

Сарҳо ба хок равонаанду тоҷҳо аз саре ба саре.

* * *

Гоҳо аз лиқои сарду тираи касе гармтару рӯшантар аст лиқои девор.

* * *

Дар бозор пули қалбакӣ пайдо шудааст. Бонг мезананду ба созандагони ин гуна пулҳо ҷазо металабанд. Дар зиндагӣ гули қалбакӣ бисозанд, диле соҳибназар нест. Дар ишқ дили қалбакӣ бисозанд, хабаре нест гулеро.

* * *

Гоҳе, ки тифле бимирад, маро дил ба модари ғамхораи ӯ бисӯзад, ки бо ҳазорон орзуву умед фарзанд зоду парварид, вале меҳнаташ барабас шуд. Гоҳе, ки ҷавоне бимирад, маро дил ба модари ғамхораи ӯ бисӯзад. Ва низ ин дил ба сӯзиш ояд, гоҳе, ки пире бо зиндагӣ видоъ кунад. Бияндешам, ки замоне модари ғамхораи ӯ бо ҳазорон орзуву умед фарзанд зоду парварид, вале меҳнаташ зоеъ шуд. Оре, фарзанд сад сол умр бинад ҳам, ранҷи якшабаи модар аз он бештар аст. Ҳосили ҷонсӯзиҳои модар бояд зиндагии ҷовидона бошад.

* * *

Номаҳо, аз хома ёдовар шавед!

* * *

Оина бо ҳама рӯшанӣ ва покизагӣ дурӯёнро якрӯй намоиш медиҳад.

* * *

Инсон оина сохт, то рӯйи худ бубинад. Ҳоло зумрае рӯй месозанд, то дар оина зебо ба назар оянд. Худоё, фардо магар чашме хоҳанд сохт, то зиштро зебо бубинанд?

https://bikhon.tj/

* * *

Зиндагӣ роҳ аст. Мебоист одамон дасти ҳамдигар бигиранд, вале пойи ҳамдигар мегиранд.

* * *

Як чашм барои дӯстдорӣ, чашми дигар барои душманӣ.

Дил бо кадоме иттифоқ кунад?

* * *

Офтобе, ки дар интиҳои имрӯзамон ба ҷойгоҳи ғуруб рафт, фардо боз хоҳад омад ва рӯзи наверо равшан хоҳад кард. Вале имрӯзи рафтаамон ҳамроҳи офтоб намеояд. Фардо имрӯзи дигарест. Офтоб ҳамон асту рӯз ҳамон нест.

* * *

Устод дар тахтаи синф бо бӯри сафед менавишту мо дар коғази сафед бо килки сиёҳ. Дунё мактабхонаест, ки устодонаш ба сиёҳӣ сафедӣ мебахшанду шогирдонаш ба сафедӣ сиёҳӣ.

* * *

Дунё чандон ба сиёҳӣ олудааст, ки одамонаш сафеднависро ҳам бо ранги сиёҳ менависанд.

* * *

Шамъе, ки баъзан меафрӯзанд, ба маҳфил торикӣ меорад.

* * *

Аҳли дунё ҳама гуруснагонанд, тоифае гуруснаи дониш, тоифае гуруснаи мол, тоифае гуруснаи нон.

* * *

Чун марги касе фаро расад, саропояш сард шавад. Сардии нигоҳу сардии хуну сардии дил магар зиндагист?

* * *

Чизеро ё касеро зебо шуморидан ё зишт ангоштан ҳанӯз бурҳони шинохтан нест. Баҳои касон баъзан вобаста ба ирода ва ихтиёр аст.

https://bikhon.tj/

* * *

Иддае аз беҳудагӣ ба абри ҳарзагард шабоҳат доранд. Гоҳе, ки борон мебояд, намеборанд. Гоҳе дигар, ки гармию равшанӣ боиста аст, ба чашми офтоб парда мекашанд.

* * *

Ҳар инсонро метавон дӯст дошт, ё бад дид. Ҳар инсонро метавон зебо шумурд, ё зишт ангошт. Инсонро вақте дӯст медорем, ки ба сифатҳои хуши вай дида кушоему аз сифатҳои нохушаш чашм бандем. Ба ҳар нуқтае, ки чашм назар кунад, соҳиби чашм ҳамонро мебинад.

* * *

Сафедро сиёҳ кардан осон, сиёҳро сафед кардан ҳунар аст.

* * *

Аз шитоби баъзе касон қарори дарахти ноҷунбон беҳтар.

* * *

Шишаро аз дили санг меоранд. Пас чаро сангҳо шиша мешикананд.

* * *

Зиндагиро шабоҳат ба дарё додаанд. Шояд аз он хотир, ки дарё рӯй-рӯйи сангҳо мераваду роҳи сахте менавардад.

* * *

Ҳар кас бояд аз беақлӣ афсӯс бихӯрад. Ҳазар аз one, ки якумр ба заъфи хиради худ иқрор нест.

* * *

Ақл ҳамеша ақиб мемонад.

* * *

Ақл ҳамеша рӯй-рӯйи ях роҳ меравад.

* * *

Шумо мехоҳед, ки ман сабр варзам. Бикӯшед, ки аввал вақтро қарор диҳед.

https://bikhon.tj/

* * *

Дили инсон мӯрест, дони ғам бар дӯшаш ниҳода.

* * *

Ба назар ҳама чӯёи ҳақиқатанд, ба назар ҳама аз ҳақ мегӯянду меандешанд. Вале агар дар воқеъ ҳамагон ҳақгӯю ҳақандешу ҳақшинос мебуданд, ҳақиқат ин қадар ноёб намешуду забонҳову ақлҳову чашмҳо пайи дарёфти он ранҷ намекашиданд.

* * *

Гоҳо фиреби гӯш аз рости чашм ҳазор мартаба афзалтар аст.

* * *

Умри булбул кӯтаҳ аст, умри гул кӯтоҳтар.

* * *

Зиндагии мо саҳифаи сиёҳнависро мемонад, умри дигар мебояд, то ки онро сафеднавис кунем.

* * *

Инсон тамоми умр ба тарбият ниёз дорад.

* * *

Чашмро аз дидан, забонро аз гуфтан ҷилавгирӣ кардан мумкин аст, ҳайф, ки гӯшро аз шунидан боздоштан наметавон. Вагарна аз сухани нохуш ба дилҳо захме намерасид.

* * *

Аз асал заҳр месозанд баъзе касон.

* * *

Рӯйи замин ба тахтаи шоҳмот мемонад. Гоҳе шоҳона пеш бирав, гоҳе бо лашкари пиёда ҳамқадам бош, гоҳе саманди навбат бирон. Кӣ дар ин бозӣ ғолиб асту кӣ мағлуб, танҳо Худо медонад. Агар оқибати бозиро мо низ қаблан медонистем, ҳоҷати будану зистан набуд. Акнун бигӯ, ҷуръати бозӣ дорӣ ё на?

* * *

Субҳи навдамида ба тифл мемонаду тифл ба субҳи навдамида. Зеро ҳарду поку бегуноҳанд.

https://bikhon.tj/

* * *

Ҷойи шерро рӯбоҳ гирифт, ҷойи булбулро зоғ, ҷойи гулро хор, ҷойи дӯстро душман. Зиндагӣ саҳнаи театр буд, акнун ин театр ба ҷангал кӯч баст.

* * *

«Аҷаб дунёе»-мегуфту ғам мехӯрд. Гӯё худ аз дунёи дигаре омадаасту дар қиёси ину он зиқ мешавад. Ин мусофир ба дунёи дилхоҳаш мерасад ё на?

* * *

Вақте ки қурси офтоб ба ба чоҳсори ғарб менишебад, сояҳо ба тарафи шарқ қад меафрозанд. Одамӣ ба қадри ҷавонӣ дар пирӣ мерасад.

* * *

Дарёе, ки ҳар баҳор дасти обхезаш соҳилҳоро мешусту вайрон мекард, хушкид. Соҳилонаш монданд. Боз баҳор омад. Дигар касе онҳоро соҳил намегуфт.

* * *

Ҷаҳон ба масал тӯйхонаест, мардум меоянду мераванд.

* * *

Ҷое хор паҳлӯи хор рӯида, ҷое хор паҳлӯи гул. Агар паҳлӯи гул гул мехоҳед, шумо онро бикоред.

* * *

Аҷаб нест, ки хор аз замин худ бирӯяд. Гули худрӯй аҷаб аст.

* * *

Ҷанги зану шавҳар то бистар аст. Бад аст, агар ҷанги зану шавҳар аз бистар оғозад.

* * *

Замони бад мегузарад. Вале афсӯс, ки зиндагӣ такрор намеёбад. Вагарна он пораи умр, ки ба замони бад рост омад, дар замонаи нек ранги хушӣ мегирифт.

* * *

Рост дурӯғ шуду дурӯғ рост. Аз ин рӯ, ба сухани рост бовари мардум намеояд.

https://bikhon.tj/

* * *

Гули охиринро дидаму гуфтам, ки ҳанӯз баҳор аст. Аввалин барги хазонро дидаму гуфтам, ки ҳоло тирамоҳ нест.

* * *

Бархе некӣ карда, пасон сози миннат менавозанд. Чӣ гӯям ба оне, ки қабл аз некӯӣ миннат мекунад.

* * *

Ситоразорон дуранд, аз ин боис инсон тӯли садсолаҳо рози онон меҷӯяд. Дили одамизод бо он ҳама розпарварӣ ба ситоразорони дур мемонад, ки сазовор аст, сӯяш роҳ биҷӯем.

* * *

Марг сорбони зиндагист.

* * *

Вақт монанди мошин метозад. Кош ин мошин низ пеши чашми мо оинаяке медошт, ки ба он нигариста, гузаштаи паси сарро медидем.

* * *

Чаҳор ҷониб бозор аст. Хоҳӣ бифурӯш, хоҳӣ бихар. Мард он аст, ки дар ин бозор худро харидорӣ карда тавонад.

* * *

Ин ғам барои мард бас, ки афтодае бо умеди ӯ бошад, то ки даст бигирад, вале ӯ натавонад, зеро худ афтода бошад.

* * *

Даруни дил ҷаҳон дорем, вале афсӯс, ҷаҳон дил надорад.

* * *

Агар марг намебуд, шояд инсонҳо онро орзу мекарданд, тавре, ки имрӯз бемаргиро орзу доранд.

* * *

Тире роҳи камон ҷуст, вале аз камон берун шуд. Бо оҳу афсӯс мегуфт:

https://bikhon.tj/

-Агар медонистам, ки дар камон қароре намеёбам, ҳаргиз аз тирдон берун намеомадам.

Розе роҳи забон ҷуст, вале аз забон берун шуд. Бо оҳу афсӯс мегуфт:

-Агар медонистам, ки дар забон қароре намеёбам, ҳаргиз аз дил берун намеомадам.

Инсон роҳи ҷаҳон ҷуст…

* * *

Бахилро ҷазои бухл бас аст, ҳасудро итоби ҳасад.

* * *

Агар хоҳед, ки дил аз ғусса накафад, назди ҳамдиле дил кафонед.

* * *

Мо як дил дорем. Гуноҳи мо нест, агар дил дудила бошад.

* * *

Пире мегуфт:

-Ду-се рӯз умр дидам.

Аҷабам омад, чунки ӯ навад сол дошт. Баъд донистам, ки ӯ танҳо рӯзҳои хуши зиндагияшро умр ҳисоб мекардааст.

* * *

Илм бе баҳс намепояд, гуфтаанд. Ҷое, ки илм несту баҳс ҳаст, оташкадаест, ки дар он дуд ҳасту оташ нест.

* * *

Чаро мардон мехоҳанд, ки зан пок бошад? Зеро зан сарчашма асту дарёи одамӣ аз ӯ оғоз мегардад. Агар сарчашма нопок бошад, аз оби дарё покӣ талаб кардан хатост.

* * *

Аз ман мепурсед, ки дар ин дунё кӣ будӣ. Меҳмони мизбони номеҳрубоне будам.

* * *

Чашм зинаҳоеро, ки зери пой омадаанд, дигарбора намебинад. Нигоҳи мо ба зинаҳоест, ки болотар қарор доранд.

https://bikhon.tj/

* * *

Беморе даргузашт. Яке гуфт, ки дард сабаби марги ӯ шуд. Дуввумӣ афзуд, ки дарди ӯ ба чуз марг давое надошт. Донистам, ки зиндагӣ дард будааст.

* * *

Зиндагӣ номҳои зиёде дорад, амсоли Ишқ, Умед, Орзу… Номи Марг яктост.

* * *

Зиндагӣ ҳазор гаҳвора дораду марг яке тобут.

* * *

Интизорӣ талх бошад, монои марг. Чӣ ном диҳам ба интизории оне, ки аз зиндагӣ навмед асту чашм ба роҳи марг дорад?

* * *

Зистан аз худ ризо осон, мушкил аст аз худ ризо мурдан.

* * *

Сухани хуш он аст, ки аз забоне хезаду ба гӯше нишинад. Агар сухан аз диле хезаду ба диле нишинад, боз ҳам хуштар аст. Бад аст, агар сухан аз як даҳон барояду ба сад даҳон дарояд.

* * *

Дунё ба хонаи иҷора мемонад. Муддате дар он зистанамон мебояд. Мехоҳем ё намехоҳем, рӯзе калиди ин хонаро ба соҳибхона супориданамон зарур.

* * *

Ин чӣ сабқат аст, одамон мехоҳанд, дар зиндагӣ баробари ҳам бишаванд, вале марг онҳоро бо ҳам баробар месозад.

* * *

Субҳидам, ки аз хоб чашм кушодӣ, бияндеш, ки ин шабро дардмандони олам чӣ гуна ба рӯз оварда бошанд.

Шаб, ки ба рахти хоб такя мезанӣ, бияндеш, ки имшаб гуруснагони олам чӣ гуна хоҳанд хуфт.

https://bikhon.tj/

* * *

Дар аввал хоку гул буд. Аз гул занро офариданду аз хок мардро. Аз ин ҷост, ки решаи зан дар мард фурӯ рафтааст.

* * *

Баҳор буд. Аз қазо барф борид ва ҷавонаҳоро сармо зад. Зоғон хандиданду булбулон гиристанд.

* * *

Доро ҳама чиз дорад, камбағал танҳо меъда.

* * *

Зиндагӣ дарёст, иддае шиновари онанд, иддае ғариқ.

* * *

Дунё хонаест бо як телевизор. Аз аҳли хона яке филм дидан мехоҳад, дуввумӣ бозии футбол, саввумӣ суруду мусиқӣ. На ҳар кас хостаи худро дида метавонад.

* * *

Афтодатар аз соя нест, вале касе онро намебардорад.

* * *

Ҳеч хайрхоҳӣ ба каси дигар бадхоҳӣ ба худ нест. Вале басо хайрхоҳӣ ба худ аст, ки бадхоҳист ба каси дигар.

* * *

Хотира моро ба оянда мепайвандад. Дар оинаи хотира ҷамоли ояндаамонро мебинем.

* * *

Агар хуршед ҳам бошӣ, ба роҳи рафтаи худ боз меоӣ.

* * *

Гурӯҳе гӯё танҳо барои пул ба дунё омадаанд.

* * *

Инсон гоҳе барои зистан вақт намеёбад, гоҳе барои мурдан.

https://bikhon.tj/

* * *

Тифлон ба меҳри модар ҳарисанду бо ҳамдигар сабқат мекунанд. Вале намедонанд, ки меҳри модар адонопазир аст.

* * *

Бе ҳар суруди носуруда зиндагӣ комил нест.

* * *

Ҳар чизе, ки оқибат куҳна хоҳад шуд, нав нест.

* * *

Чаҳор сӯ оина. Рози дил ба кӣ гӯем, ки акси мо низ маҳрами мо нест.

* * *

Рӯшноӣ мешитобад, рӯшноӣ суръати аз ҳама баланде дорад. Вале чаро гоҳо ба дилҳои пазмон намерасад рӯшноӣ?

* * *

Дарё бо пойи покиза роҳ меравад, то ки гарде ба фарш намонад.

* * *

Олам дигар шавад, шудан гирад. Мабодо одамонаш дигар шаванд. Балки одамон дигар намешаванд. Ё дар аввал, ё дар охир шояд мо хато кардаем.

* * *

Дунё нақши як қадам аст. Зи нақши як қадам рафтан монанди рафтан аз дунёст.

* * *

Ҳар гулеро хазон дар пай аст. Имрӯз турфа ҳолест, ошиқе ба дилбаре гулдаста мебахшад ва медонад, ки дар дилаш гули ишқ зудтар аз он гулдаста хазон хоҳад шуд.

* * *

Марг танҳо якеро ҷомаи сафед мепӯшонаду чандеро ҷомаи сиёҳ.

* * *

Як лаҳза ғам хӯрдан баробар бо шаби меъроҷ аст.

https://bikhon.tj/

* * *

Якеро ғам, дигареро беғамӣ мекушад.

* * *

Муҳаббат ҳам агар афзун шавад, беқадр мегардад.

* * *

Решаи дарахтон дар хоки гузашта, шохаҳои онон дар фазои оянда қарор доранд.

Гузашта реша аст, имрӯз танаву шоха, фардо гулу барги як дарахт. Бе реша шоха нест, бе шоха меваву барг. Бе дирӯз имрӯзу бе имрӯз фардо нест.

Вақте ки дарахтеро мебурӣ, бидон, пайванди миёни дирӯзу имрӯзро буридаӣ.

* * *

Ба дунё омада чандон фирефта шудам, ки саҳл буд, фаромӯш созам, барои чӣ ба дунё омадаам.

* * *

Оне, ки аз бадӣ хештандорӣ мекунад, некӣ кардааст. Оне, ки тавони некӣ дорад, аммо истихора мекунад, бадкор аст.

* * *

Ақрабакҳои соат ҳар шабу рӯз ду бор риштаи умри моро кӯтоҳтар мекунанд.

* * *

Туро ба моҳ шабеҳ донистан ғалат аст. Рӯйи ту доғе надорад.

* * *

Хато будааст, ки туро сангдил мехондам. Нолаи мани ошиқ дили сангро об карду ба дили ту коргар нашуд.

* * *

Висоли ту беҳтарин ва волотарин хостаи ман аст. Ва ман меандешам, ки инсон ба баландтарин қуллаи таманнояш набояд музаффар шавад. Вагарна хостаҳои дигараш маъно нахоҳанд дошт ва он гоҳ ӯ бояд бимирад. Охир танҳо ҷазбаи орзуву таманност, ки моро зинда медорад ва дастамонро ба домани рӯзи нав

https://bikhon.tj/

мепайвандад. Ман, ки беш аз зиндагӣ дӯстат медорам, аз марг метарсам.

* * *

Шавҳаратро мехоҳам назаре бубинам. Ба ӯ кинае надорам. Танҳо мехоҳам бидонам, ки он хушбахти дунё кист.

Гоҳе, ки бо духтаре танҳо ба танҳо мемонам, садои ту аз дуриҳои дур маро ово мекунад: «магзор, ки сабзаҳои поки ишқи ман дар замини синаат поймоли ҳавову ҳавас гардад.»

* * *

Ҳар шаб туро дар хоб дида бедор мешавам ва болиштро чаппа мегузорам. Зеро шунидаам: Агар нафаре ба хобат ояду бедор шавӣ, таҳсариро паҳлӯ гардон, он шахс низ туро дар хобаш хоҳад дид. Акнун бигӯй, оё ту ҳам боре маро дар хоб дидаӣ?

* * *

Туро борҳо дидаам, вале боре ҳам аз дидорат сер нагаштаам.

* * *

Маро хори раҳ макун, вагарна ба поят хоҳам халид.

* * *

Ту зиндагии ман ҳастӣ. Магар намехоҳӣ, зиндагиро дӯст бидорам?

* * *

Инсонро ишқ меофаринад, марг мекушад.

* * *

Муҳаббат чун бо шаҳват олуда шавад, ба нафрат табдил меёбад.

* * *

Маҳтоб мебинад, ки ман ҳама шаб бедорам, туро ёд менамояму аз шарори ишқ дилу ҷонам месӯзад. Бедорам то ситораи рӯз.

Чӣ шавад, ки лаҳзае аз хоби ноз чашм кушоӣ ва аз маҳтоб ҳикояти ҳоли ошиқи зор шунавӣ.

https://bikhon.tj/

* * *

Гӯянд, ки ситорагон дуранд, басо дур. Донам, ки то хонаи ту роҳ наздик аст, хеле наздик. Нигоҳи ман ба ситорагони дур мерасаду ба дидори ту наздик не.

* * *

То хонаи ту як дақиқа роҳ асту то дили ту як умр.

* * *

То хонаи ту як лаҳза роҳ асту ман тамоми умр орзу дорам, лаҳзаяке ҳамнишинат бошам.

* * *

Ту нимаи маниву маро месӯзонӣ. Як нимаи олам парвои нимаи дигар надоштааст.

* * *

Танҳо як умр дорам ва як дил ва як ишқ. Ва танҳо туро дорам, ягонаи ман. Магар равост, ки ин ҳама нодираҳои нотакрор бо ҳам набошад?

* * *

Ман танҳояму ту ягонаӣ.

* * *

Ман ба дунё омадаам, то ки туро дӯст дорам.

https://bikhon.tj/

ЗИНДАГИНОМА

Искандари Раҳмон 25 декабри соли 1970 дар рустои Хумгарони шаҳри Панҷакент, дар оилаи коргар таваллуд ёфтааст. Баъди фароварди мактаби деҳааш соли 1986 ба Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент дохил мешавад. Ҳамзамон, узви маҳфили адабии «Бунафша»-и назди рӯзномаи «Зарафшон» буд. Соли 1990 Омӯзишгоҳро бо дипломи аъло хатм карда, донишҷӯйи факултети журналистика ва тарҷумонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мешавад. Соли 1995 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм кардааст. Алъон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии шумораи 83, деҳаи Хумгарон аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, алифбои ниёгон дарс мегӯяд.

Аз овони наврасӣ машқи шеър мекунад.

Навиштаҳояш дар нашрияҳои «Зарафшон», «Меҳнат», «Чашмаи меҳр», «Ҳақиқати Ленинобод» (ҳоло «Ҳақиқати Суғд»), «Пионери Тоҷикистон» (ҳоло «Анбоз»), «Ба қуллаҳои дониш», «Адабиёт ва санъат», «Ҷумҳурият», «Паёми Душанбе», «Сомон», «Курер Таджикистана», «Чархи гардун», «Нури зиндагӣ», «Фараж», «Ҷавononи Тоҷикистон», «Тоҷикистон», маҷаллаи адабии «Хуҷанд» (ҳоло «Паёми Суғд»), ҳамчунин китобҳои дастҷамъии «Бунафшаи Зарафшон» (Хуҷанд, 1991), «Рӯдакӣ бояд, ки ояд бори дигар бар ҷаҳон» (Панҷакент, 1996), «Дуррату-л-воъизин» (Душанбе, 2007), «Ман намурдаам, ай дӯст» (Душанбе, 2008), «Рӯдакӣ дар шеъри муосири тоҷик» (Душанбе, 2008), «Таълимгоҳи бузургон» (Душанбе, 2010), «Гулчини ғазал» (Душанбе, 2010), «Гулшани ғазал» (Душанбе, 2011), «Истеъдод лутфи худовандист» (Душанбе, 2011), «Ҷӯйи шикаста» (Панҷакент, 2012), «Тазкираи Панҷакент» (Душанбе, 2015), «Ашъори дилпазир» (Душанбе, 2016), «25 гуфтор» (Душанбе.

https://bikhon.tj/

2016) «Наврӯзи Зарафшон» (Душанбе, 2017) ва гайра чоп шуда.

Маҷмӯаҳои алоҳидааш – «Намози шабнам» (Душанбе, 1993), «Гулистони гӯё» (Панҷакент, 2001), «Қатраҳои ашки гамсӯз» (Панҷакент, 2005), «Ҷоми ҳанӯз» (Душанбе, 2010), «Аз субҳ то чароғ» (Душанбе, 2013) ба дасти алоқамандони адабиёт расидаанд.

Рӯзи 2 сентябри соли 2015 шеъри ӯ-«Бикӯшему некӣ ба кор оварем» дар озмуни байналмилалии «Фарҳанги ҳимоят» (Тоҷикистону Эрон) мақоми дуввумро дарёфт карда буд.

9 сентябри соли 2016 озмуни шеър бахшида ба пирӯзии гурзпартои беҳамто, фарзанди миллати тоҷик, барандаи медали тиллои Бозиҳои олимпии Рио-де-Жанейрои Бразилия Дилшод Назаров ҷамъбаст шуд. Ҳайати доварон шеъри шоир ва омӯзгор Искандари Раҳмонро сазовори ҷойи аввал донистанд.

https://bikhon.tj/

Мундарича

Қиссаҳо

Доғи қисмат 3
Падруди ҷонгудоз 71

Ҳикояҳо

Тоҷи хунолуд 101
Фариштаи марг 105
Остони баланд 107
Баҳои ишқ 111
Ҳамсоя 115
Накҳати шири моҳ 117
Хиҷолат 118
Гудоз 119

Хӯшаҳои парешон

Рамуз 121
Афсӯс 121
Шабоҳат 121
Санг..... 122
Дард 122
Саргузашти мавҷе..... 122
Оҳанги ишқ 123
Оқибат 123
Хандаи офтиоб 124
Дилкашол 124
Манманӣ 124

Қатраҳои ашки ғамсӯз

Андешаҳо 125

https://bikhon.tj/

ДОҒИ ҚИСМАТ

Муҳаррири ороиш *А. Исоев*
Муҳаррири техникӣ *К. Эгамбердиев*

БИ № 5789

Ба чоп 03.05. 17 имзо шуд. Андозаи 60Х84 $^{1}/_{16}$.
Коғази офсет. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсет.
Ҷузъи чопии шартӣ 9.63. Адади нашр 300.
Супориши №. 20 Нархи шартномавӣ.

Муассисаи нашриявии «Ирфон»-и
ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17.
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018, E.mail: irfon-company@mail.ru

ҶДММ «Сифат – Офсет»

https://bikhon.tj/